Этот мультипликатор особенно полезен, поскольку он показывает оценку количества создаваемых рабочих мест по стране в целом, так и как цепочку дополнительных рабочих мест, создаваемых в конкретной отрасли. Также этот мультипликатор больше подходит для малых открытых экономик, которые могут легко привлекать дополнительную рабочую силу в стране посредством миграции.

Помимо этого, произведенные по модели МОБ расчеты также позволяют оценивать прямые и косвенные последствия изменений в масштабах, технологии и структуре производства, потребительском спросе, внешней торговле, инвестиционной сфере, соотношениях цен и доходов. Модель МОБ Леонтьева – важный инструмент, применяемый правительством для измерения влияния на национальную экономику различных вариантов инвестиционной и налоговой политики, внешней торговли, военных расходов, при разработке программы социально-экономического развития страны и отдельного региона и т.п.

Таким образом, привлекательность использования межотраслевых мультипликаторов в практике управления экономикой страны представляется достаточно высокой. Однако перед использованием данного инструментария необходимо провести тщательный анализ ограничений модели и выбрать источники исходных данных, позволяющих получить наиболее достоверные результаты на базе динамических моделей МОБ.

В заключении следует отметить, что в процессе использования модели МОБ Леонтьева, мы сильно потеряли свои позиции в научном мире, в том числе, что касается состояния технологической и информационной базы для исследования и разработок. Следовательно, необходимо обновить таблицу «Ресурсы-Использование» за 2011 год. Матрица должна быть обновлена до 2017 года, согласно требованию ООН, матрицы социальных счетов и форматы данных в соответствии классификации GTAP(Global Trade Analysis Project). Создаваемая матрица дает возможность в формировании научной базы новой технологической волны и возрождения серьезного научного подхода к государственному управлению в национальной экономике.

**Литература**

1. Леонтьев В.В. Исследования структуры американской экономики. Теоретический и эмпирический анализ по схеме затраты - выпуск / В.В. Леонтьев. - М:, Госстатиздат, 1958. - 640с.

2. Mirzoakhmedov F. Construction of supply and use table for Tajikistan. / F.Mirzoakhmedov // Newsletter International Input-Output *Association (IIOA), Lisbon, Number 25, February, 2014,* p. 1-2.

3. Мирзоахмедов Ф. Макроэкономический анализ национальной экономики на базе «Затраты - Выпуск» Леонтьева. / Ф.Мирзоахмедов // Вестник «Таджикистан и современный мир», Душанбе.- 2015.- №5(32). - С.64–77.

4. Об одном итерационном методе вычисления мультипликатора Леонтьева // Материалы международной научно-практической конференции «Информационные технологии и компьютерное моделирование». - Ивано-Франковск, 2016.- С.143-148.

5. Формирование таблицы «Ресурсы-использование» (По итогам 2011 года по Республике Таджикистан) Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан //Статистический сборник. - Душанбе.- 2015.- 84 с.

УДК 336.02

# МАСЪАЛАҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ИЛМИ МОЛИЯ ВА ИНКИШОФИ МУНОСИБАТҲОИ МОЛИЯВӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Бегматов Ашурбой Ахманович*** *– номзади илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, тел.: 901-21-78-18*

*Дар мақола таърихи пайдоиши муносибатҳои молиявӣ ва илми молия мавриди тадқиқ қарор гирифта, масъалаҳои методологии илми молия ва қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои молиявӣ асоснок карда шудаанд. Инчунин таносуби муносибатҳои пулӣ, молиявӣ ва қарзӣ таҳлил гардида, хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳо ҳамчун унсури низоми иқтисодӣ муайян карда шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *молия, пул, қарз, низоми иқтисодӣ, методология, методҳо, ҷаҳонишавӣ, механизми маблаггузории буҷетӣ, қонуниятҳои рушди муносибатҳои молиявӣ.*

## *МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ФИНАНСОВОЙ НАУКИ И РАЗВИТИЕ ФИНАНСОВЫХ ОТНОШЕНИЙ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ*

***Бегматов Ашурбой Ахманович*** *– кандидат экономических наук, профессор кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14, тел.: 901-21-78-18*

*В статье показана история возникновения финансовых отношений и финансовой науки, раскрываются основные методологические проблемы финансовой науки и обосновываются закономерности развития финансовых отношений. В ней также исследованы соотношения денежных, финансовых и кредитных отношений и на этой основе показаны их общие и отличительные свойства как элементы общей экономической системы.*

***Ключевые слова:*** *финансы, деньги, кредит, экономическая система, методология, методы, глобализация, механизм бюджетного финансирования, закономерности развития финансовых отношений.*

## *METHODOLOGICAL PROBLEMS OF FINANCIAL SCIENCE AND THE DEVELOPMENT OF FINANCIAL RELATIONS IN MODERN CONDITIONS*

***Begmatov Ashurboy Akhmanovich*** *– candidate of Economic sciences, Professor of the Department of Finance Tajik State Financial and Economic University. Address: 734045, Dushanbe Nakhimov 64/14, mob.: 901-21-78-18*

*The article shows the history of the emergence of financial relations and financial science, reveals the main methodological problems of financial science and substantiates the patterns of development of financial relations. The article also investigated the relationship of monetary, financial and credit relations and on this basis shows their common and distinctive properties as elements of a common economic system.*

***Key words:*** *finance, money, credit, economic system, methodology, methods, globalization, budget financing mechanism, patterns of development of financial relations.*

Дар ҳама давру замонҳо ва дар сатҳи гуногуни иқтисодиёт, яъне аз хонавода то давлат мо бо проблемаи қонеъгардонии талаботи бемайлон афзоянда ва маҳдудияти захираҳо дучор мегардем. Дар ҳақиқат, талаботи ҷамъиятӣ тамоюли афзоиши беинтиҳо дорад, вале захираҳо маҳдуд мебошанд.

Ҳалли муаммои мазкур вазифаи асосии илми иқтисод ба ҳисоб рафта, ба хотири ин вазифа вай вуҷуд дорад. Бинобар ин дар ҳамаи тадқиқоти илмӣ, дар соҳаи иқтисодиёт, ҳадафи асосӣ кор карда баромадани роҳҳои таъмини истифодаи самаранокии захираҳои иқтисодӣ ва, дар ин замина, бештар қонеъгардонии талаботи бемайлон афзояндаи ҷомеа мебошад.

Проблема ва ё муаммо ин номувофиқатии хоҳиш ва воқеият аст. Ҳалли проблема ин дар асоси истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои мавҷуда табдил додани хоҳиш ба воқеият аст, яъне талаботҳоро то ҳадди имкон пурратар қонеъ гардондан. Бояд таъкид кард, ки ҳар як проблема нисбат ба замони муосир ҳалли худро меёбад ва дар оянда бо тақозои ҳаёт аз нав пайдо мешаваду аз тарафи кадрҳои насли наврас аз нав дар сатҳи дигар мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Муаммоҳои молия ва муносибатҳои молиявӣ тақозо менамоянд, ки онҳоро

аз нуктаи назари таърихӣ бояд таҳлил кард.

Аввалин муносибатҳои молиявӣ ба шакли андозҳои пулӣ дар натиҷаи пайдо шудани давлат, дар як вақт ба миён омадаанд. Ин, албатта, табиӣ мебошад, чунки давлат бе захираҳои молиявӣ вуҷуд дошта наметавонад.

Даромадҳои давлатӣ (андозҳо, ҷамъовариҳо) новобаста ба низоми иқтисоди дақиқ ин маҷмӯи воситаҳои пулӣ дар дасти давлат, ки ҳамчун заминаи молиявии иҷрои вазифаҳои он баромад мекунад, мебошад. Агар мо онро дигар хел карда гӯем, фаъолияти давлат бо мавҷуд будани даромадҳои давлатӣ вобаста мебошад.

Даромадҳо ин яке аз мафҳумҳои асосии умумӣ оид ба молия буда, дар худ як гурӯҳи муайяни ҳодисаҳои якхеларо муттаҳид менамояд, ки ташкили маблағҳои ба ихтиёри давлат воридшударо тасвир менамояд.

Илми молия, чун дигар илмҳо, дар асоси амалия ба вуҷуд омадааст, яъне амалияи молиявӣ пеш аз пайдоиши илми молия ҳазорсолаҳо вуҷуд дошт. Дар таърих теъдоди бешумори хоҷагиҳои молиявӣ бе донистани илми молия ба вуҷуд омаданд, инкишоф ёфтанд ва аз байн рафтанд.

Мувофиқи нуктаи назари бисёр олимон «молия» аз калимаи итолиёнии «finance» баромада, тарҷумаи он «пардохтҳои пулӣ» ва ё «даромади нақдӣ» мебошад. Дар асри XII дар Италия мафҳуми «молия» барои ифода намудани муносибатҳои пулӣ, ки байни давлат ва аҳолӣ ба вуҷуд меомаданд, истифода мешуд.

Бояд қайд кард, ки аввалин тадқиқоти илмӣ дар соҳаи молия ба мутафаккирони Шарқ тааллуқ дорад. Дар асри XIII олими бузурги тоҷик Н. Тӯсӣ дар асари худ «Дар бораи молия» асоси сиёсати молиявии давлати феодалиро дида мебарояд. Дар ин асар маҷмӯи конунҳо, қоидаҳо, меъёрҳое, ки фаъолияти молиявиро танзим менамоянд ва муносибатҳои молиявии давлатҳои феодалӣ (системаи пулӣ, системаи муассисаҳои молиявӣ), масъалаҳои сиёсати молиявӣ оварда шудааст.

Н. Тӯсӣ сиёсати молиявии давлати феодалӣ, системаи андозбандӣ, табиати андозҳою даромадҳо, моликиятро таҳлил кардааст, ки ин масъалахо бо масъалаҳои муносибатҳои молиявӣ зич алоқаманд мебошанд. Олим дар баробари ин элементҳои алоҳидаи андозро ба монанди сабукиҳои андоз, намудҳои он ва объектҳои андозро дида баромадаанд. Дар асар аҳамияти муҳим ба сиёсати андози давлати феодалӣ дода шуда, дар он қариб зиёда аз 30 намуди андозҳо оварда шудааст [4, 120].

Муносибатҳои молиявӣ ва илми молия аҳамияти нисбатан васеъ дар ҷамъияти капиталистӣ пайдо карданд. Бинобар ин пайдоиши илми молияро аксарияти тадқиқотчиён ба пайдоиши ҷамъияти капиталистӣ (асрҳои XV- XVI) нисбат медиҳанд.

Дар асри XVI капитализм бо марҳилаи аввали рақобати озод ворид мешавад, ки ба вай сатҳи баланди рушди муносибатҳои пулӣ ва муносибатҳои молиявӣ хос мебошад. Дар чунин шароит зарурати тадқиқи муносибатҳои молиявӣ ва кор карда баромадани тавсияҳои илмӣ ба миён меояд.

Ҳамин тавр, дар асри XVI дар Фаронса яке аз мафҳумҳои ҷолиби диққати олимон нисбати категорияи молия ба миён омад. Бинобар ин олими фаронсавӣ Жан Бэдэн соли 1577-ум китобе бо номи «Шаш китоб дар бораи ҷумҳурӣ» («Шесть книг о республике») рӯи чоп оварда, дар он дар бораи молия ҳамчун «асбоби давлат» маълумот додааст [5, 8].

Дар асрҳои XVII- XVIII муаммоҳои илми молия, махсусан андозҳои мустақим ва ғайримустақим, сарчашмаҳои даромади давлат дар асарҳои

файласуф ва иқтисодчиёни англис Т. Гоббс, Д. Локк ва камералистони олмонӣ Л. Фон Секендорф, Ф. Юсти, И. Зонненфельс мавриди таҳлил қарор гирифтанд.

Дар пойдоршавии илми молия саҳми классикони назарияи иқтисодӣ У. Петти, А. Смит ва Д. Рикардоро бояд қайд кард. Дар натиҷаи тадқиқоти онҳо бисёр масъалаҳои молиявӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуданд.

Дар асри XIX илми молия аз иқтисоди сиёсӣ ҷудо шуда, ба илми мустақил табдил меёбад ва дар донишгоҳҳои Аврупо кафедраҳои молия таъсис дода шуда, китобҳои дарсӣ оид ба молия нашр мешавад. Олими немис К. Рау дар соли 1832 аввалин китоби дарсӣ бо номи «Асосҳои илми молия»-ро чоп намудааст. Дар китоби олими итолиёнӣ Л. Косса «Асосҳои илми молия», ки дар соли 1896 аз чоп баромадаст, бори аввал илми молияро ҳамчун илми мустақил, ки ба принсипҳои иқтисодии сиёсӣ, ҳуқуқ ва сиёсат асос ёфтааст, таъриф дода мешавад [5, 17].

Илми молия дар асри XX вобаста ба инкишофи амалияи молия ва назарияи иқтисодӣ, махсусан дар зери консепсияҳои кейнсионӣ ва монетаристӣ, равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт рушд ёфта, ба воситаи муҳими пешрафти ҷомеа мубаддал гаштааст.

Аз ин лиҳоз, омӯзиши масъалаҳои методологии илми молия, ки ҳамчун асоси идоракунии молиявӣ баромад мекунад, аҳамияти муҳими илмӣ-амалиро касб менамояд. Иқтисодчии олмонӣ К. Эсбург дар бораи аҳамияти омӯзиши илми молия чунин навиштааст: «Илми молия ин соҳаи дониш аст, ки бо сабаби муҳиммияти назариявии таълимоти мазкур барои маърифати умумӣ ва истифодабарии васеи он дар амалия, вай ба омӯзиши ҷиддӣ сазовор мебошад» [5, 3].

Методология илм дар бораи сохт, ташкили мантиқӣ ва усулу воситаҳои фаъолият ва идроки илмӣ мебошад. Ба таври дигар, методология ин маҷмӯи тарзҳои муносибат (рафтор) ба объекти тадқиқот, принсип ва методҳои омӯзиши он аст [3, 479]. Бо ибораи дигар, методология чароғи илм мебошад, ки роҳи онро равшан месозад.

Тарзҳои муносибат (рафтор) ба объекти таҳқиқот: диалектикӣ, ҳудудӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ, муаммовӣ ва амалиявӣ.

Дар методология принсипи асосӣ ин материализми диалектикӣ мебошад, ки вай аз тадқиқотчӣ дар вақти омӯзиши ҳодиса ва ҷараёнҳо риоя намудани қоидаҳои зеринро талаб менамояд:

- онҳоро дар тағйирёбӣ ва инкишоф тассавур кардан;
- дар ягонагӣ ва алоқамандии онҳо таҳлил намудан;
- принсипи таърихиро ба назар гирифтан, яъне ҳодиса ва ҷараёнҳо тавлид, густариш ва таҳаввул ёфта, минбаъд аз байн меравад.

Принсипи таърихӣ тақозо менамояд, ки тадқиқотчӣ бояд донад: объекти тадқиқот кай пайдо шудааст, дар инкишофи худ кадом марҳалаҳоро аз сар гузаронидааст ва имрӯз дар кадом ҳолат мавҷуд аст.

Метод ин маҷмӯи роҳу равиш ё тарзу усули идроки азхудкунии амалӣ ё назарии воқеият мебошад. Метод ҳамчун узв ва унсури муҳимтарини методология ба роҳ монда мешавад. Дар китобу васоилҳо ва дастурамалҳои мавҷуда, тахминан, чунин номгӯи методҳо тавсиф карда мешавад [2, 45]:

1. Абстраксияи илмӣ
2. Таърихию мантиқӣ
3. Таҳлил ва ҷамъбасткунӣ (синтез)
4. Индуксия ва дедуксия
5. Усулҳои риёзию оморӣ
6. Моделсозӣ
7. Эксперимент (санҷиши амалӣ)

Дар шароити ҳозира, ҳоҷат ба таҳлил ва тасвири методҳои номбаршуда нест, зеро онҳо дар китобҳои дарсӣ бо таври мукаммал шарҳ дода шудаанд.

Методологияи илми молия чун дигар илмҳои иқтисодӣ назарияи иқтисодӣ мебошад. Назарияи иқтисод ҳамчун таҳкурсии методологии илми молия, равияву самт, тарзу услуб роҳу равиши ҳалли масоили умдаи иқтисод, дарку тасвири воқеии онҳоро нишон медиҳад.

Масоили асосии методологияи илми молия, ба назари мо, инҳоянд:

1. Мақоми муносибатҳои молиявӣ дар низоми иқтисодӣ;
2. Таносуби муносибатҳои пулӣ ва муносибатҳои молиявӣ;
3. Хусусиятҳои муносибатҳои молиявӣ;
4. Таносуби муносибатҳои молиявӣ ва муносибатҳои қарзӣ;
5. Қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои молиявӣ.

Масоили асосии методологияи илми молияро шарҳ медиҳем.

**Мақоми муносибатҳои молиявӣ дар низоми иқтисодӣ**

Низоми иқтисодӣ ин маҷмӯи равишхо ва фаъолияти узвҳо ба тамоми иқтисодиёт маънидод карда мешавад. Иқтисодиёти ҳар як давлат ҳамчун низоми иқтисоди мушаххас бароманд мекунад, яъне дар давлатҳои гуногун низоми иқтисодӣ як хел шуда наметавонад, вале онҳо хусусиятҳо ва қонуниятҳои умумӣ дошта метавонанд. Аз ин лиҳоз, дар адабиёти муосири иқтисодӣ чор навъи низоми иқтисодиро мадди назар меоварад:

1) суннатӣ, 2) фармонию маъмурӣ, 3) бозорӣ, 4) омехта.

Онҳо аз ҳамдигар бо хусусиятҳои зерин фарқ доранд:

- сатҳи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда;
- шакли ҳукмрони моликият;
- муносибатҳои тақсимот, аз он ҷумла муносибатҳои молиявию қарзӣ;
- механизми ҳалли масъалаҳои асосии иқтисодиёт.

Бояд хотиррасон кард, ки дар навбати худ низоми иқтисоди бозорӣ вобаста ба таносуби танзими давлатӣ ва механизми танзими бозории иқтисодиёт тамсилаҳои зерин дорад: хоҷагии иҷтимоии бозорӣ (Олмон), иқтисодиёти омехта (ИМА) ва иқтисодиёти корпоративӣ (Ҷопон, Шветсия).

Яке аз равияҳои маънидоду ҷудокунии низоми иқтисодӣ ин мутобиқи сатҳи ошкорию кушодии вай мебошад. Аз ин нуктаи назар, низомҳои зеринро фарқ мекунанд:

1) иқтисодиёти пӯшида, 2) иқтисодиёти кушода.

Одатан, иқтисодиёти пӯшида худро дар сарҳадҳо, марому равиши дигаргуниҳову тағйирот ҳамаҷониба ҳифз мекунад.

Мавриди ҷой доштани иқтисоди кушода робитаҳо кушод ба роҳ монда шуда, барои ҳар гуна навовариҳою дигаргуниҳо, тағйирот имкон фароҳам оварда мешавад. Ин гуна низоми иқтисодиро ҳаракатноку бо зудӣ пешраванда меҳисобанд.

Функсияи низоми иқтисодӣ истеҳсоли молҳо ва хизматҳо барои ҳар чӣ бештар қонеъгардонии талаботи ҷомеа бо роҳи истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ мебошад.

Унсурҳои асосии низоми иқтисодӣ қувваҳои истеҳсолкунанда ва муносибатҳои истеҳсолӣ мебошад (ниг. ба расми 1) [6, 45].




**Расми 1. Унсурҳои асосии низоми иқтисодӣ**

Аз таркиботи низоми иқтисодӣ бармеояд, ки муносибатҳои молиявию қарзӣ унсури муҳими он мебошад. Муносибатҳои молиявию қарзӣ танҳо дар доираи низоми иқтисодӣ амал намуда, ба хусусият ва қонунҳои он бояд мувофиқ бошад. Мазмуни муносибатҳои молиявию қарзӣ бо дигаргун шудани низоми иқтисодӣ низ дигар мешаванд.

**Таносуби муносибатҳои пулӣ ва муносибатҳои молиявӣ**

Муайян намудани ҳудуд ва таносуби муносибатҳои пулӣ ва муносибатҳои молиявӣ яке аз масъалаҳои муҳими методологӣ ба ҳисоб рафта, ҳалли дурусти он барои асоснок намудани моҳият, доираи амал ва аломатҳои муносибатҳои молиявӣ зарур аст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки муносибатҳои пулӣ бавуҷудорандаи муносибатҳои молиявӣ мебошанд. Вале на ҳамаи муносибатҳои пулиро молия ҳисобидан мумкин аст.

Муносибатҳои пулиро ба ду гурӯҳ бояд тақсим кард:

1. Муносибатҳои пулӣ, ки дар раванди мубодилаи эквивалентӣ ба вуҷуд меоянд.

2. Муносибатҳои пулӣ, ки дар раванди муносибатҳои ғайриэквивалентӣ ба вуҷуд меоянд.

Он муносибатҳои пулӣ, ки дар раванди муносибатҳои ғайриэквивалентӣ ба вуҷуд меоянд, муносибатҳои молиявиро ташкил медиҳанд. Аз ин ҷо

бармеояд, ки муносибатҳои молиявӣ ҳамон қисми муносибатҳои пулӣ мебошад, ки дар раванди муносибатҳои ғайриэквивалентӣ ба вуҷуд меоянд. Чӣ тавре мебинем, доираи муносибатҳои пулӣ нисбат ба муносибатҳои молиявӣ васеъ мебошад.

**Хусусиятҳои муносибатҳои молиявӣ**

Муносибатҳои молиявӣ ҳамчун узви мустақили низоми иқтисодӣ аз дигар муносибатҳои иқтисодӣ бо хусусиятҳои зерин фарқ мекунанд, ки онҳоро дар адабиёти илмӣ аломатҳои молия меҳисобанд:

1. Муносибатҳои молиявӣ танҳо дар шакли пул баромад мекунанд.
2. Муносибатҳои молиявӣ дар раванди ташаккул, тақсим ва истифодабарии фондҳои пулӣ, ки таъйиноти хоса доранд, ба вуҷуд меоянд.
3. Муносибатҳои молиявӣ характери тақсим ва азнавтақсимкунӣ доранд.

**Таносуби муносибатҳои пулӣ ва қарзӣ**

Қарзи бонкӣ дар асоси муносибатҳои пулӣ ба вуҷуд омада, дар шакли пул дода мешавад ва яке аз намудҳои муносибатҳои пулӣ мебошад. Вале бояд дар назар дошт, ки пул ва қарз мафҳумҳои гуногун буда, онҳо муносибатҳои иқтисодии гуногунро ифода мекунанд. Тафовути якуми муносибатҳои пулӣ ва қарзӣ ин фарқияти ҳайати иштирокдорон аст. Пул ба сифати эквиваленти умумӣ аз харидор ба фурӯшандаи мол мегузарад, мол бошад, аз фурӯшанда ба харидор мегузарад яъне дар натиҷаи мубодилаи эквивалентӣ субъектҳои моликият иваз мешаванд. Дар муомилоти қарзӣ, карздеҳ ва қарзгир иштирок мекунанд ва дар бобати ҳаракати пул **муносибатҳои нави махсус** ба вуҷуд меоянд. Вай ҳаракати мутақобил намекунад, балки муваққатан аз қарздеҳ ба қарзгир мегузарад ва баъдан боз ба қарздеҳ бармегардад.

Тафовути дуюми қарз аз пул дар он аст, ки пул ба сифати муодили умумӣ метавонад ба маҳсулоти дилхоҳ чун арзиши истеъмолӣ табдил ёбад, аммо қарз танҳо талаботи муваққатии субъектҳои хоҷагидориро қонеъ мегардонад, зеро қарздеҳ ва қарзгир дар пешниҳоди арзиш фақат ба мӯҳлати муайян манфиатдоранд.

Новобаста ба тафовутҳои мавҷуда, пул ва қарз ба ҳам марбутанд, зеро ки онҳо дар паҳлуи якдигар қарор доранд.

Аз тафовутҳои пул ва қарз бармеояд, ки қарз он қисми муносибатҳои пулиро дар бар мегирад, ки онҳо бо ҳаракати пул ҳамчун моли махсус, ки субъектҳои моликиятро дигар намекунад, алоқаманд аст.

**Таносуби муносибатҳои молиявӣ ва муносибатҳои қарзӣ**

Пеш аз ҳама, бояд қайд кард, ки молия ва қарз ҳамчун категорияҳои иқтисодӣ бо ҳам наздик мебошанд, зеро онҳо як қатор умумиятҳо доранд:

1. Асоси бавуҷудоии онҳо муносибатҳои пулӣ мебошад, яъне онҳо дар доираи муносибатҳои пулӣ амал намуда, дар шакли пул баромад мекунанд.

2. Дар такроristеҳсол захираҳои молиявӣ ва захираҳои қарзӣ ба ҳам марбутанд, зеро ки онҳо дар паҳлуи якдигар қарор доранд ва истифода бурда мешаванд.

3. Қарз ҳамчун шакли ҳаракати сармояи қарзӣ, ки бо ёрии муносибатҳои молиявӣ ба вуҷуд меояд, баромад мекунад. Ба ибораи дигар, захираҳои қарзӣ дар натиҷаи иштироки бевоситаи муносибатҳои молиявӣ ташаккул мeёбанд (фонди истеҳлок, даромаду пасандозҳои аҳолӣ, захираю даромадҳои пулии давлат, фондҳои махсуси корхонаҳо, воситаҳои гардони корхона).

4. Умумияти молия ва қарз дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар иқтисодиёт вазифаҳои якхеларо, яъне тақсимот ва назоратро аз болои ҳаракати фондҳои маблағҳои пулӣ ба амал мебароранд.

5. Механизми молиявӣ ва механизми қарзӣ дар бисёр ҳолатҳо дар омехтагии онҳо истифода бурда мешаванд. Масалан, ташкил намудани фондҳои қарзҳои имтиёзнок аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, соқит намудани қарзҳои субъектҳои хоҷагидорӣ аз ҳисоби буҷет, додани субсидия барои пардохти фоизи қарз. Инчунин онҳо ба ҳалли вазифаи ягона – таъмини раванди такрористеҳсол бо воситаҳои пулӣ равона карда мешаванд. Бинобар ин дар амалия механизми молиявӣ ва механизми қарзӣ бояд якҷоя истифода шаванд. Вале дар назария бо хотири таҳлили объективӣ метавон онҳоро ҷудогона омӯхт.

Умумиятҳои дар боло қайдшудаи молия ва қарз имконият медиҳад, ки низоми қарзиро ба бахши молия ворид ва онҳоро ҳамчун як тахассус қабул намоем.

Бо баробари ин молия ва қарз хусусиятҳои фарққунанда низ доранд:

1. Қарз дар асоси принсипи баргардон, молия бошад, дар асоси принсипи бебозгашт амал мекунад.

2. Захираҳои қарзӣ аз рӯи сарчашмаи ташаккулёбӣ ва самтҳои истифодабарӣ аз захираҳои молиявӣ фарқ мекунад.

3. Азнавтақсимкунии захираҳои қарзӣ бо ҷойивазкунии маблағҳои пулӣ дар байни субъектҳои равандӣ тақсимот алоқаманд бошад, азнавтақсимкунии захираҳои молиявӣ дар байни субъектҳои хоҷагидорӣ ва дар дохили онҳо аз рӯи таъйиноти мақсаднокии онҳо амалӣ гардонида мешавад.

4. Қарз нисбат ба молия бештар робитаи мутақобила бо гардиши пул дорад ва бо ёрии он муомилоти пул ба танзим дароварда мешавад.

**Қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои молиявӣ**

Аз вобастагӣ ва алоқамандии низоми молиявӣ бо низоми иқтисодӣ бармеояд, ки низоми молиявӣ дар асоси қонуниятҳои зерин бояд ташаккул ва амал намояд:

1. Мувофиқ будани низоми молиявӣ ба сохтор ва талаботи низоми иқтисодӣ. Ин маънои онро дорад, ки якум, ба ҳар як низоми иқтисодӣ танҳо ба вай мувофиқ низоми молиявӣ бояд ба вуҷуд оварда шавад ва дувум, дар ҳама вақту замон мувофиқ будани низоми молиявӣ амалкунанда ба низоми иқтисодӣ таъмин карда шавад, яъне вобаста ба инкишофи низоми иқтисодӣ бояд ба сохтори низоми молиявӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шаванд. Ғайр аз ин, ҳар як низоми молиявиро танҳо дар доираи низоми муайяни иқтисодӣ бояд омӯхт.

2. Такмили бефосилаи низоми молиявӣ дар шароити иқтисоди давраи гузариш. Принсипи устувори низоми молиявӣ ба давлатҳое, ки иқтисоди бозории ташаккулёфта доранд, тааллуқ дорад. Дар шароити иқтисоди давраи гузариш, ки ба вай ноустуворӣ ҳамчун сарчашмаи пешрафт хос мебошад, низоми молиявӣ бояд бефосила, вобаста ба инкишофи низоми нави иқтисодӣ, такмил дода шавад.

3. Силсилаи маротиб (субординатсия) ва бонизоми ҳамаи унсурҳои низоми молиявӣ. Аз ин қонуният бармеояд, ки унсурҳои гуногуни низоми молиявӣ бояд ба якдигар мутобиқ бошанд ва дар якҷоягӣ тамоми ҷараёнҳои пулию молиявиро дар бар гирифта, самаранокии низоми молиявии давлатро таъмин намоянд.

4. Вобастагии низоми миллии молиявӣ аз низоми умумиҷаҳонии молиявӣ, махсусан дар шароити иқтисоди кушод ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт.

5. Самаранокии амали низоми молиявӣ. Самаранокии низоми молиявӣ ҳамчун қонунияти амали он талаб менамояд, ки хароҷот оид ба идоракунии

низоми молиявӣ нисбат ба МУД-и истеҳсолшудаи бахши молия тамоюли поёнравӣ дошта бошад.

Дуруст дарк намудани масоили асосии методологияи илми молия барои асоснок ва ҳалли муаммоҳои рушди низоми молиявию қарзии мамлакат аҳамияти басо калон дорад. Аз умумиятҳои муносибатҳои пулӣ, молиявӣ ва қарзӣ бармеояд, ки низоми қарзиро ба бахши молияи иқтисодиёти миллӣ дохил ва ягонагии низомҳои молиявӣ ва қарзӣ, инчунин сиёсати молиявӣ ва сиёсати пулию қарзиро дар амалия таъмин намудан зарур мебошад.

Донистани қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои молиявӣ имконият медиҳад, ки дигаргуншавии онҳоро дар давраи муосир ва оянда пешгӯӣ намуда, муътадилии молиявиро дар кишварамон ҳамчун омили муҳими таҳкими давлатдории миллӣ таъмин намоем. Дар ин хусус Асосгузории сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин таъкид намудаанд: “Муътадилии молиявӣ дар ҳама давру замонҳо омили асосии устувории давлат ба ҳисоб меравад” [1, 4].

Инкишофи муносибатҳои молиявӣ дар шароити муосир дар зери таъсири ду омили асосӣ ба амал омада истодааст: дигаргуншавии низоми иқтисоди ҷумҳурӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт.

Иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон торафт шаклу усулҳои бозориро ба худ гирифта, ба иқтисоди муосири бозорӣ наздик мешавад ва аз рӯи қонунҳои иқтисодии низоми бозорӣ инкишоф меёбад. Тағйироте, ки дар низоми иқтисодии чумҳурӣ дар солҳои охир ба амал омадааст:

- афзоиши ҳиссаи бахши хусусӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт;
- инкишофи босуръати соҳибкории истеҳсолӣ ва шаклҳои нави хоҷагидорӣ (хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ, корхонаҳои муштарак, корхонаҳои хурд, субъектҳои соҳибкории хурд, ташкилотҳои қарзии хурд);
- васеъ шудани доираи хизматрасонн пулакӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, варзиш);
- рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ;
- рушди босуръати ширкатҳои коммуникатсионӣ ва афзудани нақши онҳо дар ташаккулёбии даромади буҷети давлатӣ;
- рушди бозори суғурта, бозори такрори коғазҳои қиматнок ва ташкили бозори сертификатҳои замин;
- ташкили фонди дастгирии соҳибкорӣ ва фонди қарзҳои имтиёзнок барои хоҷагиҳои деҳқонӣ;
- ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ.

Дар зери дигаргуншавии низоми иқтисодии чумҳурӣ муносибатҳои молиявӣ бештар аз рӯи принсипҳои бозор инкишоф ёфта, манбаъҳои ташаккулёбии захираҳои молиявӣ, самтҳои истифодабарӣ ва механизми идоракунии онҳо ба таври куллӣ тағйир ёфта истодааст. Тасодуф нест, ки имрӯз дар ҷумҳурӣ механизми нави маблағгузории буҷетӣ монанди маблағгузории сарикасӣ ва барномавӣ, нафақаи суғуртавӣ ба амалия татбиқ шуда истодаанд.

Аз тарафи дигар, равандҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва ҳамгироии минтақавӣ ба пурзӯршавии таъсири омилҳои берунӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ оварда мерасонанд, ки ин, дар навбати худ, муаммоҳои хосро дар ташкил ва идоракунии низоми молиявии мамлакат ба вуҷуд меоварад.

Бинобар ин дар шароити имрӯза муносибатҳои молиявӣ ва идоранамоии онҳо нисбат ба давраҳои пеш мураккаб гардида, тамоюлҳо ва муаммоҳои муосирро пайдо менамоянд (тағйирёбии манбаъҳои ташаккулёбии захираҳои молиявӣ, самтҳои истифодабарӣ ва механизми идоракунии онҳо, пурзӯр гаштани таъсири омилҳои берунӣ ба низоми молияи давлат, гузариш ба стандартҳои байналмилалӣ, афзудани нақши бахши молия дар рушди

иқтисодиёти миллӣ, истифодабарии низоми электронӣ дар бахши молия, зарурати тағйир додани механизми молиявӣ тибқи талаботи иқтисоди бозорӣ ва ғайра), ки онҳоро дар раванди таҳия ва баамалбарории сиёсати муосири молиявии давлат ва ислоҳоти молиявӣ ба назар гирифтан зарур мебошад.

**Адабиёт**


1. Номаи табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни 80-солагии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (7 декабри соли 2004). // Ташаккул ва рушди молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2012.
2. Эргашев А. Курси назарияи иқтисодӣ (китоби дарсӣ). / А.Эргашев, Ҳ.Муҳадбердиев. – Душанбе, 2003. – 184с.
3. Луғати русӣ – тоҷикӣ. / Дар зери таҳрири академик М.С. Осимӣ. – Москва: «Русский язык»,1985. – 540с.
4. Исломов С.И. Феодальная экономическая система и её отражение в трудах таджикских мыслителей эпохи позднего феодализма. / С.И.Исломов. – Душанбе, 2000. – 345с.
5. Пушкарева В.М. История финансовой мысли и политики налогов: Учебное пособие. / В.М.Пушкарева. – М.:ИНФРА, 1996. – 236с.
6. Экономическая теория: Учебник. – Изд. испр. и доп./Под общ.ред.акад. В.И.Видяпина, А,И. Добрынина, Г.П.Журавлевой, Л.С.Тарасевича. – М.:ИНФРА, 2008.- 344с.


---


УДК 336; 36.1/5 (575,3)


# НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКОГО АНАЛИЗА НАЛОГОВОГО БРЕМЕНИ


***Нурализода Амрулло Назрулло,*** *кандидат экономических наук, доцент кафедры прикладной информатики в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734045,г. Душанбе ул. Нахимова 64/14, моб. (+992)91-875-76-68, e-mail: amrullon@mail.ru*

***Вохидов Умар Махмадиевич,*** *старший преподаватель кафедры математического и информационного моделирования Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734045, г. Душанбе ул. Нахимова 64/14, моб. (+992)93-463-40-40, e-mail: umarv@mail.ru*



*В данной статье рассматриваются теоретические аспекты налогового бремени, позволяющие обсуждать об уровне налоговой нагрузки на хозяйствующий субъект, т.к. оптимальное уменьшение данного показателя свидетельствует об эффективности налогового планирования. В современной экономической теории налогообложение, как экономическая подсистема, рассматривается в качестве функциональной формы удовлетворения адаптивных общественных потребностей общества как целого путем производства общественных благ и услуг.*



***Ключевые слова****: налог, бремя, фискальная политика, налогообложение, налоговое бремя, прямые налоги, косвенные налоги, налоговая система, налоговое планирование.*


## *БАЪЗЕ АЗ ҶАНБАҲОИ ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ГАРОНИИ АНДОЗ*


***Нурализода Амрулло Назрулло,*** *номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734045, ш. Душанбе к. Нахимов 64/14, моб. (+992)91-875-76-68, e-mail: amrullon@mail.ru*

***Вохидов Умар Махмадиевич,*** *муаллими калони кафедраи моделсозии математикӣ ва иттилоотии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734045, ш. Душанбе к. Нахимов 64/14, моб. (+992)935-557-24-24, e-mail: mirfakh@mail.ru*



*Дар ин мақола ҷанбаҳои назариявии гаронии андоз, ки барои баҳси сатҳи сарбории андоз дар субъектҳои хоҷагидорӣ имкон фароҳам меорад, мавриди тадқиқ қарор дода шудааст. Зеро паст намудани оптималии нишондиҳандаи мазкур самаранокии банақшагирии андозро таъмин менамоянд. Дар назарияи иқтисодии муосир андозбандӣ, ҳамчун зерсистемаи иқтисодӣ, ба сифати шакли амалии қонеъгардонии талаботи мутобиқии ҷомеа баромад намуда, дар шакли пурра бо роҳи истеҳсоли неъматҳои ҷамъиятӣ ва хизматрасонӣ дида баромада мешавад.*



***Калидвожаҳо****: андоз, гаронӣ, сиёсати фискалӣ, андозбандӣ, гаронии андоз, андозҳои мустақим, андозҳои ғайримустақим, низоми андоз, банақшагирии андоз.*

***SOME ASPECTS OF THE THEORETICAL-METHODOLOGICAL ANALYSIS OF THE TAX BAR***

***Nuralizoda Amrullo Nazrullo** - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of Applied Informatics in Economics, Financial and Economic State University of Tajikistan. Address: 734067, sh. Dushanbe to. Nakhimov, 64/14. E-mail: feit-2012@mail.ru, amrullon@mail.ru Phone (+992)91-875-76-68.*

***Vohidov Umar Mahmadievich** - senior lecturer of the Department of Mathematical and Informational Modeling, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, sh. Dushanbe to. Nakhimov, 64/14. E-mail: feit-2012@mail.ru, umarv@mail.ru. Phone: (+992) 93-463-40-40*

*This article discusses the theoretical aspects of the tax burden to discuss the level of tax burden on an economic entity, because optimal reduction of this indicator indicates the effectiveness of tax planning. In modern economic theory, taxation, as an economic subsystem, is considered as a functional form of satisfying the adaptive social needs of society as a whole through the production of public goods and services.*

***Keywords:** tax, burden, fiscal policy, taxation, tax burden, direct taxes, indirect taxes, tax system, tax planning.*

Для Республики Таджикистан жизненно важно, чтобы социально-экономическое развитие протекала в условиях овладения современными методами государственного регулирования экономики, не блокирующими использование критериев экономической и социальной эффективности, усовершенствуя конкуренции, функционирование рыночных отношений. В сложившихся условиях остро необходима эффективная стимуляция процессов социально-экономической стабилизации и роста структурно-институциональных преобразований, за счёт использования тех механизмов воздействия на экономику, которыми обладает государство. Экономическо-хозяйственная деятельность государства - объективная потребность экономического и социального развития, составная часть народнохозяйственной деятельности, его фактор. Налоги как обязательные платежи, взимаемые государством с физических и юридических лиц для финансирования государственных расходов, являются мощным экономическим регулятором. Через налоговую политику и более широко - дискреционную фискальную политику - государство регулирует основные пропорции экономического развития. Опыт США, Японии, ФРГ и других стран свидетельствует о том, что действенная налоговая система представляет собой наиболее эффективный рычаг инвестиционной стратегии, внешнеэкономической деятельности, структурных изменений в экономике, государственного регулирования социально-экономического развития, ускорении развития приоритетных отраслей.

В переходной экономике республики как ранее существующие формы финансовых отношений уже непригодны для управления экономикой. Для создания достойных рынку новых форм организации финансовых отношений необходим период времени для формирования в экономике самих рыночных институциональных структур, одной из которых являются налоги, выступающие с большими разногласии в сферой финансовых отношений.

Следует отметить, что научное обоснование необходимости взимания налогов для обеспечения выполнения государством экономических функций было осуществлено немецкой школой (Л. Штейн, А. Шеффле), которая признала производительный характер государственных услуг и отказалась от трактовки налога как убытка общества. Экономико-математическая концепция налогов, методологической предчетей которой является теория предельной полезности, позволила выявить исходные предпосылки и основные принципы установления рыночных цен и их налоговой составляющей, выработка метод математического моделирования, что явилось базой модельного исследования влияния налогов на спрос, предложение и цену.

В современной экономической теории налогообложение, рассматривается в качестве функциональной формы удовлетворения адаптивных общественных потребностей общества как целого путем производства общественных благ и услуг. Кроме того, налогообложение выступает средством реализации макро- и микроэкономической политики государства, материализующейся в конкретных характеристиках состояния экономики. Возможности количественного воздействия на процесс функционирования хозяйства определяются тем, что пропорции мобилизуемых, распределяемых и используемых ресурсов могут стимулировать или замедлять развитие экономических субъектов, изменяя, таким образом, направленность процессов в обществе, обеспечивая реализацию приоритетных задач государства. Качественное воздействие осуществляется через влияние на материальные интересы участников воспроизводственного процесса не объёмом финансовых ресурсов, а принципом обложения и принципами их движения и использования, что также может менять параметры экономического развития.

Проблема воздействия уровня обложения на хозяйственную деятельность всегда находилось в центре внимания экономической теории. Формы реального бытия экономической категории "налог" были самые разнообразные: от примитивных (дань, оброк) - до современных (денежные изъятия, адекватные состоянию экономики и политики). Изучение категории "налог" необходимо изучение характеристики тех или иных из форм, в которых на поверхности экономической действительности реализуется только часть глубинной сущности этой экономической категории. Эти формы, особенно в условиях переходных экономик, подвержены влиянию множества субъективных (неэкономических) факторов, а в условиях тоталитарных режимов полностью определяются ими. В качестве научных концепций основные налоговые теории в составе общей теории налогов стали формироваться с XVII в., когда финансовые отношения приобретают общественно-правовой характер. Принцип управления, выражающийся в словах Людовика XIV: "Государство - это я", был распространён, естественно, и на государственные финансы. В данном случае решающим моментом является не то, что казна государства не была отделена от казны государя, а то, что государство не существовало вне публичной власти, содержание которого обеспечивалось налогами. В течение длительного времени налогообложение развивалось как практическая отрасль. Постепенно с развитием работы ученных о налогах, их природе, возможностях использования, взаимосвязи со стадиями производства, обращения, распределения и потребления стали приобретать систематизированный стройный вид. (см. таблица 1.).

**Таблица 1.**

**Эволюции теории налогов**

| **№ пп** | **Представители теории налогов** | **Краткая характеристика** |
|---|---|---|
| **1.** | **Уильям Петти** | *Он рассмотрел виды государственных расходов и раскрыл причины, приводящие к их увеличению. Интересными представляются его рассуждения о том, как ослабить недовольства налогоплательщиков. Он писал, что как бы ни был велик налог, но, если он ложится пропорционально на всех, никто не теряет из-за него какого-либо богатства.* |
| **2.** | **Адам Смит** | *Главная его заслуга заключается в том, что он выработал фундаментальные принципы налогообложения: равенства и справедливости, удобства, определенности и экономичности; утверждал, что налоги признак не рабства, а свободы.* |

| | | |
|---|---|---|
| **3.** | **Давид Риккардо** | *Д. Рикардо считал негативной стороной налогообложения не столько то, что оно падает на те или иные объекты, сколько его действие, взятое в целом и влияющее на процессы воспроизводства. Была предпринята попытка учета при обосновании взимания налогов их взаимосвязи с ценами и доходами, показал взаимосвязь прямых и косвенных налогов, придерживался дифференцированного подхода к установлению налогов и тд.* |
| **4.** | **Адольф Вагнер** | *Будучи сторонником прогрессивного налогообложения, он подчеркивал необходимость относительно плавной прогрессии. Развил учение о переложении налогов: различал переложение налогов от предложения к спросу, а также переложение от спроса к предложению. Предлагал следующую систему налогов: налог на приобретение, налог на владение, налог на потребление и т.д.* |
| **5.** | **Карл Маркс** | *Он отмечал, что налоги возникают с разделением общества на классы и появлением государства. Считал, что в налогах воплощено экономически выраженное существование государства* |
| **6.** | **Маржинализм** | *Маржиналистская школа свела основные экономические проблемы к обеспечению равновесия, соответственно, и налоги рассматривались как один из инструментов достижения этой цели. Исследования представителей данной школы привели к обоснованию принципа прогрессивности в налогообложении, а также необлагаемого минимума. Эта идея нашла широкое применение в налоговых системах всех экономически развитых стран.* |
| **7.** | **Кнут Виксель, Эрик Линдаль** | *Он рассматривал налоги, прежде всего, как способ бесперебойного финансирования государственных расходов. Особо подчеркивал необходимость парламентского утверждения налогов, что усилило бы их справедливость в отношении всех категорий налогоплательщиков.подчеркивал, что повышенные налоги должны платить те, кто имеет наибольшие доходы.* |
| **8.** | **Артур Сесил Пигу** | *Он считал, что взимаемые налоги должны быть одинаковыми для налогоплательщиков, проживающих в равных условиях. Он видел необходимость в совершенствовании подоходного налогообложения. В частности, Пигу отмечал, что подоходный налог является дискриминационным по отношению к сбережениям. Пигу сделал важный вывод о том, что налог на трудовые доходы должен стимулировать трудовую активность.* |
| **9.** | **Джон Мейнард Кейнс** | *Он уделял много внимания налоговому регулированию, подчеркивая, что налоговая политика может оказывать мощное воздействие на экономический рост, повышение занятости населения, стимулирование склонности к потреблению и т.д. Дж. Кейнс считал, что полезно при помощи налогов изъятие доходов, помещенных в сбережения, финансирование за их счет текущих государственных расходов, а самое главное — инвестиций* |
| **10.** | **Пол Самуэльсон** | *Он рассматривал налог как важные инструменты в регулировании экономики и считал, что при помощи налогов стимулируются макроэкономический рост и стабильность, снижается уровень безработицы и инфляции, поощряется экономический рост.* |
| **11.** | **Артур Лаффер** | *Он пришел к выводу, что существует зависимость между ставками налогов, доходами бюджета и налоговой базой. На основе эмпирических исследований выбранных показателей на примере США, он пришел к выводу о том, что налогообложение достигло критического уровня, при котором налоги стали препятствовать экономическому росту* |
| **12.** | **Милтон Фридмен** | *В области налогообложения основное его предложение сводилось к снижению налогов, при этом он имел в виду, что уменьшение налоговой ставки способствует повышению деловой активности, росту инвестиций, занятости, снижению инфляции и, в конечном счете, экономическому росту и сглаживанию социальных противоречий.* |

| | | |
|---|---|---|
| **13** | **Джозеф Стиглиц** | *Он много внимания уделял проблемам налогообложения: налоговому бремени, оптимальному налогообложению, налогообложению капитала, налоговым реформам. Он выделил пять принципов налоговой системы: экономическая эффективность; административная простота; политическая ответственность; справедливость; гибкость* |

Составлен по: Пансков В. Г. Налоги и налогообложение в Российской Федерации. — М.: «Книжный мир», 2000; Финансовые аспекты экономики России / Под ред. проф. Сабанти Б. М. Сборник научных трудов. Вып. 1. - СПбГУЭФ.: Изд-во СПбГУЭФ, 2001.

В конце 20 века сформировалась неокейнсианская теория налогообложения. В ней показаны необходимости сочетания элементов кейнсианской концепции государственного регулирования с концепцией неоклассического направления, базирующейся в основном на государственном невмешательстве в экономику. Неокейнсианцы достаточно убедительно ответили на поставленные хозяйственной практикой вопросы и предложили конструктивные варианты решения многих проблем экономики конца ушедшего века. Они считали вредными, расстраивающими механизмы рынка и порождающими хозяйственные трудности такие формы государственного вмешательства в экономику, как кейнсианское антициклическое регулирование, бюджетное перераспределение доходов, подавление инфляции; а причину роста безработицы видели в системе государственного социального обеспечения. Значительное место в неокейнсианской теории отведено налоговым проблемам, английские экономисты Фишер и Н. Калдор являются представителями неокейнсианства.

Трансформация социально-экономической жизни общества республики, в первую очередь, требует необходимости разработки рациональной налоговой системы и эффективного налогового механизма в полной мере, учитывающих интересы и государства, и налогоплательщиков. Решение этой важнейшей проблемы возможно лишь на основе проведения налоговой политики, ориентированной на обеспечение оптимального уровня налогового бремени. Следует отметить, что налоговое бремя является составным элементом теории налогов и налогообложения. Источником налоговых платежей является вновь созданная стоимость в сфере материального производства и сфере услуг, которая создается трудом, он же (труд) создает и прибавочный продукт. Если распределение стоимости ВВП на фонд возмещения и различные виды доходов происходит на стадии первичного распределения, тогда формирование же общественных денежных фондов происходит в ходе вторичного распределения или перераспределения ВВП. В результате чего производится изъятие части прибыли (дохода) в распоряжение государства, уплата налогов гражданами и дальнейшее их использование. Следовательно, налоги формируются на стадии распределения ВВП и по природе являются распределительными. Этот вывод будет справедлив и для налогового бремени. Как на макро - так и на микроуровнях стратегия и тактика налогообложения всегда должны основываться на качественной и количественной оценке распределения и перераспределения финансового результата. Речь идет об оценке параметров инвестиционных основ бизнеса и капитализации прибыли. Фундамент налогового бремени закладывают воспроизводственные финансовые процессы и определяют его теоретический смысл и формы практического использования. Таким образом, при известном допущении все совокупные финансовые результаты деятельности физических и юридических лиц (стоимость имущества, прирост капитала, накопления населения и т.д.) представляют собой максимальную величину налогового бремени.

В общем налоговое бремя представляет собой показатель совокупного воздействия налогов на экономику страны в целом, на отдельный хозяйствующий субъект или на иного плательщика, определяемый как доля их доходов, уплачиваемая государству в форме налогов и платежей налогового характера. Однако, следует отметить, что одной из центральных и наиболее дискуссионной в теории и практике налогового планирования и управления является проблема методологического подхода к расчету налогового бремени. В СССР проблемы методологии и исчисления налогового бремени получили исследование в работе «Налоговое бремя в СССР и иностранных государствах (очерки теории и методологии вопроса)» [1]. В 1930 г. издается книга А. Соколова «За марксистский анализ налогов и тяжести обложения». После этих работ в экономической литературе не уделялось должного внимания проблемам методологии налогового бремени и методике его расчета.

Осознание важности проблемы тяжести налогообложения и попытки его математического расчета в научных кругах стран СНГ, для построения современной налоговой системы в условиях рыночных преобразований происходит после распада СССР, начиная с 90-х гг. XX в.

Еще в 1913 г. Е. Кун указывал, что «финансовый результат всякого налога обуславливается двумя факторами: а) размером налога по отношению к податной единице и б) числом налогоплательщиков» [2]. В 1928 г. К. Ф. Шмелев писал, что «под тяжестью принудительных сборов или только налогов разумеется действие бремени принудительных сборов или только налогов» [2]. Для подтверждения этого положения приводится сноска определение К. Брауэра: «Под бременем обложения понимается предъявление данной публичной единицей требования к налоговой платежеспособности населения путем принудительных сборов. Действие такого налогового бремени обозначается как тяжесть обложения, которая сама может быть понимаема как отношение между наложенным бременем и налоговой платежеспособностью налогообязанного, или, если налоговый платеж является составной частью издержек производства, то как отношение между налоговым обязательством и способностью его перенесения со стороны производства. В этом смысле можно говорить о налоговом давлении на налогоплательщиков и на носителей налогов». Понятие тяжести обложения с точки зрения К. Ф. Шмелева, включает в себя элемент бремя обложения и давление, производимое этим бременем в экономике страны, или тяжесть, испытываемая национальной экономикой в целом или его отдельными субъектами в результате принудительных (налоговых) изъятий. При этом, К.Ф. Шмелев различал бремя обложения, представляющее тот груз, который государство непосредственно возлагает на население, давление или тяжесть налогового бремени — это действие, которое налоги оказывают на субъекты экономики и экономики в целом, принося им материальные потери и ущерб.

В современной экономической литературе по-разному подходят к определению налогового бремени. (см таблица 2.).

**Таблицы 2.**

**Некоторые определения налогового бремени**

| **Источник, авторы** | **Определения налогового бремени** |
|---|---|
| **Экономический словарь** | *мера, степень, уровень экономических ограничений, создаваемых отчислением средств на уплату налогов, отвлечением их от других возможных направлений использования. Количественно налоговая нагрузка может быть измерена отношением общей суммы налоговых изъятий за определенный период к сумме доходов субъекта налогообложения за тот же период. В широком смысле слова-бремя, налагаемое любым платежом* |
| **А.В. Брызгалин** | *На макроэкономическом уровне* ***налоговое*** *бремя (****налоговый*** |

| | |
|---|---|
| | *гнет)-это обобщающий показатель, характеризующий роль* ***налогов*** *в жизни общества и определяемый как отношение общей суммы* ***налоговых*** *сборов к совокупному национальному продукту* |
| **Н.В. Миляков** | *под* ***налоговым бременем*** *понимает для страны в целом отношение общей суммы взимаемых* ***налогов*** *к величине совокупного национального продукта, а для конкретного налогоплательщика — отношение суммы всех начисленных* ***налогов*** *и* ***налоговых*** *платежей к объему реализации* |
Использование стимулирующих подкормок позволяет пчелам синтезировать молочко для выкармливания личинок без ущерба для своего организма и сохранить резервы для последующей строительной и медосборной деятельности. Повышение уровня гликогена у суточных пчел подопытных групп по сравнению с контролем свидетельствует о том, что на личиночной стадии процессы накопления питательных веществ шли более активно и не весь запасенный материал израсходован ими во время метаморфоза. Это позволило им восстановить запас основного энергетического материала в более ранние сроки имагинального периода и максимально накопить его перед переходом от ульевых работ к летним.

### Литература

1. Шарипов А. Повышение воспроизводительных и продуктивных свойств, разработка эффективной системы управления жизнедеятельностью медоносных пчел в Республике Таджикистана: диссертация д. с-х н. / А. Шарипов. – Москва, 2012. - 250 с.
2. Улугов О. П. Хозяйственно-полезные признаки пчелиных семей при использовании стимулирующих подкормок с белковыми наполнителями в условиях Центрального Таджикистана: диссертация на соискание ученой степени кандидата сельскохозяйственных наук / О. П Улугов. – Душанбе, 2016. - 120 с.
3. Шарипов А. Содержание пчелиных семей и увеличение их продуктивности. /А. Шарипов, О. П. Улугов, Ф. Бурчинов, О. Тохиров// Научные достижения животноводства Таджикистана. –Душанбе, 2014. - С.102-106.

**УДК 517.55**

# ЗАДАЧА СОПРЯЖЕНИЯ ГАРМОНИЧЕСКИХ ФУНКЦИЙ С НУЛЯМИ И ПОЛЮСАМИ МОДУЛЬНОГО ХАРАКТЕРА

***Саидов Бахтиёр Бобокалонович** - кандидат физико - математических наук, зав. кафедрой высшей математики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес:734067; Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова ,64/14. E-mail: feit-2012 @mail.ru., тел.: 935075405.*

*Основная цель данной статьи заключается в решении вопроса, как меняется число линейно-независимых решений однородной задачи и число условий разрешимости неоднородной задачи от наличия нулей и полюсов коэффициента задачи модульного характера.*

***Ключевые слова:** аналитическая функция, гармоническая функция, полюс, интерполяционный многочлен, каноническая функция, интегральная формула Коши, теоремы Лиувилля, обобщённая теорема Лиувилля, теорема об аналитическом продолжении, уравнение Лапласа.*

## *МАСЪАЛАИ ҲАМРОҲШУДАИ ФУНКСИЯҲОИ ГАРМОНИКӢ БО НУЛҲО ВА ҚУТБҲОИ ХАРАКТЕРИ МОДУЛДОШТА*

***Саидов Бахтиёр Бобокалонович** – номзади илмҳои физика - математика, мудири кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734069, Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. E-mail: feit-2012 @mail.ru., тел.: 935075405.*

*Дар мақола масъалаи таъсири нулҳо ва қутбҳои ҳамроҳшудаи характери модулдоштаи коэффисиенти масъала ба ҳалли масъалаи якҷинса ва ба шартҳои ҳалшавандагии масъалаи ғайриякҷинса тадқиқ карда шудааст.*

***Калидвожаҳо**: функсияи аналитикӣ, функсияи гармоникии қутб, бисёраъзогии интерполятсионӣ, функсияи каноникӣ, формулаи интегралии Коши, теоремаҳои Лиувилля, теоремаи умумикардашудаи Лиувилля, теорема дар бораи давомдиҳии аналитикӣ, муодилаи Лаплас.*

## *THE PROBLEM OF CONJUGATION OF HARMONIC FUNCTIONS WITH ZEROS AND POLES OF MODULAR CHARACTER*

***Saidov Bakhtiyor Bobokalonovich** - candidate of Physical and Mathematical Sciences, Head Department of Higher Mathematics of the Tajik state financial and economic University. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova str., 64/14. E-mail: feit-2012 @mail.ru., тел.: 935075405*

*The main purpose of research includes in decision of problem, how change number of line-independent decision of tasks and number condition of prelusion tasks from availability zeroes and poles coefficient tasks of module characters.*

***Key word:*** *analytical function, harmonicas function, poles of function, zero of function, interiorize numerous, canonical function, Cauchy integral formula, Liouville theorems, generalized Liouville theorem, analytic theorem, Laplace equations*

Дан простой замкнутый контур $L$, разделяющий плоскость комплексного переменного на внутреннюю область $D^+$ и внешнюю $D^-$.

Рассмотрим следующую граничную задачу.

Найти функции $U^+(x,y)$, $U^-(x,y)$, гармонические соответственно в $D^+$, $D^-$ и удовлетворяющие на контуре $L$ условию сопряжения

$$|t-\eta|^{2d} i\alpha_k(t)U_x^+ + |t-\eta|^{2d} i\alpha_k(t)U_y^+ =$$
$$= |t-\xi|^{2p} i\beta_k(t)U_x^- + |t-\xi|^{2p} i\beta_k(t)U_y^- + |t-\eta|^{2d}\gamma_k(t),\ \ k=1,2., \tag{1}$$

где $\eta$ и $\xi$ – некоторые точки контура, $d$ и $p$ - целые положительные числа, $\alpha_k(t)$, $\beta_k(t)$, $\gamma_k(t)$ заданные функции удовлетворяющие условию Гёльдера.

Решение данной задачи будем искать в классе функции ограниченные на контуре.

Положим $\partial_{\bar z} u = \varphi$, и учитывая $U_x^\pm = \varphi^\pm + \overline{\varphi^\pm}$, $U_y^- = i\left(\varphi^\pm - \overline{\varphi^\pm}\right)$, умножим второе равенство (1) на мнимую единицу $i$ и складывая с первым равенством будем иметь:

$$|t-\eta|^{2d} i\alpha_1(t)U_x^+ + |t-\eta|^{2d} i\alpha_1(t)U_y^+ =$$
$$= |t-\xi|^{2p} i\beta_1(t)U_x^- + |t-\xi|^{2p} i\beta_1(t)U_y^- + |t-\eta|^{2d}\gamma_1$$
$$|t-\eta|^{2d} i\alpha_2(t)U_x^+ + |t-\eta|^{2d} i\alpha_2(t)U_y^+ =$$
$$= |t-\xi|^{2p} i\beta_2(t)U_x^- + |t-\xi|^{2p} i\beta_2(t)U_y^- + |t-\eta|^{2d}\gamma_2$$

После преобразования будем иметь:

$$|t-\eta|^{2d}\left[(i\alpha_1-\alpha_2)\left(\varphi^+ - \overline{\varphi^+}\right) + (\alpha_1 + i\alpha_2)\left(i\varphi^+ - \overline{i\varphi^+}\right)\right] =$$
$$= |t-\xi|^{2d}\left[(i\beta_1-\beta_2)\left(\varphi^- + \overline{\varphi^-}\right) + (\beta_1 + i\beta_2)\left(i\varphi^- - \overline{i\varphi^-}\right)\right] + |t-\eta|^{2d}(\gamma_1 + i\gamma_2)$$
$$2\,|t-\eta|^{2d}(i\alpha_1-\alpha_2)\varphi^+ = 2|t-\xi|^{2d}(i\beta_1-\beta_2)\varphi^- + |t-\eta|^{2d}(\gamma_1+i\gamma_2),$$

или

$$\varphi^+(t) = \frac{|t-\xi|^{2p}}{|t-\eta|^{2d}}\frac{\beta_1 - i\beta_2}{\alpha_2 - i\alpha_1}\varphi^-(t) - \frac{1}{2}(\gamma_1 + i\gamma_2)$$

или

$$\varphi^+(t) = \frac{|t-\xi|^{2p}}{|t-\eta|^{2d}} G(t)\,\varphi^-(t) + g(t), \tag{2}$$

где $G(t) = \dfrac{\beta_2 - i\beta_1}{\alpha_2 - i\alpha_1}$ ; $g(t) = \dfrac{1}{2}(\gamma_1 + i\gamma_2)$.

Перепишем краевое условие однородной задачи в виде

$$\varphi^+(t) = \frac{|t-\xi|^{2p}}{|t-\eta|^{2d}} G(t)\,\varphi^-(t). \tag{3}$$

Так, как

$$|t-\xi|^{2p}=(t-\xi)^p\left(\overline{t-\xi}\right)^p,\ |t-\eta|^{2d}=(t-\eta)^d\left(\overline{t-\eta}\right)^d.$$

Но

$$|t-\xi|^p=\left(t-\xi\right)^p\cdot e^{-2i\theta_1 p}$$
$$|t-\eta|^d=\left(t-\eta\right)^d\cdot e^{-2i\theta_2 d}, \qquad (4)$$

где $\theta_1=\arg(t-\xi)$, $\theta_2=\arg(t-\eta)$.

Функции $e^{-2i\theta_1 p}$ и $e^{-2i\theta_2 d}$ являются непрерывными функциями и имеют индексы, соответственно равны $-p$ и $-d$.

Подставляя значение $\left(\overline{t-\xi}\right)^p$ и $\left(\overline{t-\eta}\right)^d$ в равенство (3) имеем

$$\varphi^+(t)=\frac{(t-\xi)^p}{(t-\eta)^d}e^{2i(\theta_2 d-\theta_1 p)}G(t)\,\varphi^-(t) \qquad (5)$$

Краевое условие (5)преобразуем в следующем виде

$$\varphi^+(t)=\frac{(t-\xi)^p}{(t-\eta)^d}e^{2i(\theta_2 d-\theta_1 p)}\cdot t^{æ}\left[t^{-æ}G(t)\right]\varphi^-(t)$$

Так как функция $t^{-æ}G(t)$ - удовлетворяет условию Гёльдера и имеет нулевой индекс, поэтому её представим в виде

$$t^{-æ}G(t)=\frac{\chi^+(t)}{\chi^-(t)}.$$

$$\varphi^+(t)=t^{æ}\,\frac{(t-\xi)^p}{(t-\eta)^d}e^{2i(\theta_2 d-\theta_1 p)}\cdot\frac{\chi^+(t)}{\chi^-(t)}\varphi^-(t)$$

или

$$\frac{\varphi^+(t)}{\chi^+(t)}=t^{æ}\,\frac{(t-\xi)^p}{(t-\eta)^d}e^{2i(\theta_2 d-\theta_1 p)}\cdot\frac{1}{\chi^-(t)}\varphi^-(t)$$

Преобразуя краевое условие, получим

$$\frac{\varphi^+(t)}{\chi^+(t)(t-\xi)^p}=\frac{t^{æ}}{\chi^-(t)(t-\eta)^d}e^{2i(\theta_2 d-\theta_1 p)}\cdot\varphi^-(t)$$

Точки $\eta$ и $\xi$ не могут быть особыми точками единой аналитической функции, так как это противоречило бы предположению об ограниченности функции $\varphi^+(t)$ или $\varphi^-(t)$. Следовательно, единственной возможной особенностью является бесконечно - удалённая точка. Порядок функции $\chi^-(z)$ на бесконечности равно $æ$, а порядок $(t-\eta)^d$ равен $-d$. Отсюда, порядок функции, стоящий в левой части последнего равенства на бесконечности есть $-æ+d$. При выполнении $æ-d\ge 0$ согласно обобщённой тереме Лиувилля будет

$$\frac{\varphi^+(z)}{\chi^+(z)(z-\xi)^p}=\frac{z^{æ}}{\chi^-(z)(z-\eta)^d}e^{2i(\theta_2 d-\theta_1 p)}\cdot\varphi^-(z)=P_{æ\text{-d}}(z),$$

откуда

$$\varphi^+(z)=\chi^+(z)\cdot(z-\xi)^p\cdot P_{æ\text{-d}}(z),$$
$$\varphi^-(z)=z^{-æ}\cdot\chi^-(z)\cdot(z-\eta)^d\cdot P_{æ\text{-d}}(z),$$

если будет $æ - d < 0$, тогда нужно положить $P_{æ\text{-d}}(z) = 0$, и следовательно, задача не имет решение.

Запишем краевое условие неоднородной задачи в виде

$$\varphi^{+}(t) = t^{æ}\,\frac{(t-\xi)^{p}}{(t-\eta)^{d}}\,e^{2i(\theta_2 d-\theta_1 p)}\cdot\frac{\chi^{+}(t)}{\chi^{-}(t)} + g(t).$$

Для решения этой неоднородной задачи построим частное решение задачи. Для этой цели требуем, что функция $g(t)$ в сингулярные точки была дифференцируема достаточное число раз.

Построим полинома $T(t)$ так, чтобы он удовлетворял следующим условиям

$$T^{(i)}(\xi) = \psi^{+(i)}(\xi), \quad T^{(e)}(\eta) = \psi^{-(e)}(\eta), \quad e = 0,1,2,\cdots,p-1.$$

Каноническая функция неоднородной задачи выражается через интерполяционный полином следующим образом:

$$y^{+}(z) = \chi^{+}(z)\frac{\psi^{+}(z)-T(z)}{(t-\xi)^{d}}, \quad y^{-}(z) = \chi^{-}(z)\frac{\psi^{-}(z)-T(z)}{(t-\eta)^{p}}.$$

Для построения общего решения неоднородной задачи воспользуемся тем, что это общее решение складывается из некоторого частного решения неоднородной задачи и общего решения однородной.

$$\varphi^{+}(z) = y^{+}(z) + \chi^{+}(z)\cdot(z-\xi)^{p}\cdot P_{æ\text{-d}}(z),$$

$$\varphi^{-}(z) = y^{-}(z)z^{-æ} + \chi^{-}(z)\cdot(z-\eta)^{d}\cdot P_{æ\text{-d}}(z).$$

При выполнении $æ - d \geq 0$ задача будет, безусловно, разрешима, а при выполнении $æ - d < 0$ условий для разрешимости данной задачи требуется $|æ - d|$ условия разрешимости.

Итак, в статье показано влияние нуля и полюса модульного характера на характер разрешимости задачи сопряжения гармонических функций.

**Литература**

1. Гахов Ф.Д. Краевые задачи. / Ф.Д. Гахов. - М.: Наука, 1977. - 640 с.

2. Михайлов Л.Г. О задачах сопряжения гармонических функций / Л.Г. Михайлов. // Доклады Академии наук Таджикской ССР. - 1980. Т. 23, № 4. С. 174-177.

3. Михайлов Л.Г. О задачах сопряжения решений уравнения в частных производных второго порядка на плоскости / Л.Г. Михайлов. // Доклады Академии наук СССР. - 1981. Т. 256, № 2. С. 176 - 182.

4. Михайлов Л.Г. Новый класс особых интегральных уравнения и его применения к дифференциальным уравнениям с сингулярными коэффициентами / Л.Г. Михайлов. – Душанбе: «Дониш», 1963. - 183 с.

5. Усманов Н. Сингулярная граничная задача сопряжения гармонических функций / Н.Усманов, Б.Б.Саидов // Доклады Академии наук РТ, 2015. Т. 58. - № 12. - С. 1078-1083.

6. Усманов Н. Задача линейного сопряжения гармонических функций для полуплоскости / Н.Усманов, Б.Б.Саидов // Материалы международной конференции, посвящённой 20-летию Конституции Республики Таджикистан и 60-летию учёных-математиков А. Мухсинова, А.Б. Назимова, С. Байзаева, Д. Осимовой, К. Тухлиева. – Худжанд, 2014. - №2(29), ч. 1. - С. 254-256.

7. Усманов Н. Об одной краевой задаче сопряжения гармонических функций / Н.Усманов, Б.Б.Саидов // Вестник Финансово-экономического института Таджикистана. – Душанбе, 2014. -№ 2.- С. 119-123.

УДК - 342.25

# ШАРОИТҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ОМИЛҲОИ ИШТИРОКИ ШАҲРВАНДОН ДАР ҲАЛ НАМУДАНИ МАСЪАЛАҲОИ АҲАМИЯТИ МАҲАЛЛИДОШТА ДАР ШАРОИТИ АЗНАВСОЗИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

***Шоисматуллоев Шоназар*** *– доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ. Сурога: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.*

***Қодиров Зоҳир Қодирович*** *– номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14., тел.: 93-562-98-54.*

*Дар мақола масъалаҳо оид ба иштироки шаҳрвандон дар ҳалли масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта дар шароити муосири рушди муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи худидоракунии маҳаллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ баррасӣ гардидаанд.*

*Аз рӯи натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ муайян карда шудааст, ки маҷмӯи низоми арзишҳо, анъана, шуури худидоракунӣ, меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи ин муносибатҳо, базаи иқтисодию молиявӣ, сохтори ташкилӣ ва омодагии кадрҳо, доираи номушаххаси салоҳиятҳо ва ваколатҳо дар фаъолияти институти худидоракунии маҳаллӣ ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ ҳанӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мукаммал ташаккул наёфтааст.*

***Калидвожаҳо:*** *худидоракунии маҳаллӣ, худташкилдиҳии ҷамъиятӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташаббусҳои маҳаллӣ, институтгардонии худидоракунии маҳаллӣ, амали иҷтимоӣ, фаъолияти иҷтимоии аҳолии маҳал.*

## *СОЦИАЛЬНЫЕ УСЛОВИЯ И ФАКТОРЫ УЧАСТИЯ ГРАЖДАН В РЕШЕНИИ ПРОБЛЕМ МЕСТНОГО ЗНАЧЕНИЯ В УСЛОВИЯХ МОДЕРНИЗАЦИИ ОБЩЕСТВА ТАДЖИКИСТАН*

***Шоисматуллоев Шоназар*** *– доктор социологических наук, профессор, член-корр. АН РТ. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33.*

***Кодиров Зохир Кодирович*** *– кандидат философских наук, старший преподаватель кафедры финансово-экономического права Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. тел.: 93-562-98-54.*

*В статье рассматриваются вопросы участия граждан Республики Таджикистан в решении проблем местного значения на уровне местного самоуправления и гражданского общества.*

*По результатам социологических исследований выявлено, что совокупность систем ценностей, традиций и самоуправленческого сознания, правовых норм, регулирующих социально – экономические отношения, финансовая и экономическая базы, компетенции и полномочия деятельности местного самоуправления как социального института в Республике Таджикистан до сих пор не сформировались.*

***Ключевые слова:*** *местное самоуправление, общественные самоорганизации, гражданское общество, местные инициативы, институционализация местного самоуправления, вопросы местного значения, социальная активность и социальное действие местного населения, развитие местных территорий.*

## SOCIAL CONDITIONS AND FACTORS OF CITIZENS PARTICIPATION IN SOLVING PROBLEMS OF LOCAL IMPORTANCE IN THE CONDITIONS OF MODERNIZATION OF TAJIK SOCIETY

***Shoismatulloev Shonazar -*** *Doctor of Sociological Sciences, Professor, Corresponding Member AN RT. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, 33 Rudaki Avenue*

***Kodirov Zohir Kodirovich*** *– Candidate of Philosophy, senior lecturer of the Department of Financial and Economic Law of the Financial and Economic Institute of Tajikistan. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova str., 64/14., tel.: 93-562-98-54.*

*The article discusses the participation of citizens in solving problems of local importance in modern conditions of development of socio-economic relations of the Republic of Tajikistan at the level of local self-governing and civil society.*

*According to the results of sociological research revealed that the combination of value systems, traditions and self-government consciousness, legal norms regulating these relations, fiscal and economic frameworks, training, competencies and powers the activities of the Institute of local self-government as a social institution in the Republic of Tajikistan is still not formed.*

***Key words:*** *local governing, social self-organization, civil society, local initiatives, institutionalization of local self-governing, local problems, socialne activity and social action of the local population, the development of local territory.*

Худидораи маҳаллӣ дар заминаи амали иҷтимоии аҳолӣ ба вуҷуд омада, ҳамчун воситаи иштирок дар идоракунии корҳои ҷамъиятӣ ва бар дӯши худ гирифтани маъсулият хизмат менамояд. Аз ин хотир, он ба сифати як шакли ҳокимияти оммавӣ баромад мекунад. Худидораи маҳаллӣ - ниҳоди муҳимтарини ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, иштироки бевоситаи шаҳрвандонро дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идоракунии ҳудуди худ таъмин мекунад.

Ба ақидаи муаллиф, бавуҷудоии амали (фаъолияти) иҷтимоӣ бояд ҳамчун таркиби табиии ҳаракатҳои иҷтимоӣ баррасӣ карда шавад ва дар худ маҷмӯи ҳадафҳову самтҳои муайянро дар бар мегирад, чунки ҳама гуна ҳаракати иҷтимоӣ дар заминаи амали иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд. Ба сифати дигар, сарчашмаи амали иҷтимоӣ, ки дар ҷомеаи муосир рушд карда истодааст, метавон амали «рефлексивӣ»-ро ҷудо намуд, ки ҳамчун унсури низоми иҷтимоӣ баромад мекунад. Ин хусусият аз тарафи бисёр назариётчиёни муосири сотсиологӣ қайд карда шуда, хусусан он дар «назарияи сохторӣ» аҳамияти махсусро касб намудааст.

Ҷомеашинос Э. Гидденс оид ба масъалаҳои таносуби «сохтор» ва «агент» кӯшиш намудааст, ки маънидодкунии худро дар воқеияти иҷтимоӣ баррасӣ намояд. Ин гуна фаҳмиш аз нуқтаи назари рушди худидораи маҳаллӣ ҳамчун институти иҷтимоӣ хеле муҳим мебошад. Шаҳрвандон оид ба вазъи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва масъалаҳои характери маҳаллидошта бештар маълумот пайдо намуда, таввасути амалҳои иҷтимоии худ (бо роҳи иштирок дар ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта, қабул намудани қарорҳои идоракунӣ, пешниҳод намудани ташаббусҳои маҳаллӣ, ворид намудани тағйироти институтсионалӣ ва ғайра) худидоракунии маҳаллиро ба мехенизми воқеан ҳокимияти халқӣ табдил медиҳанд [3, 632].

Аз ин нуқтаи назар Э. Гидденс ба хулосае меояд, ки институтҳои иҷтимоӣ (дар ин маврид худидораи маҳаллӣ ба назар дошта шудааст) дар як вақт ба сифати майдони амал ва натиҷаи ҳаракати фардҳо баромад мекунад. Амали иҷтимоии аҳолӣ дар амалӣ гардонидани худидораи маҳаллӣ дар ифодаи иштироки бевоситаи шаҳрвандон дар ҳал намудани масъалаҳои маҳаллӣ, қабули қарорҳо таввасути фаъолияти ҷамъиятӣ ва пешниҳоди ташаббусҳои фардӣ ба вуҷуд омада, амали муҳити дохилии сохтори худидоракунии маҳаллиро ташкил медиҳад.

Дар консепсияи низоми худреферентии Н. Луман муҳит (на танҳо дохилӣ, балки берунӣ ҳам) ҳамеша нисбат ба низом талаботҳои нав ба навро тақозо мекунад [4, 201]. Бинобар ин, низом ба воситаи амалҳои худӣ аз нав ба вуҷуд омада, сохторҳоро низ нав мекунад. Нақши ҳалкунандаро дар ташаккул ва

пешбурди талаботҳои муҳит иртибот (коммуникатсия) - ба монанди «мафҳумҳо, ахборот ва маълумотҳои гуногун» иҷро мекунанд.

Мувофиқи назарияи «тағйироти иҷтимоӣ»-и П. Штомпк, амали иҷтимоӣ ба воситаи омилҳои субъективии ҳаёти иҷтимоӣ ба вуҷуд омада, ба қувваи такондиҳандаи тағйироти иҷтимоӣ мубаддал мегардад [6]. Амали иҷтимоӣ дар ташкилоти иҷтимоии аҳолӣ дар сатҳи маҳал бештар равшан мегардад. Иштироки бевоситаи шаҳрвандонро дар ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта метавон дар як вақт ҳамчун омил ва неруи тағйироти иҷтимоӣ дар фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ баррасӣ намуд. Вобаста ба ҳамин мазмун ба сифати шарти асосии таъмин намудани имкониятҳои бавуҷудоии фаъолияти маҳаллӣ ин ҷой доштани муқарраоти шаклҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ барои ҳал намудани масъалаҳои фаъолияти ташкилӣ, бо иштироки бевоситаи аҳолӣ, ҳамчунин ҷой доштани механизмҳои иҷтимоӣ-идоракунии ҷалб намудани аҳолӣ дар ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта баромад мекунанд.

Яке аз хусусиятҳои хоси ҷомеаҳои муосири демократӣ ин дар ҳудуди онҳо самаранок амалӣ шудани худидораи маҳаллӣ мебошад. Низоми худидораи маҳаллӣ дар кишвари мо дар марҳилаи нави ислоҳот ва тағйирёбӣ қарор дошта, бо як қатор омилҳои хусусияти объективӣ ва субъективидошта бархурд дорад. Дар шуури ҷамъиятӣ фаҳмиш оид ба моҳияти худидораи маҳаллӣ баъди аз байн рафтани низоми тоталитарии Иттиҳоди Шӯравӣ аз нав ташаккул ёфта истода, аксарияти аҳолии маҳал дар бораи аҳамият ва мавҷудияти худидораи маҳаллӣ тасаввуроти кофӣ надоранд.

Ғайр аз ин, яке аз ҳадафҳои афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намудани имкониятҳои нав барои худамалишавии шаҳрвандии шаҳрванд ташкил медиҳад. Маҳз чунин худамалишавӣ метавонад дар сатҳи маҳал ҷой дошта бошад. Барои устувор намудани ин ҳадаф, мақомот ва шахсони мансабдори ҳокимияти давлатӣ бояд дар фаъолияташон ба инкишофи сармояи инсонии ҷомеаи маҳаллӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

Яке аз шартҳои самаранок амалӣ шудани худидораи маҳаллиро иштироки васеи аҳолӣ ва ҷалб намудани онҳо барои ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта ташкил медиҳад. Тағйироти доимии иҷтимоӣ дар Тоҷикистони муосир тақозо менамояд, ки механизмҳои идоракунӣ бозсозӣ карда шаванд ва ба ин восита, амалишавии ташаббусҳои маҳаллии шаҳрвандон дар сатҳи худидораи маҳаллӣ таъмин карда шаванд. Рушд додани низоми худидораи маҳаллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз як тараф, тағйир додани низоми идоракуниро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд. Дар Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» [1] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ» [2] шаклҳои иштироки аҳолӣ дар амалбарории худидораи маҳаллӣ ифода ёфтааст, аммо онҳо то ҳанӯз ба таври кофӣ васеъ паҳн нашудаанд. Новобаста аз муқарраоти меъёрӣ, қобилияти амали шаҳрвандон барои таъсир расонидан ба сифат ва шароитҳои ҳаёти худ ва иштирок дар идоракунии корҳои маҳаллӣ дар сатҳи маҳал хеле паст мебошад. Дар амалия бошад, чорабиниҳои андешидашудаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои фаъол гардонидани иштироки воқеии шаҳрвандон дар идоракунӣ қонеъкунанда намебошад.

Ин ҳолат аз якчанд омилҳо сарчашма мегирад. Вобаста ба ин масъала гузаронидани ислоҳот дар сохтори идоракунӣ ва ҷустуҷӯ намудани шаклҳои нави муносибатҳои байниҳамдигарӣ миёни ҳокимият ва аҳолӣ лозим меояд. Ҳамчунин коркард намудани механизмҳои нави ташкилӣ, ки рушд ва амалӣ гардонидани ташаббусҳои аҳолиро таъмин менамояд, хеле муҳим мебошанд. Иштироки аҳолӣ дар идоракунӣ яке аз вазифаҳои асосӣ мебошад, ки барои

ташкил намудани он бояд фаъолияти мақомоти худидораи маҳаллӣ равона карда шавад. Баланд бардоштани амали иҷтимоии аҳолӣ дар худидораи маҳаллӣ метавонад ба рушд додани ҷомеаи шаҳрвандӣ, ғайримутамарказ гардонидани ҳокимияти давлатӣ, беҳтар гардонидани алоқаҳои баргашти ҳокимият ва аҳолӣ мусоидат намояд.

Дар шароити муосир яке аз масъалаҳои асосӣ, ки дар фаъолияти якҷояи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва аҳолӣ дида мешавад, - ин амали нокифояи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта ба шумор меравад. Дар шароити имрӯз механизмҳои самаранок ҷиҳати ба ҳам мувофиқшавии манфиатҳо ва гузоштани ҳадафҳои ягона дар ҷомеаи маҳаллӣ ҷой надорад. Чунин масоил дар навбати худ ба коркард намудани нақшаҳои муносиби фаъолияти якҷояи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва аҳолӣ монеа эъҷод менамоянд.

Асоси ташкилоти иҷтимоии худидораи маҳаллиро ҷомеаи маҳаллӣ, ки ҳамчун ҳудуди худинкишофёбанда дар заминаи ягонагии фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, ки манфиатҳои умумии аъзоёни худро ифода намуда, онҳоро барои ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта, аз қабили ободонии ҳудуд ва фароҳам сохтани шароити муносиб барои худ ва наслҳои худ ҷалб мекунад. Бо мустаҳкам гардидани мавқеи ниҳоди худидораи маҳаллӣ дар қонунгузории кишвар аз соли 2009 ба аҳолӣ имконияти васеътар ҷиҳати иштирок дар ташаккул ва фаъолияти мақоми худидораи маҳаллӣ дода шуд. Хусусан, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ шаклҳои бевоситаи иштироки шаҳрвандонро дар худидораи маҳаллӣ муқаррар намуданд, аммо дар шароити муосир расман шаклҳои гуногуни иштироки аҳолӣ дар ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта натавонист, фаъолияти шаҳрвандонро ҷиҳати амалӣ намудани худидораи маҳаллӣ баланд бардорад.

Амали иҷтимоии шаҳрвандон ҳамчун воқеияти худинкишофёбанда баррасӣ карда мешавад, ки имконият медиҳад унсурҳои институсионалии худидоракунии маҳаллӣ тақвият дода шаванд, сифати қарорҳои қабулнамуда таъмин карда шаванд ва масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта самаранок ҳал карда шаванд. Аммо, маҳдудиятҳои захираҳои буҷетӣ ва омехтагии ваколатҳои дар қонунгузорӣ муқарраргардидаи мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта, амалишавии самараноки худидоракунии маҳаллиро коста намудааст.

Аз ин хотир, ба сифати омили муҳимми самаранок амалишавии фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар шароити муосир ин фаъол гардонидани иштироки васеи аҳолӣ дар қабул ва амалӣ гардонидани қарорҳо оид ба ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта, баланд бардоштани масъулиятнокии шахсони мансабдори худидораи маҳаллӣ, хусусан маъсулияти раисони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот баромад мекунанд.

Барои коркарди сотсиологии масъалаҳои худидораи маҳаллӣ ҷанбаҳои иҷтимоӣ-таърихии он хеле муҳим мебошанд. Бинобар ин, интихоб ва рушди шаклҳои худидораи маҳаллӣ ифодагари махсуси рушди таърихии ин ё он давлат мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи бештар дар ташаккул ва фаъолияти мақоми худидораи маҳаллӣ на танҳо аз дидгоҳи эҳё намудани унсурҳои муфиди худидораи маҳаллии анъанавӣ, балки барои муайян намудани самаранокии методҳои муосири рушди демократияи кишвар низ нигаронида шудааст. Ҳар як шакли худидораи маҳаллӣ институти ба худ хоси иҷтимоӣ мебошад, ки дар заминаи мустақилона ҳал намудани масъалаҳои ҳаётан муҳими ҷомеаи маҳаллӣ асос ёфтааст. Ҳамчунин онҳо ба сифати механизми танзимкунандаи фаъолияти аҳолӣ, ба воситаи ташаккул додани анъана,

муқаррар намудани меъёрҳо ва қоидаҳои рафтор, ки хусусияти ҳатмиро дар ҳудуди маҳал касб менамоянд, бароमад мекунанд.

Дар раванди тадқиқот муаллиф ба хулосае омад, ки новобаста аз қолабӣ будани институтгардонӣ, худидораи маҳаллӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз дар сатҳи ташаккулёбӣ қарор дошта, мукаммалшавии он раванди дуру дарозро дар бар мегирад. Аз ин хотир, зарур аст самаранокӣ ва нуфузи худидораи маҳаллӣ ба воситаи ғояҳои нав ва қарорҳои ташкилотӣ пайваста баланд бардошта шавад. Яке аз ғояҳои асосӣ - ин наздиккунонидани аҳолӣ бо ҳокимияти маҳаллӣ мебошад. Мустаҳкам намудани худидораи маҳаллӣ бояд ба сифати воситаи демократикунонии ҳокимияти оммавӣ дар Тоҷикистон баромад намуда, назорати ҷомеаи маҳаллӣ аз болои он устувор гардонида шавад. Рушд додани худидораи маҳаллӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани худташкилдиҳии ҷамъиятӣ ва ташаккул додани фарҳанги шаҳрвандӣ баромад менамояд, зеро ки дар шуури ҷамъиятии тоҷикон то ҳол ақидае ҷой дорад, ки худидораи маҳаллӣ назар ба механизмҳои ҳокимияти оммавӣ бештар хоси институти идоракунии давлатӣ мебошад.

Низоми муосири худидораи маҳаллӣ бояд дар худ интихобӣ будани раисони ҷамоатҳо ва мақомоти асосии он, мустақилияти фаъолияти сохторҳои ташкилии он, кифоя будани воситаҳои иқтисодӣ ва молиявии онҳо, мутаносибии ваколатҳо, ҷой доштани шаклҳои мухталифи худамалишавӣ ва мустақилона аз тарафи аҳолӣ ҳал карда шудани ҳама гуна масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта ва ягонагии низоми ҳудудиро дар худ инъикос намуда бошад.

Қонунгузории амалкунанда ҳуқуқҳоро барои иштироки аҳолӣ дар фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот кафолат дода, шаклҳои ташкилию ҳуқуқии иштироки онҳоро низ муқаррар намудааст. Аммо дар шароити муосир шаклҳои мухталифии иштироки шаҳрвандон дар худидораи маҳаллӣ натавонист амали иҷтимоии шаҳрвандонро дар худидораи маҳаллӣ баланд бардорад. Ба ақидаи муаллиф, ин омил якчанд сабаб дорад: нобоварии умум ба мақомоти худидораи маҳаллӣ, бетавофутӣ нисбат ба корҳои ҷамъиятӣ, паст будани маърифати ҳуқуқӣ, мавҷуд набудани алоқаҳои самараноки баргашт миёни аҳолӣ ва ҳокимият, ҳамчунин ҷой надоштани шаклҳои муносиби фаъолгардонии иштироки аҳолӣ дар худидораи маҳаллӣ баромад менамояд.

Худидораи маҳаллӣ бояд ба сифати ниҳоди воқеан тақвиятдиҳандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ баромад намояд. Омӯзонидан ва омода намудани аҳолӣ барои шаклҳои гуногуни худташкилкунӣ ва худамалишавӣ ҷиҳати ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта вазифаи асосие мебошад, ки дар шароити ислоҳоти сохторӣ дар назди мақомоти худидораи маҳаллӣ меистад. Дарвоқеъ ҳокимияти маҳаллӣ бояд барои ташаккул ва рушди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ манфиатдор бошад, аммо мутаассифона, баъзе шахсони мансабдор то ҳол дар симои ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ рақиби худро мебинанд ва барои рушду тақвият додани унсурҳои онманфиатдор намебошанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳокимияти маҳаллӣ майл ба пӯшида будани маълумотҳо оид ба фаъолияти худ, бидуни иштироки аҳолӣ қабул намудани қарорҳои муҳим ва ё қалбакӣ будани иштироки онҳо майл дорад. Натиҷаи чунин идоракунӣ боиси маҳрум шудани худидоракунии маҳаллӣ аз захираҳои зеҳнии амалҳои шаҳрвандӣ гардида, ғайри қобили қабули захираҳои сармоявии ҷомеаи маҳаллӣ мегардад. Иштироки аҳолӣ дар амалӣ гардонидани худидоракунии маҳаллӣ, ба фикри муаллиф, вазифаи аввалиндараҷа буда, бояд тамоми неруи мақомоти ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот барои он нигаронида шуда бошад.

Иштироки ғайрифаъоли аҳолӣ дар ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта самаранокии фаъолияти мақомоти худидораро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коста намудааст. Ин омил аз он шаҳодат медиҳад, ки аҳолии маҳал

оид ба аҳамияти худидоракунии маҳаллӣ маълумоти кофӣ надоранд. Баъзе сокинони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ҳануз ба таври пурра мафҳум, моҳият ва мақсаду вазифаҳои худидоракунии маҳаллиро хуб дарк накардаанд [5, 48-52].

Сабаби асосиро метавон дар омода набудани шаҳрвандон барои худидоракунӣ, худмуайянкунӣ ва худташкилкунӣ, инчунин паст будани арзишҳои худидоракунӣ дар шуури мардум баррасӣ намуд.

Дар шароити муосир одамон бояд маълумот дошта бошанд, ки дар кадом шакл ва дар кадом сатҳ имконияти иштирок намудан дар худидораи маҳаллиро доро мебошанд. Пурсишҳо нишон доданд, ки 30% пурсидашудагон оид ба шаклҳои гуногуни иштироки бевоситаи шаҳрвандон маълумот доранд, 24% умуман дар бораи ин ё он шаклҳои ба амалбарории худидораи маҳаллӣ маълумот надоранд.

Аксарияти аҳолии кишвар дар симои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мақомоти ҳокимияти давлатиро мебинанд ва байни онҳо тавофут намегузоранд. Аз ин хотир, онҳо барои рушди ҳудуди маҳал аз пеши худ ягон ташаббусро нишон намедиҳанд ва нисбати давлат мавқеи туфайлхуриро ишғол намудаанд. Нобоварии аҳолии маҳал нисбат ба институти худидоракунии маҳаллӣ аз он ҷиҳат мебошад, ки шаҳрвандон онро на ҳамчун институти иҷтимоие, ки маҳсули худи аҳолии маҳал, балки ҳамчун институте, ки онро давлат дар сатҳи маҳал танҳо барои амалӣ гардонидани функсияҳои худ таъсис додааст, қабул мекунанд.

Мувофиқи натиҷаҳои пурсиши сотсиологӣ муайян карда шуд, ки ба сифати омилҳои асосии паст шудани амали иҷтимоии аҳолӣ инҳо баромад менамоянд: ҳисси нобоварӣ ба мақомоти худидоракунии маҳаллӣ - 30%, нокифоя будани иттилоот оид ба фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ - 22%, бетарафӣ-20%, нокифоя будани дониш - 17,7%, бовар надоштан ба имкониятҳои таъсиррасонӣ ҳангоми қабул намудани қарорҳо - 10%.*

Аз ин хотир, бояд, қайд намуд, ки барои баланд бардоштани иштироки фаъоли аҳолии маҳал дар худидоракунӣ бояд механизмҳои нави иҷтимоӣ-идоракунӣ коркард карда шаванд. Чунки дар шароити муосир ба сифати омили муҳимтарини баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ин дар навбати аввал фаъол гардонидани иштироки аҳолӣ дар қабул ва амалӣ гардонидани қарорҳо оид ба ҳал намудани масъалаҳои ҳаётан муҳими ҳудуди маҳал ва ҳамчунин дар навбати дигар баланд бардоштани ҳисси маъсулияти шахсони мансабдори мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, хусусан раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот баромад мекунанд.

Даршароити муосир шарикии иҷтимоии мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ бо мақомоти худидоракунии маҳаллӣ хеле зарур мебошад. Иштироки аҳолии маҳал дар таҳия ва амалӣ намудани барномаҳо ва стратегияҳои рушди маҳал хеле муҳим мебошад. Ҳокимияти маҳаллӣ мунтазам барномаҳои мақсаднокро ҷиҳати беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолии маҳал таҳия ва амалӣ мегардонанд. Тадқиқотҳои сотсиологӣ муайян намуданд, ки танҳо қисми ками пурсидашудагон оид ба ҷой доштани барномаҳои мақсаднок маълумот доранд. Аз ин хотир аҳолии маҳалро зарур мебошад, ки оид ба барномаҳои мақсаднок на танҳо тавассути рӯзнома, маҷалла ва телевизион, балки бавоситаи шабакаҳои иҷтимоӣ бештар иттилоот дастрас намоянд. Дар навбати худ мақомоти худидоракунии маҳаллӣ бояд ба таври доимӣ аҳолии маҳалро оид ба мақсад, вазифа ва шаклҳои амалигардонии барномаҳои мақсадноки давлативу

---

Муаллиф тадқиқотро соли 2014 дар ҳудуди 10 ҷамоати шаҳрак ва деҳот дар мавзӯи «Худидоракунии маҳаллӣ ва иштироки шаҳрвандон дар ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта» гузаронд, N - 200

маҳаллӣ маълумот дастрас намояд, то ки гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ аз масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти маҳал маълумот дошта бошанд. Аҳолии маҳал бояд ба таври ҳамешагӣ дар таҳияи барномаҳои мақсаднок фаъолона ширкат варзанд. Тақвият додани худидоракунии маҳаллӣ ва ташаббусҳои маҳаллӣ метавонад ба усули идоракунии барномавӣ-мақсаднокӣ мусоидат намояд.

Дар доираи таҳияи барномаҳои худидоракунии маҳаллӣ ҷомеаи маҳаллӣ дар шакли таъсис додани шӯроҳои ҷамъиятӣ ва комиссияҳои назоратии ҷамъиятӣ дар он бояд ҷалб карда шаванд. Барои масъалаҳои актуалии рушди маҳал бояд шабакаи экспертҳо таъсис дода шавад. Ҳангоми таҳия намудани барномаҳо ба таври ҳатмӣ бояд як зерсохтор оид ба кор бо ташаббусҳои ҷамъиятии шаҳрвандон ва робита бо ҷомеа таъсис дода шавад. Чунки коркард намудани ҳама гуна барномаҳои мақсаднок дар сатҳи маҳал бояд доираи васеи оммаро ҳангоми муҳокимаронӣ, таҳия, баҳогузорӣ ва ислоҳнамоӣ фаро гирад ва бо истифода аз воситаҳои технологияҳои иттилоотии муосир, хусусан шабакаҳои интернетӣ фикру мулоҳизаҳо, тавсияву пешниҳодотро дар лоиҳаи барнома ҷойгир намоянд.

Барои ҷалби васеи аҳолии маҳал дар самти худидоракунии маҳаллӣ нуқтаҳои зеринро пешниҳод менамоем:

- Барои таҳияи стретегияи рушди маҳал бештар усули барномавӣ - мақсаднокиро барои фаъол гардонидани иштироки аҳолӣ дар ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта истифода кард. Барномаи мазкур дар навбати аввал амалҳои аҳолиро ба воситаи иштироки онҳо дар худидоракунии маҳаллӣ тавассути механизмҳои зерин: пурсишҳо ва ҷаласаҳои оммавӣ, ташаббусҳо ҳангоми қабул намудани қарорҳои якҷоя ва мурочиаткунӣ ҳавасманд гардонад;

- Ҷалб намудани аҳолӣ дар омода намудани қарорҳо ҷиҳати ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта бо истифода аз имкониятҳои технологияҳои муосири ахборотӣ-коммуникатсионӣ, ба воситаи тарғиб намудани иштироки шаҳрвандон дар нишастҳои оммавӣ ва ташаккул додани механизмҳои ташкилӣ-иҷтимоии амалишавии ташаббусҳои маҳаллӣ ба роҳ монда шавад;

- Фаъол гардонидани иштироки аҳолӣ дар ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта метавонад бо кӯмаки барномаҳои мақсадноки рушди ташаббусҳои маҳал низ таъмин карда шавад. Ин амал бо назардошти дар сохтори механизмҳои ташкилии омодасозии барномаҳои мақсаднок ҷудо намудани зерсохторҳо ва воҳидҳои кории иловагӣ, ки барои кор бо ташаббусҳои маҳал маъсул мебошанд, ба роҳ монда шавад. Ҳамчунин барои фаъол гардонидани иштироки аҳолӣ дар ҳал намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта намояндагони сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, пеш аз ҳама аъзоёни шӯрои ҷамъиятӣ, ки дар назди ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот таъсис ёфтаанд нақши асосиро иҷро мекунанд. Барномаҳои мақсадноки таҳиянамудаи мақомоти худидораи маҳаллӣ бояд аз ташхиси ҷамъиятӣ гузаранд ва ин амал имконият медиҳад, ки нерӯи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаҳои илмӣ бо ҳам муттаҳид шаванд.

**Адабиёт**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», аз 5 августи соли 2009, таҳти № 549 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №7-8, мод.503;
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ», аз 5 январи соли 2008, таҳти №347 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008, №1 қисми 2, мод. 12;
3. Гидденс Э. Социология / Э.Гидденс при участии К. Бердсолл: Пер. с англ. Изд. 2 –е, полностью перераб. и доп. – М.: Едиториал УРСС, 2005. – 632 с.
4. Луман Н. Теория общества / Н. Луман Теория общества: сборник КАНОНпрессЦ, Кучково поле Пер. с нем., англ. под ред. А.Ф. Филиппова. - М., - 1999. - С. 196 – 234с.

5. Шоисматуллоев Ш. Осознание сущности и целей местного самоуправления в условиях социокультурной трансформации Таджикистанского общества / Ш. Шоисматуллоев, З.Қ. Қодиров // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение общественных наук.– Душанбе: Дониш,- 2016, №2 (242). – С. 48 -52
6. Штомпка Петр. Социология социальных изменений / П. Штомпка / Пер с англ. под ред. В.А.Ядова. — М.: Аспект Пресс, 1996. — 416 с.

УДК: 32+327 (5753)

# НОМУКАММАЛИИ СИЁСАТИ ИДОРИИ ҶОМЕА ЯКЕ АЗ АСОСИТАРИН ОМИЛИ БА ВУҶУД ОМАДАНИ ТЕРРОРИЗМИ СИЁСӢ

***Мирзоев Ғуломҷон -*** *н.и.ф., профессори кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 907504989. E-mail: mirzoev.gulomjon@mail/ ru.*

*Мавзӯи сиёсати идораи ҷомеа дар ҳама давру замон аз масъалаҳои мубрамтарин ба шумор мерафт. Дар замони муосир низ вай мубрамияти худро гум накардааст.*

*Ин масъала дар алоқамандӣ ба рушди ҷомеа бояд дар такмилёбии ҳамешагӣ бошад, зеро номукаммалии он барои ба вуҷуд омадани ҳаракатҳои гуногун, аз ҷумла терроризм шароит фароҳам меоварад.*

*Ихтилофи байни ҳокимияти сиёсии идораи ҷомеа ва қишрҳои гуногун роҳҳову тарзҳои муносиби ҳалли худро тақозо менамоянд, ки терроризм аз он истисно намебошад.*

*Мафҳуми «терроризм» таърифи аз тарафи аксари муҳаққиқон пазируфташуда надорад, зеро падидаи мазкур намудҳои хеле гуногун дошта, барои ҳадафҳои гуногун ва тавассути тарзҳои мухталиф ва ғайричашмдошт татбиқ карда мешавад.*

*Номукаммалии сиёсати идораи ҷомеа дар кишварҳои тартиботи сиёсии худкома ва томраводошта, ки тамоюли давлатсозии муосирро пазиро нестанд, шароити мусоиди терроризмзоро фароҳам меоваранд.*

*Ихтилофи байни кишварҳои мутамаддин ва ғайримутамаддин, ки дар онҳо сиёсати шаффофи идораи ҷомеа вуҷуд надорад, низ имконияти бештари ба вуҷуд омадани терроризмро дорад.*

*Сиёсати идораи ҷомеа мутлақо мукаммал ва идеалӣ намешавад, вале вай метавонад ҷавобгӯйи тамоюли давлатсозии муосир бошад, ки он зуҳурёбии терроризмро хеле маҳдуд карда метавонад.*

*Идеологияи теократии давлатсозӣ низ яке аз омилҳои терроризмзо ба шумор меравад.*

***Калидвожаҳо:*** *номукаммалӣ, сиёсат, идора, омил, пайдоиш, терроризм, тазод, қишри ҷомеа, авторитаризм, тоталитаризм, теократия, мутлақият, идеалият, тамаддуният.*

## *НЕСОВЕРШЕНСТВО ПОЛИТИКИ УПРАВЛЕНИЯ ОБЩЕСТВОМ КАК ОДНО ИЗ ОСНОВНЫХ ФАКТОРОВ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ПОЛИТИЧЕСКОГО ТЕРРОРИЗМА*

***Мирзоев Гуломжон,*** *кандидат философских наук, профессор кафедры гуманитарных дисциплин Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: 907504989. E-mail: mirzoev.gulomjon@mail/ ru.*

*Политика управления обществом во все времена была одной из актуальнейших проблем. Она не потеряла свою актуальность даже и в современных условиях.*

*Политика управления должна всегда совершенствоваться, так как ее несовершенство может создать благоприятствующие условия для возникновения различных движений, в том числе и терроризма.*

*Противоречия между институтами политики управления и различных пластов общества требует определения путей и методов их разрешения, где терроризм не является исключением.*

*Понятие «терроризм» не имеет своего признанного, со стороны большинства исследователей, определения, так как данное явление имеет очень много разновидностей, имеющих различные цели и реализуемые различными непредсказуемыми способами.*

*Несовершенство политики управления обществом в странах с авторитарными и тоталитарными политическими режимами, которые не приемлют тенденцию современного государственного строительства, создают благоприятные условия возникновения терроризма.*

*Противоречия между цивилизованными странами и странами нецивилизованными, где отсутствует прозрачная политика управления обществом, также существует большая возможность возникновения терроризма.*

*Политика управления обществом не может быть абсолютно совершенной и идеальной, однако, она может становиться соответствующей тенденциям современного государственного строительства, которая может предельно ограничивать проявления терроризма.*

*Идеология теократизма в государственном строительстве также является одним из факторов, способствующих проявлению терроризма*

***Ключевые слова:*** *несовершенство, политика, управление, фактор, возникновение, терроризм, противоречие, пласты общества, авторитаризм, тоталитаризм, теократия, абсолютность, идеальность, цивилизованность.*

## IMPERFECTION OF THE POLICY OF THEGOVERNMANCE OF SOCIETY AS ONE OF THE MAIN FACTORS BEHIND THE EMERGENCE OF POLITICAL TERRORISM

***Mirzoev Gulomjon*** *– Candidate of Philosophy, Professor of the Department of Humanities. Address: street Nakhimova 64/14, Dushanbe, 734067, RepublicTajikistan. Phone: 907504989/ E-mail: mirzoev.gulomjon@mail/ ru.*

The policy of the societygovernmance has always been one of the most urgent problems. It also has not lost its relevance in contemporary conditions.

The policy of the governmancemust always been to be improved, since its imperfection may create favorable conditions for the emergence of various movements, including terrorism.

Contradictions between the institutions of thepolicy of governmance and different stratasof the society require the determination of ways and methods of their resolvement, and terrorism is no exception.

The concept of "terrorism" on the part of most researchers does not have its recognized definition, since this phenomenon has many varieties that have different goals and which are achieved by various unpredictable ways.

The imperfection of the policy of society governmancein countries with authoritarian and totalitarian political regimes that do not accept the trend of modern state-building create relevent conditions for the emergence of terrorism.

Contradictions between civilized and uncivilized countries with no transparent policy of society governance, the great possibility of the emergence of terrorismalso do exist.

The policy of society governmance cannot be absolutely perfect and ideal, but it can become relevant to the trends of modern state-building, which can limit the manifestations of terrorism to the utmost.

The ideology of theocracy in state-building is also one of the factors that contributes to the manifestation of terrorism.

**Keywords:** imperfection, politics, goverenmance, factor, origin, terrorism, contradiction, stratum of society, authoritarianism, totalitarianism, autocracy, absolutely, ideal, civilized.

Чунон ки маълум аст, сиёсати идораи ҷомеа «дар ҳама гуна ташкилот мақоми калидиро мебозад. Вай вазифаи асосии ҳифз ва таъмини ягонагӣ ва яклухтии созмон, қобили ҳаёт ва самаранок фаъолият кардани онро ба ухда дорад» [1, 154].

Ҳама гуна сиёсатро ҳамчун иштирок дар умури давлат медонанд, ки вай соҳаи ҳаёти ҷомеавӣ буда, тамоми муносиботи сиёсии ҷомеаро дар худ муттаҳид менамояд ва яке аз соҳаҳои асосии таъмини фаъолияти ҷомеа ба шумор меравад [8, 12; 10, 509].

Мавзӯи такмили сиёсати идораи ҷомеа ҳоло аз давраҳои бостонии тамаддуни инсоният таваҷҷуҳи аҳли маърифатро ба худ ҷалб менамуд. Масалан, зиёда аз дувуним ҳазор сол қабл аз ин мутафаккири Чини Қадим Конфутсий калиди идораи ҷомеаро дар намунаи ахлоқӣ будани болонишинон, яъне ҳокимон, нисбат ба пойиннишинон маънидод карда буд [нигар. ба: 11, 33].

Ин мавзӯъ дар тӯли таърихи минбаъда низ ҳамеша аз масъалаҳои доғи ҷомеа маҳсуб меёфт. Вақте ба таърихи яке аз марҳилаҳои муҳимтарини рушди ҷомеа ва тафаккури инсон, ки онро давраи Антиқа меноманд, муроҷиат мекунем, мушоҳида менамоем, ки дар ин давра низ масъалаи идораи ҷомеа яке аз масъалаҳои марказии давр ба шумор мерафтааст. Чунончи, яке аз мутафаккирони донишномавии марҳила Афлотун доир ба мавзӯи мавриди баррасӣ дар чунин ақида будааст, ки «на барои давлат, на барои шаҳрвандон бебахтӣ ба охир намерасад, то он лаҳзае, ки ҳокими давлат аз қишри файласуфон нашавад» [11, 277].

Афлотун барои он дар ин ақида буд, ки дар давраи зиндагии ӯ файласуф таҷассумкунандаи тамоми донишҳо ба шумор мерафт ва шахсияте маҳсуб меёфт, ки дар худ, дар асоси маърифаташ, ахлоқи волоро низ таҷассум мекард. Ин гуна инсон, ба ақидаи Афлотун, ҷомеаро дар асоси адолат идора накарда наметавонист, шахсияти босалоҳият маҳсуб меёфт.

Дар давраҳои минбаъда низ ин мавзӯъ ҳаргиз мубрамияташро гум накарда буд ва ҳоло ҳам гум накардааст, зеро ҷомеа ҳамеша дар тағйир ва такмилёбӣ мебошад.

Яке аз падидаҳои ҳаёти ҷомеа дар тӯли таърих ихтилофи байни ҳокимияти сиёсии идораи ҷомеа ва қишрҳои гуногуни аҳолӣ ба шумор меравад, ки он роҳҳову тарзҳои муносиби ҳалли худро тақозо менамояд.

Дар замони муосир низ чунин ихтилофот аз байн нарафтааст ва барои ба сари ҳокимияти сиёсӣ омадан субъектҳои сиёсат роҳҳову тарзҳои гуногуни муборизаро истифода менамоянд, ки терроризм низ яке аз чунин роҳҳои канорагӣ ва тундрав ба шумор меравад.

Маълум аст, ки ҳама гуна ҳодиса дар ҳаёти иҷтимоӣ сабабҳои тадриҷан пайдошавӣ ва пухта расидану ба воқеият табдилёбии худро дорад, ки аз он падидаи терроризм истисно буда наметавонад. Терроризм, чунон ки қайд гардид, ҳамчун яке аз шаклҳои канорагӣ ва тундрави ба даст овардани ҳадафи тарафе аз тарафҳо ё субъекте аз субъектҳои иҷтимоӣ ба шумор меравад, ки он аз ноумедии бо роҳҳои дигари мусолиматомез татбиқ кардани ин ва ё он мақсад, махсусан, мақсадҳои сиёсӣ, идеологӣ, динӣ ва ғайра ба он даст мезанад.

Ҳама гуна падида дар ҳаёти ҷомеа бо мафҳуме ифода карда мешавад ва муҳаққиқ кӯшиш мекунад, ки ба он таърифе диҳад, то ин ки чунин таъриф моҳияти ҷавҳарии мафҳуми истифодашавандаро дода тавонад. Доир ба мафҳуми «терроризм» бошад, кӯшишҳои хеле зиёд ба харҷ дода шудааст, вале то ба ҳол кадом як таърифи аз тарафи аксари муҳаққиқон пазируфташудае, мутаассифона, вуҷуд надорад. Сабаби асосии чунин ҳолат, ба назари мо, дар он аст, ки падидаи мазкур намудҳои хеле гуногун дошта, барои ҳадафҳои гуногун

ва тавассути тарзҳои гуногун татбиқ карда мешавад, қонунияти муайян надорад, ғайричашмдошт амалӣ карда мешавад.

Терроризм падидаи нав набуда, дар тӯли таърих вуҷуд дошт ва дар алоқамандӣ бо инкишофи ҷомеа ва тарзҳои идораи он, намудҳои зоҳиршавии худро дар робита ба замони татбиқшавиаш тағйир медод. Бинобар ин дар замони муосир, чунон ки ба ҳамагон маълум аст, башарият ба намудҳои мухталифи он мувоҷеҳ мебошад.

Бо ин гуфтаҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки «терроризм ҳодисаи мураккаби иҷтимоиву сиёсӣ буда, дар намуду шаклҳои гуногун вуҷуд дорад ва таърихи он асрҳоро дар бар мегирад» [7, 497].

Азбаски терроризм на ватан, на миллат дорад ва ба ҳеҷ як дину мазҳаб мансубият надорад, онро падидаи таҳдидовари хусусияти ҷаҳонидошта маънидод кардан мумкин аст [5].

Терроризм бо сабабҳои хеле гуногун ба вуҷуд омаданаш мумкин аст. Бинобар ин муаллиф чунин андеша дорад, ки таҳқиқи ин падида бояд бештар ба муайян кардани сабабҳои омилии ба вуқӯъ пайвастани он равона карда шавад, то ин ки дар заминаи натиҷаҳои илмии ба кашфи сабабҳо асосёфта на танҳо иштирокчиёни терроризм маҳкум ва ҷазо дода шаванд, балки, пеш аз ҳама, сабабҳои арзи вуҷуд кардани он аз ҳаёти иҷтимоӣ рафъ карда шаванд.

Доир ба мубрамияти таҳқиқи падидаи терроризм ҳамчун воситаи зӯроварии ба даст овардани ҳадафи муайян, ки ба яке аз навъҳои таҳдидҳои олами муосир табдил ёфтааст, шубҳае нест, зеро то ба ҳол тамоми ҷонибҳои бавуҷудоварандаи он омӯхта нашудаанд. Бинобар ин тарафҳои мухталиф ба ин падида, вобаста ба манофеи худ, муносибат мекунанд [3, 3-7]. Яке аз сабабҳои асосии аз ҷомеа, махсусан, дар доираи байналмилалӣ ва ҷаҳонӣ бартараф нашудани терроризм низ дар ҳамин аст.

Мубрамияти дигари мавзӯи мавриди баррасӣ дар он низ аст, ки то ба ҳол таҳқиқоти муфассал доир ба яке аз сабабҳои асосии арзи вуҷуд кардани терроризм, ки номукаммалии сиёсати идораи ҷомеа ба шумор меравад, вуҷуд надорад.

Агар ҷомеаи башаририро дурусттар таҳқиқ намоем, маълумамон мешавад, ки он аз умумиятҳои этникии гуногун, аз фарҳангҳо, дину мазҳабҳо, урфу анъанаҳои гуногун, тарзҳои зиндагии гуногун ва ғайра иборат буда, ҳар як аз онҳо аз ин унсурҳои таърихан ташаккулёфтааш даст кашидан намехоҳад. Агар ҷомеаи ҷаҳонӣ бихоҳад, ки дар оромиву истиқрор зиндагӣ кунад, бояд воқеияти мазкурро ҳамчун зуҳуроти таърихан ташаккулёфтаи воқеӣ бипазирад.

Номукаммалии сиёсати идораи ҷомеаи башарӣ дар он аст, ки плюрализми мазкур, бисёр вақт, сарфи назар карда мешавад. Азбаски рушди ҷомеаҳо ва давлатҳои алоҳида якмаром набуда, баъзе кишварҳо хеле пеш рафтаанд ва баъзеи дигарон дар сатҳҳои дигари нисбатан поёнии рушд қарор доранд ва намехоҳанд, ки низоми идораи пешрафтагонро қабул кунанд, байни онҳо ихтилоф пайдо нашуда наметавонад, зеро кишварҳои пешрафта тарзи татбиқи сиёсати идораи ҷомеаи худро ба кишварҳои дигар таҳмил карданӣ мешаванд. Аммо кишварҳо намехоҳанд, ки чунин таҳмилро бипазиранд. Барои ҳалли мусолиматомези ин масъала музокироти байниҳамдигарии онҳо низ ба манфиати қудратмандон анҷом мепазирад. Дар натиҷаи нобаробар будани тавоноиҳои кишварҳои мазкур, камтавонон роҳҳои ба тавоноҳои қудратманд зараррасониро ҷустуҷӯ мекунанд, ки яке аз чунин роҳҳо истифодаи терроризм ба шумор меравад.

Барои таҳқиқи дурусти номукаммалии сиёсати идораи ҷомеа лозим мешавад, ки чунин амал ҳам дар доираи давлатҳои алоҳида ва ҳам байналмилаливу ҷаҳонӣ татбиқ карда шавад.

Роҷеъ ба номукаммалии сиёсати идораи ҷомеа дар давлатҳои алоҳида бояд қайд кард, ки ин номукаммалӣ ба эътибор нагирифтани тамоюли асосии давлатсозии муосир, яъне монеагузор будани сиёсати давлатҳо ба тамоюли мазкур, ки дар асоси мабдаъҳои тартиботи ҳақиқатан демократӣ амалӣ мегардад, ба шумор меравад. Маънии ифодаи мазкур аз он иборат аст, ки ҳокимияти сиёсии чунин давлатҳо ҳаргиз омодаи дар ҳақиқат сохтмони давлатҳои умдатан демократӣ намебошанд ва демократибозии шаклиро касб мекунанд, дар чунин демократибозӣ унсурҳои шаклии демократӣ амал мекунанд. Масалан, конститутсияҳо қабул гардида, дар бандҳои онҳо тамоми арзишҳои давлатдории демократӣ собит карда мешаванд, вале дар амал арзишҳои мазкур на феълан, балки шаклан татбиқ карда мешаванд.

Мусаллам аст, ки моҳияти марказии сиёсати давлатдории ҳақиқатан демократӣ бояд аз таъмин кардани озодиҳои инсон, бисёрандешӣ дар ҷомеа, озодона амал кардани ҳизбҳои гуногуни сиёсии ба хости қишрҳои мухталифи ҷомеа арзивуҷудкарда, ки ҳимояткунандаи манофеи қишрҳои мазкури ҷомеа бояд ба шумор раванд, озодона амал кардани воситаҳои ахбори омма, ки тавассути онҳо фаъолияти ҳокимияти сиёсӣ аз тарафи мардум назорат карда шавад, баробарии ҳама аъзои ҷомеа дар назди қонун ва амсоли инҳо иборат аст. Вале амалияи давлатдории бисёр кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки онҳо талаботи мазкури давлатсозии муосирро ба эътибор намегиранд ва барои қонунӣ гардонидани тартиботи худкома ва ё томравои худ демократибозӣ мекунанд. Ин гуна ҳолат, чунон ки амалияи таърихӣ нишон медиҳад, муддати тӯлонӣ ҳастии худро нигоҳ дошта наметавонад ва фоҷеабор завол ҳам меёбад, вале ин таҷрибаи таърихӣ ба бисёр давлатҳо дарс намешавад.

Бадии кор дар он аст, ки набудани шаффофият дар фаъолияти ҳокимияти сиёсӣ, фишороварии давлатӣ ба ҳама гуна озодандешӣ ва бисёрандешӣ, шаклан вуҷуд доштани ҳизбҳои сиёсие, ки на дар асоси ҳимояи манофеи қишрҳои мухталифи ҷомеа, балки бо кадом як ғаразҳои сиёсӣ ба вуҷуд омадаанд ва ҳеҷ гуна фаъолияти мувоҷеҳ ба татбиқи ислоҳи камбудҳои сиёсати идораи ҷомеаро иҷро намекунанд, фишороварии давлатӣ ба воситаҳои ахбори омма ва бисёр маҳдуд кардани имконияти фаъолияти онҳо, татбиқи сиёсати тафриқаандозии байни маҳалҳову минтақаҳо, мазҳабҳои гуногун, татбиқи сиёсати авлоду қавмгароӣ, дастгирӣ ва мусоидати сиёсӣ барои ба даст овардани моликияти кишвар аз тарафи хешу табории наздик ва ғайра ҳама гуна таваҷҷуҳ ва хоҳиши одамонро барои рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ аз байн мебарад. Дар чунин шароит имконияти бо роҳҳои мусолиматомези демократӣ ҳал кардани мушкилоти ҷомеа боқӣ намемонад. Дар ин гуна ҷомеаҳо заминаи мусоид барои ташаккулёбии ҳаракатҳои инқилобӣ, табаддулотӣ ва, ниҳоят, террористӣ низ вуҷуд дорад.

Аз таҳлили ҳаракатҳои террористӣ муаллиф ба чунин ақида расидааст, ки падидаи мазкурро мутлақан решакан кардан дар ҷомеаи ҷаҳонии имрӯза имконнопазир аст, зеро ин ҷомеа пур аз тазодҳои гуногун буда, худ терроризмзо ба шумор меравад. Вале, ба назари муаллиф, дар ҳар як давлати алоҳида агар сиёсати пухта ва ҷавобгӯ ба тамоюли давлатсозии муосир, ки татбиқи бечунучарои арзишҳои ҳақиқатан демократиро тақозо менамояд, амалӣ карда шавад, заминаи ба вуҷуд омадани терроризм боқӣ намемонад ва ин падида, шояд, ба амри тасодуф табдил ёбад.

Зиёда аз ин, татбиқи арзишҳои ҳақиқатан демократӣ дар ҳама давлатҳои ҷаҳон рушди тақозоии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, махсусан, соҳаи иқтисодиро таъмин мекунад, ки он давлатҳоро ба сатҳи муосири рушд мерасонад. Аз ҳама муҳим дар ин раванд аз он иборат аст, ки дигар имконияти ба вуҷуд омадани тазодҳои ихтилофзои байни давлатҳои гуногун низ аз байн меравад. Ҳамаи ин

ва масъалаҳои дигари ихтилофзо будани идораи ҷомеа дар номукаммалии сиёсии чунин идора пинҳон аст, ки он татбиқи ислоҳоти заруриро талаб менамояд.

Ҳоло ба баъзе мисолҳо муроҷиат мекунем, то тавонем фикрҳои ифодакардаамонро исбот карда бошем. Маълум аст, ки солҳои ахир дар ҷаҳон ҳаракатҳои террористии зиёд амалӣ гардиданд, ҷангҳо ба вуҷуд омаданд, мардуми зиёд фирорӣ, хонавайрон шуданд ва ғайра.

Тазодҳои асосии бавуҷудоварандаи терроризм дар замони муосир, ба назари муаллиф, аз он иборатанд, ки, аввалан,сатҳи инкишоф дар ҷомеаи башарӣ нобаробар боқӣ мемонад; дувум он, ки на ҳамаи давлатҳои ҷаҳон тамоюли асосии раванди давлатсозии муосирро, ки дар боло низ қайд кардем, пазиро ҳастанд; севум он, ки то ба ҳол шаклҳои мухталифи давлатдорӣ боқӣ мондааст; чаҳорум он, ки баъзе тартибот (режимҳо), аз ҷумла тартиботи худкома ва томравои мавҷуда ба талаботи давлатсозии муосир ҷавобгӯ намебошанд; панҷум он, ки манфиатҳои давлатҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд; шашум он, ки талоши баъзе давлатҳои абарқудрат барои нуфуз ва салтанати ҷаҳонӣ идома дорад. Чунин ҳолат ва мавҷудияти ин гуна тазодҳо наметавонад заминаи мусоиди ба вуқӯъ пайвастани падидаҳои гуногуни иҷтимоӣ, аз ҷумла терроризм набошад.

Дар заминаҳои мазкур ба вуҷуд омадани катаклизмҳо (дигаргуниҳои фоҷеабор) дар Ховари Наздик ва Миёна, аз ҷумла Ироқ, Тунис, Либия, Миср ва дигар кишварҳо мисоли рӯшани гуфтаҳои боло ба шумор мераванд. Дар кишварҳои номбаршуда тартиботи худкома амал мекарданд, ки роҳбарони сиёсии онҳо даҳсолаҳо дар сари қудрати сиёсӣ буда, бо коррупсия маъруфият доштанд [нигар. ба: 4,731] ва, асосан, ба нигоҳ доштани унсурҳои таъминкунандаи тартиботи худкомаи худ, сарватҷамъкунӣ, хешу таборгароӣ ва дигар воситаҳои барои худашон ҳаётан муҳим машғул буданд, вале сатҳи зиндагии аксари кулли мардум ҳамоно дар камбизоатӣ ва қашшоқӣ боқӣ мемонд, мардум аз озодиҳои демократӣ маҳдуд карда мешуданд, ба ҳеҷ гуна бисёрандешӣ имконият вуҷуд надошт.

Чунончи, дар Тунис президент Зайнулобиддин Бен Али аз соли 1987 дар сари қудрат буд ва ҳеҷ гуна хоҳиши тарк кардани онро надошт. Дар Миср Ҳусни Муборак аз соли 1981 дар сари қудрати сиёсӣ буд, дар Либия бошад, Муаммар Қаззофӣ аз соли 1969 ва ғайра.

Татбиқи тартиботи худкома дар ин кишварҳо давоми муддати тӯлонӣ, беҳтар нашудани сатҳи зиндагии мардум дар муқоиса бо кишварҳои мутамаддин ва ҳақиқатан демократии ҷаҳон ва ё кишварҳое, ки тартиботи худкомаро барои беҳбудии бошандагони кишварҳояшон истифода мекарданд, аз ҷумла Сингапур ё давлатҳои томраво ба мисли Ҷумҳурии Халқии Чин, ки ислоҳоти куллии тадриҷӣ дар заминаи, махсусан, иқтисодӣ татбиқ намуда, имконияти беҳбуд бахшидан ба сатҳи зиндагии мардумро ба вучуд овард, тазодҳои иҷтимоии дохилии кишварҳоро сол аз сол меафзуд.

Дар натиҷа, тазодҳои мазкур ба он оварда расониданд, ки мардум ба кӯчаву майдонҳо баромад ва дар як қатор кишварҳои араб инқилобҳои ба ном «баҳори араб» амри ногузир гардиданд. Сабабҳои ба вуҷуд омадани ин инқилобҳоро коршиносон ба таври зерин тасниф кардаанд: а) буҳрони иқтисодиву иҷтимоийи кашолёфта дар кишварҳои минтақа, ва, ҳамчун натиҷа, афзудани ноқаноатмандии аҳолӣ аз вазъи душвори иҷтимоиву иқтисодӣ (камбизоатӣ, бекорӣ, болоравии нархи маводи ғизо) ва коррупсия, б) хаста шудани мардум аз даҳсолаҳои ҳукмронии ҳамон як пешвоёни тағйирнаёбанда, в) дар дохили ҷомеаҳои араб ҷамъ шудани тазодҳои навъҳои мухталиф, ки тазодҳои иҷтимоии («камбизоатон» - «сарватмандон»), ақидатии («қувваҳои дунявӣ» - «исломиҳо»,

«ҳокимият» - «мухолифин») ва динӣ (сунниҳо – шиаҳо)-ро ба худ шомил мекарданд» [7, 210].

Инқилобҳои бавуҷудомада дар баъзе кишварҳо имконияти дигаргунсозиҳои конститутсиониро низ имконпазир гардониданд. Масалан, 19 марти соли 2011 дар Ҷумҳурии Мисри Араб раъйпурсӣ гузаронида шуд, ки он муддати салоҳияти президентро аз 6 сол ба чаҳор сол ва танҳо бо ду дафъа маҳдуд кард.

Тартиботи теократии мавҷуда дар як теъдод кишварҳо, ки чандон ба талаботи тамоюли муосири давлатсозӣ мувофиқат намекунанд, ҳамчунин бавуҷудоварандаи тазодҳои инқилобӣ ба шумор мераванд. Чунончи, дар конститутсияи Ҷумҳурии Исломии Эрон чунин муқаррароте вуҷуд дорад, ки онҳо ба кишварҳои мутамаддини муосир пазиро буда наметавонанд. Муқаррароти мазкур чунин ифода гардидаанд: «Конститутсияи Ҷумҳурии Исломии Эрон шароит барои идомаи инқилоб дар кишвар ва дар хориҷи ҳудуди онро фароҳам меоварад ва кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки тавассути рушди муносибатҳо бо дигар ҳаракатҳои исломӣ ва қавмӣ роҳи созмон додани уммаи (миллати) ягонаи исломии оламӣ ва тақвият бахшидани мубориза баҳри озод кардани мардумони истисморшаванда дар қаламрави кулли оламро пайдо намояд» [7, 216].

Муқаррароти мазкур, ки ба ҳукми қонуни конститутсионӣ дароварда шудаанд, ноқаноатмандии ҳам аҳли зиёи худи кишвари Эрон ва ҳам сиёсат ва раҳбарии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонро ба вуҷуд наоварда наметавонанд, зеро онҳо имконияти мудохила кардан ба умури дохилии кишварҳои дигари мусалмониро медиҳанд ва, ҳамчунин, барои дар амал татбиқ кардани онҳо лозим меояд, то ҳаракатҳо ва созмонҳои мухталифи мубоиризабаранда алайҳи татбиқи ҳадафи мазкур ташкил карда шаванд.

Дар давлатҳои тартиботи теократӣ, чунон ки коршиносон қайд мекунанд, тамоюли мухталифи арзи вуҷуд кардани ҳаракатҳои экстремистӣ ба назар мерасад. Намояндагони ҳаракатҳои мазкур доир ба озодандешӣ ва эътиқодоти дигари мазҳабиву динӣ оштинопазирӣ доранд, ки он, дар ниҳояти кор, ба амалҳои террористӣ наоварда наметавонад [нигар. ба: 9, 234]

Ин гуна мисолҳоро зиёд овардан мумкин аст, вале муаллиф бо овардаҳо иктифо мекунад ва собит карданӣ аст, ки ҳама ин ва дигар масъалаҳо ба сиёсати идораи ҷомеа алоқамандӣ доранд.

Бояд гуфт, ки ҳама гуна сиёсати идораи ҷомеа, ки ба миллатгаройӣ, мазҳабгаройӣ ва гаройишҳои дигари хориҷ аз доираи тамоюли давлатсозии муосир алоқамандӣ доранд, на дар таърихи гузаштаи инсоният ва на дар замони муосир муваффақ нашуда буданд, нашудаанд ва минбаъд низ муваффақ нахоҳанд шуд, зеро чунин сиёсат барои созмон додани ҳаёти осоиштаи мардумон созгор буда наметавонад.

Мусаллам аст, ки ҷомеаи башарӣ ҳамчун як ҷузъи ҷудонопазири ҳастӣ ба шумор меравад, ки он низ дар ҳаракати ҳамешагӣ, дар тағйирёбӣ ва рушд мебошад. Дар ин раванд ҳамеша тазодҳо ба вуҷуд омада меистанд, ки аз он роҳи халосӣ нест ва буда низ наметавонад, зеро ягона сабаби баҳаракатоварандаи тамоми олами ҳастӣ ва ҷузъҳои ҷудонопазири он тазод маҳсуб меёбад.

Аммо дар ҷомеа тазодҳои на танҳо воқеии рушдбахшанда, балки тазодҳои аз ҷониби субъектҳои сиёсӣ бавуҷудоваранда низ хеле зиёданд, ки онҳо, мутаассифона, на барои рушди тақозоийи ҷомеа хидмат мекунанд, балки бавуҷудоварандагони катаклизмҳо мебошанд. Ин гуна тазодҳоро дар боло бисёр овардем ва бо овардани онҳо собит карданӣ ҳастем, ки бисёрии онҳо ба сиёсати идораи ҷомеа алоқамандӣ дошта, таъмини инкишофи бояду шояди ҷомеаро монеагузор мешаванд.

Бинобар ин тақозои амалияи таърихӣ аз он иборат аст, ки субъектҳои сиёсии дар сари қудрат будагон ба ин мавзӯъ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоянд, то ин ки ҳам барои шахсияти худ ва ҳам барои ҷомеа кори хайрро анҷом дода тавонанд. Кори хайре, ки онҳо анҷом медиҳанд, ба қабули қарорҳои санҷидашудаи, пеш аз ҳама, идораи дурусти ҷомеа алоқамандӣ дорад. Яке аз чунин қарорҳо ба чорабиниҳои амалие, ки барои беҳтар кардани сифат ва сатҳи зиндагии қишрҳои гуногуни ҷомеа, махсусан, қишри камбизоати он қабул карда мешавад, марбут аст [2, 358]. Чунин қарорҳо, дар сиёсати идораи ҷомеа, дурнамои орому устувори ҷомеаро низ таъмин карда метавонанд.

Сиёсати идораи ҷомеа ба яке аз муҳимтарин унсури ҳаёти сиёсии ҷомеа дохил мешавад, ки вай «вазифаи арзёбии ҳамаҷониба ва ягонагиву яклухтии равандҳои сиёсӣ ва низоми муайян, амал ва рушди муассисаҳо, ҳизбҳо ва ташкилоти гуногун, иштироки шаҳрвандони алоҳида дар сиёсат барин вазифаҳоро иҷро менамояд» [6, 201]. Бинобар ин дуруст ба роҳ мондани сиёсати идораи ҷомеа дар давлатсозиҳои муосир яке аз сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани терроризмро бартараф карданаш мумкин аст.

Хулоса, муаллиф ҳаргиз ҷонибдори он нест, ки сиёсати идораи ҷомеа мутлақо идеалӣ бошад, зеро чунин тақозо имконнопазир аст. Ҳеҷ як сиёсати идора қонеъкунандаи кулли манофеи қишрҳо ва аъзои ҷомеа низ шуда наметавонад, вале он метавонад бисёр унсурҳои мабдаии ташаккули ҷомеаи муосири мутамаддинро дар амал татбиқ намояд, ки он аз тарафи аксари кулли бошандагони ҳар як кишвар ҳатман хуш пазируфта мешавад ва дар чунин ҳолат ба вуқӯъ пайвастани амалҳои террористӣ низ хеле нодир амри воқеӣ шуданашашон мумкин аст.

Тақозои дигари ин мақола аз он иборат аст, ки дар раванди рушди минбаъдаи инсоният, ҳам инсонҳои алоҳида, ҳам ҷомеа дар тамомияташ ва ҳам сиёсати идораи он бояд ба тамаддунӣ будан саъй кунанд, то ҳама гуна падидаҳои ғайритамаддунӣ аз ҳаёти инсон ва ҷомеа истисно гарданд.

**Адабиёт**


1. Гаджиев, К. С. Политология (основной курс): учебник / К.С.Гаджиев. – М.: Высшее образование, 2007. – 460 с.
2. Кравченко, А. И. Социология: учеб. / А.И.Кравченко. – М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2007. – 536 с.
3. Мирзоев, Ғ. Терроризм ва манофеи иштирокчиёни муносибатҳои байналмилалӣ. /Ғ.Мирзоев. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2017.- № 3/7 (214).
4. Никонов, В. А. Современный мир и его истоки / В. А. Никонов. – М.: Издательство Московского университета, 2015. - 880 с.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Рӯзномаи «Ҷумҳурият» аз 23 январи соли 2015.
6. Политология: учебник для студентов вузов /Под ред. В. Н. Лавриненко. – 3-е изд., перераб. и доп. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2007. – 591 с.
7. Современные международные отношения: Учебник / Под. ред. А. В. Торкунова, А. В. Малыгина. – М.: Издательство «Аспект Пресс», 2014. – 688 с.
8. Тавадов, Г. Т. Политология: учебник / Г. Т. Тавадов. – 2-е изд. стер. – М.: Издательство «Омега-Л», 2011. – 371 с.
9. Терроризм ва ифротгароӣ – роҳҳои пешгирии он. – Душанбе: «Маориф», 2015. – 250 с.
10. Философский энциклопедический словарь / Гл. редакция. – Л. Ф. Ильичев, П. Н. Федосеев, С. М. Ковалев, В. Г. Панов. – М.: «Сов. Энциклопедия», 1983. – 840 с.
11. Чанышев А. Н. Курс лекций по древней философии: Учеб. пос. для филос. фак. и отделений ун-тов. /А.Н.Чанышев. – М.: Высш. школа, 1981. – 374 с.

УДК - 880

# ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲО ДАР ОСОРИ НАСРИИ САДРИДДИН АЙНӢ

***Аслонова Наргис Наимҷоновна*** *- доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: 918-82-42-43*

*Дар мақолаи мазкур муаллиф зарбулмасал ва мақолҳоеро, ки дар асарҳои насрии баъдиинқилобии Садриддин Айнӣ истифода шудаанд, мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додааст.*

*Ҳамчунин муаллиф аҳамияти истифодаи эҷодиёти даҳонакии халқро дар асарҳои С.Айнӣ дар кушода додани характери қаҳрамонҳо, ҳолатҳои равонӣ ва лаҳзаҳои ҳассоси асар шарҳу тавзеҳ додааст.*

***Калидвожаҳо****: зарбулмасал, мақол, адабиёт, таҳлил, асар, забон, халқ, маҷоз, мазмун, муқоиса.*

## *ПОСЛОВИЦЫ И ПОГОВОРКИ В ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ПРОЗЕ С.АЙНИ*

***Аслонова Наргис Наимджановна*** *- доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: 918-82-42-43*

*В статье анализируются пословицы и поговорки, использованные в послереволюционных произведениях Садриддина Айни.*

*Автор также объясняет значимость употребления народных фразеологизмов для раскрытия характера, психологического состояния персонажей и чувствительных моментов произведения.*

***Ключевые слова:*** *пословица, поговорка, литература, анализ, произведение, язык, народ, метафора, содержание, сопоставление.*

## PROVERBS AND SAYINGS IN S.AINY'S PROSE WORKS

***Aslonova Nargis Naimdzhanovna*** *- Doctor of Philology Sciences, Professor of the Department Tajik Language of the Tajik state university of finance and economics. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova str., 64/14. Phone: 918-82-42-43*

*The article dedicated to proverbs and sayings in Ainy's works and their anslysis. The author explains significance use of folk phrases for revealing nature, psychological state of the character and sensitive moments of the work.*

***Key words****: proverb, saying, literature, analysis, work, language, folk, metaphor, meaning, compare.*

Ҳар як забон дорои адабиёти хаттӣ ва шифоҳист. Адабиёти хаттӣ маҳсули эҷоди адибону донишмандонест, ки дар шакли китоб дарҷ шудааст. Муаллифи адабиёти шифоҳӣ халқ буда, он аз даҳон ба даҳон, ба наслҳои минбаъда интиқол меёбад. Эҷодиёти даҳонакии халқ доираи васеъ дошта, мавзӯъҳои мухталифро дар бар мегирад. Одамон тавассути рубоиву қитъа, байту афсона, ривояту латифа ва суруду достон шодиву сурур, ишқу муҳаббат, одобу ахлоқи ҳамида, меҳнатдӯстиву инсонпарастӣ, иттифоқу дӯстиро тараннум карда, дар абёти худ шиква аз замона, амалҳои зишти инсонӣ - маккорию бераҳмӣ, хасисиву пулпарастиро зери тозиёнаи танқид қарор додаанд.

Эҷодиёти даҳонии халқ бо фарохии мавзӯъ ва жанр, бо содагиву оммафаҳмиаш мақбули ҳамагон аст. Онро метавон пойдеври асосии адабиёти хаттӣ шуморид. Тамоми шоирону нависандагон ва мутафаккирон илҳом аз адабиёти шифоҳии халқ гирифтаанд. Бад-ин минвол бинои бузурги забони адабӣ дар болои таҳкурсии забон ва эҷодиёти мардумӣ қомат афрохтааст.

Адибони зиёде чӣ классику чӣ муосир, чӣ тоҷику чӣ хориҷ таъсири эҷодиёти халқро нисбати даст ба қалам гирифтанашон зикр намуда, онро сарчашмаи илҳоми худ дар ҷодаи адабиёт шумоsuch.

Адабиётшиноси рус Муравёва Н.И. таъсири фолклорро дар рушди шахсияти В.Шекспир оид ба ҳаёт дар Страдфорд омӯхта, чунин менигорад: «Ба фикрам, аз даҳони деҳқонони маҳаллӣ байтҳо ва афсонаву ривоятҳои халқӣ дар бораи садоқату накукории Робин Ҳуд бишнид. Маҳз дар ҳамин ҷо забони зиндаи халқро шунид, тавассути он дидан ва ҳис кардани зебоиҳои табиатро омӯхт» [9, 20].

Мо дар осори адибони гузашта ва ҳамасрони хеш бо байту мисраъ ва зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ дучор мешавем. Ин беҳуда нест. Зеро барои пуробуранг намудан ва ба халқи одӣ фаҳмо гаштани маҳсули эҷодашон аз ин ганҷинаи бебаҳо истифода мебаранд. Хонандаи асосии асар халқ буда, ба забони онҳо бояд наздик ва ба табъу завқашон мувофиқ бошад. Маҳз ҳамин вазифаи адабиёти хаттиро М.Горкий дарк намуда, аз ҳамқаламони хеш даъват карда гуфта буд: «Ибтидои санъати сухан эҷодиёти даҳонакӣ аст. Эҷодиёти даҳонакиро ҷамъ кунед, аз рӯи он таълим гиред, онро кор карда бароед. Вай ҳам ба шумо, ҳам ба шоирон, насрнависони иттифоқ маводи хеле бисёр медиҳад» [7, 481].

Яке аз аввалинҳо шуда, аз гуфтаҳои боло устод С.Айнӣ илҳом гирифт ва дар асарҳои баъдинаи худ аз эҷодиёти даҳонии халқ фаровон истифода намуд. Ӯ чандин маротиба таъкид намуда буд, ки бояд забони адабиёти хаттӣ сода ва оммафаҳм бошад.

Ҳангоми хондани повесту романҳои С.Айнӣ мебинем, ки забони асарҳояш фаҳмо буда, хонанда дар мутолиаи он ба дарки маънӣ танқисӣ намекашад. Қаламкаше, ки дар абёт ё насри худ калимаҳои душворфаҳмро истифода кунад, ба печидагии забони асар рӯ орад, доираи хонандааш маҳдуд мегардад. Вазифаи асосии нависанда тавассути инъикоси падидаҳои номатлуби иҷтимоӣ дар шахсияти қаҳрамонон ва воқеаҳои асар тарбияи шахсияти хонанда ва, дар умум, ҷомеа аст.

«…Имрӯзҳо навҷавонони мо аз омӯхтани истилоҳҳои печ дар печи арабӣ безор ва аз хондани он ҳам дилгир мешаванд.

Имрӯз забони тоҷикиро ба дараҷае овардан лозим аст, ки як ҷавони тоҷик бе хондани қоидаи забони арабӣ ва ҳам ғайри кӯр-кӯрона ёд кардани калима ва истилоҳҳои он, забони адабии худро ба тарзи осон ва сабук биёмӯзад» [8, 46].

Агар ба асарҳои баъдиинқилобии С.Айнӣ назар андозем, мебинем, ки то чӣ андоза дараҷаи истифодаи фолклор, хусусан зарбулмасал ва мақолҳо рушд кардааст. Зарбулмасал ва мақолҳо дар асарҳои С.Айнӣ ҳамчун як жанри муҳими фолклорӣ мавқеъ ва мақоми баландеро ишғол намудааст. Устод зарбулмасал ва мақолҳоро устокорона, бомавқеъ истифода бурда, ба повесту романҳояш нафосату зебоӣ бахшидааст. С.Айнӣ бо истифода аз онҳо ҳолатҳои равонӣ, хулқу атвор, мушкилоти ҳаёт ва муносибати қаҳрамононашро ба падидаҳои иҷтимоии замонаш нишон медиҳад. Бояд гуфт, ки ибораҳои рехтаи мардумӣ мазмуни асарҳояшро ба хонанда фаҳмо намуда, ба нутқи қаҳрамононаш қувваву ҷаззобият мебахшад. Бар замми ин, ҳусну латофати забони асарро баланд бардошта, онро оммафаҳм гардонидааст. Ҳар як зарбулмасалу мақол аз тарафи С.Айнӣ устокорона, моҳирона ва дар лаҳзаҳои мувофиқ истифода гардидааст.

Зарбулмасал ва мақолҳое, ки устод С.Айнӣ дар осори насрии худ корбаст кардааст, мавзӯъҳои мухталифро дар бар мегиранд. Онҳоро метавон аз рӯи мазмун, баёни ақида ва муносибати қаҳрамон ба ҷомеа ба тарзи зайл гурӯҳбандӣ намуд:

1. Хислатҳои бади инсонӣ:

а) пулпарастӣ, ришваситонӣ, ҳирси ҷамъоварии давлат, моли мардумхӯрӣ: «Чашми танги дунёдорро хоки гӯр пур мекунад»;

б) маккорӣ, дурӯягӣ, фиребгарӣ: «Дуздduздро дар шаби торик мешиносад»;

в) бераҳмӣ, хунхӯрӣ, ҷаллодӣ: «Гӯр сӯзаду дег ҷӯшад»;

г) хасисӣ, лаъинӣ, мумсикӣ:

«Судхӯр аз пули худ нон шиканад, гар ба масал,
Шиша сандон шиканад, атола дандон шиканад».

2. Мушоҳидаи ҳаёти оммаи васеи мардуми одӣ ва хусусиятҳои мусбати онон:

а) инсонпарварӣ, қадршиносӣ: «Қурбони одами доно шав»;

б) панду насиҳат, одобу ахлоқи нек, ростгӯӣ ва ростқавлӣ, поквиҷдонӣ ва некуатворӣ: «Аз хурдон гуноҳ кардан ва аз калонон бахшидан»;

в) ҳаҷви тезу тунд нисбати синфи истисморгар ва табақаҳои муфтхӯр: «Мулло – ҷорӯби дастархон»;

г) ишқу муҳаббат, садоқат, вафодорӣ: «Дар як дил ду ёр намеғунҷад»;

д) шафқат, рафоқати байниҳамдигарӣ: «Як мавизро чил кас хӯрдааст».

3. Мушоҳидаи ҳаёт, таҷрибаи ҳаёт: «Дарахт дар як ҷо сабз мешавад».

4. Устуворӣ, қавииродагӣ: «Сар медиҳанд, сир намедиҳанд».

5. Масъалаҳои дӯстӣ ва иттифоқ: «Аз дӯст як ишора, аз мо ба сар давидан».

С.Айнӣ хислатҳои бади табақаи истисморгарро бо истифодаи ибораҳои намакин зери тозиёнаи танқид қарор додааст. Ӯ маккориву фиребгарӣ, ҷаллодиву бераҳмии ин гурӯҳ одамонро танқид намуда, нафрати халқро бо забони қаҳрамонони асараш баён мекунад. «…Ҳамин ҳирс буд, ки ба қозикалон ин қадар чизҳоро ҷамъ кунонд; ҳамин ҳирс буд, ки ӯро ба рехтани хуни мардум ва ба хӯрдани моли мардум водор кард; ҳамин ҳирс буд, ки ӯро ба ҳамин рӯзи сиёҳ овард ва ҳамин ҳирс аст, ки ӯро кашон-кашон ба лаби гӯр мебарад, пас чӣ гуна аз вай ҷудо шуда монад? – чашми танги дунёдорро хоки гӯр пур мекунад» гуфтаанд [1, 92].

Дар асарҳои С.Айнӣ амалҳои неки инсонӣ тарғиб мешаванд, қаҳрамонони шуҷои асарҳояш бо хислатҳои наҷиби худ – инсонпарвариву меҳнатдӯстӣ, поквиҷдониву вафодорӣ, дӯстиву рафоқат ва иттифоқу қавииродагӣ худ ва оммаи мардумро ба фардои нек дилгарм менамоянд. «…Азбаски ҳама ба колхоз медароянд, даромадани ман ҳам зарур шуда монд. Аз даруни ҷамоат берун баромада намешавад. Ҳар чанд бад бошад ҳам, «марг бо ёрон тӯй аст» гуфтаанд» [3, 18].

Устод С.Айнӣ мақолҳоеро низ истифода намудаанд, ки дар он мушоҳидаи ҳаёти ҷамъиятӣ, таҷрибаи рӯзгор таҷассум ёфтааст.

«Усто баъд аз қадре хомӯш монда, коркунонро аз назар гузаронидан боз сухани худро давом дода илова кард:

- Шумо гумон накунед, ки фоидаи бунак барои коркунон танҳо ҳамин аст, ки бо ин тарфбозии худро давом медиҳанд. Ин тавр нест. Ин як фоидаи дилхушкунии бунак аст. Фоидаи асосии бунак дар ин аст, ки коркунон ба ин восита ба як корхона баста мешаванд «дарахт дар як ҷо сабз мешавад» гуфтаанд» [4, 120].

Садриддин Айнӣ ҷиҳати интихоби зарбулмасал ва мақол бисёр ҷиддӣ муносибат намудаанд. Ҳангоми таҳлили онҳо бо хелҳои гуногуни маҷоз рӯ ба рӯ шудан мумкин аст. Чуноне ки медонем, маҷоз нисбат ба маънои аслӣ мазмунро баланд, ҳусни ибора ва таъсири онро пурзӯртар мекунад. Дар зарбулмасал ва мақолҳои мардумӣ ин санъати бадеӣ бештар ба кор бурда мешавад. Ибораҳои маҷозии халқӣ, ки С.Айнӣ истифода намудааст, ҳамаи намудҳои маҷозро дороst. Онҳоро метавон ба таври зайл тасниф намуд:

а) киноявӣ – дара задам, девор кафид;

б) ташбеҳӣ – довучча нашуда, ғӯлинг шуда будам;

в) ташхисӣ – асои пир ба ҷои пир;

г) истиоравӣ – дарахт дар як ҷо сабз мешавад;

ғ) идеомавӣ – дарди кампир - ғӯза.

Дар асарҳои насрии С.Айнӣ, инчунин, зарбулмасал ва мақолҳо истифода шудаанд, ки ҳоло онҳо дар забони гуфтугӯӣ истеъмол гардидаанд ва метавон онҳоро архаистӣ шуморид. Мисол: «Аз барф манора сохтан» [5, 27]; «Арбобро бин, деҳро тоз» [2, 170] ва ғайра.

Инчунин, асарҳои Садриддин Айнӣ мақолу зарбулмасалҳоеро дороанд, ки бо ҳамон мазмун, вале дар шаклҳои мухталиф дар нутқи шифоҳӣ қарор мегиранд.

Масалан:

«Деҳаи вайрон аст, номи калон дорад» [1, 389], «Номи калону шаҳри вайрон», «Аз борон гурехта, ба новадон дучор гардидам» [1, 201], «Аз борон гурехта, ба жола мондан», «Арӯс чӣ гуна аст? – Додарарӯс намуна аст» [5,133], «Духтар чӣ гуна? – Модар намуна», «Бо як тир ду сайдро задан», «Як тиру ду нишон» ва ғайра.

Садриддин Айнӣ ибораҳои рехтаи мардумиро дар осораш фаровон истифода намудааст, ки ҳангоми пажӯҳиши онҳо метавон ба ду гурӯҳ ҷудо намуд:

а) синонимӣ:

«Аз борон гурехта, ба новадон дучор гардидам» [1, 201], «Аз лой гурехта, ба лойдон афтодам» [1, 201];

«Ба болои сӯхта намакоб» [2, 287], «Болои мурда сад чӯб» [3, 292];

«Коре, ки ба сулҳ дарнаояд, девонагие бар ӯ бибояд» [5, 295], «Ё ба зӯрӣ, ё ба зорӣ, ё ба зар» [1, 163].

б) антонимӣ:

«Гӯри худ - аъмоли худ» [3, 68], «Марг бо ёрон тӯй аст» [3, 118];

«Дер ояду дуруст ояд» [1, 65], «Интизорӣ бадтар аз марг аст» [2, 313-314];

«На сих сӯзаду на кабоб» [1, 107], «То шаҳре насӯзад, кабоби дарвеше напазад» [1, 221].

Нақши С.Айнӣ дар адабиёти тоҷик бузург аст, ӯ на танҳо ба омӯхтан ва таҳқиқи классикони худ пардохтааст, балки ба забон ва эҷодиёти халқ низ рӯ овардааст. Назари С.Айнӣ ба фолклор ва эҳё арҷгузорӣ ба забон ва миллат аст.

Ин мавзӯъ боз пажӯҳиши амиқтар ва таҳлили ҳаматарафаро талаб мекунад. Зеро доираи фаъолияти Садриддин Айнӣ фарох буда, истифодаи фразеологизмҳои халқӣ на танҳо дар асарҳои бадеӣ, балки таърихиву илмӣ ва назму публисистикаи ӯ истеъмол шудаанд. Дар мақолаи мазкур зарбулмасал ва мақолҳо танҳо аз повесту романҳои С.Айнӣ оварда шуда, танҳо мавриди таҳлили маъноӣ ва луғавӣ қарор гирифтаанд.

**Адабиёт**


1. Айнӣ С. Дохунда. / С.Айнӣ. - Сталинобод, 1949.- 237с.
2. Айнӣ С. Ғуломон. /С.Айнӣ. – Сталинобод, 1950.- 422с.
3. Айнӣ С. Асарҳои мунтахаб. / С.Айнӣ. – Сталинобод, 1948.- 321с
4. Айнӣ С. Ёддоштҳо. / С.Айнӣ. – Сталинобод. Қисмҳои 1-2, 1954. – 406с.
5. Айнӣ С. Ёддоштҳо. / С.Айнӣ. – Сталинобод. Қисмҳои 3-4, 1955 – 570с.
6. Айнӣ С. Ятим. / С.Айнӣ. – Сталинобод, 1940.-164с.
7. Горький М. О литературе, статьи и речи. / М.Горький. – Москва, 1937. – 481с.
8. Зеҳнӣ Т. Чанд сухани судманд. / Т.Зеҳнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1984.- 160с.
9. Муравьева Н.И. Западноевропейская литература. / Н.И.Муравьева, С.В.Тураев. Учпедгиз, 1956. – 168с.

УДК. 338.24

# ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ И ПРОБЛЕМЫ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО РЕШЕНИЯ РУКОВОДИТЕЛЯ

***Касымова Саиднисо*** *- кандидат педагогических наук, доцент кафедры менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: 880880954*

***Носиров Саъдулло Шукулоевич*** *- кандидат педагогических наук, доцент кафедры гуманитарных наук, заведующий отделом издательства и печати Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: +992 93-531-17-71. E-mail: nosirov1965@mail.ru*

*В данной статье рассматриваются психолого-педагогические аспекты принятия управленческих решений. Рассматривается определённый инструментарий для улучшения механизмов взаимодействия с подчинёнными. Доказывается, что обладая всесторонней подготовкой, руководитель сможет оптимально осуществлять свои функции, управлять работой коллектива.*

*Исходя из этого, авторы делают вывод, что руководителям следует уделять особое внимание этому значимому аспекту профессиональной деятельности, что позволит им сохранить целостность коллектива и значимость каждой человеческой личности.*

***Ключевые слова:*** *руководитель, исполнитель, психологические аспекты, оптимальное решение, управление, контроль, процесс, ситуация, ответственность, эффективность, достижение.*

## *ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГӢ ВА МУАММОҲОИ ҚАРОРҲОИ ИДОРАКУНИИ РОҲБАР*

***Қосимова Саиднисо*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: 880880954*

***Носиров Саъдулло Шукулоевич*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ, сардори шуъбаи табъу нашри Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: +992-93-531-17-71; E-mail: nosirov1965@mail.ru*

*Дар мақола ҷанбаҳои психологию педагогии қабули қарорҳои идорӣ мавриди баррасӣ карор гирифтаанд. Ҷиҳати беҳтарсозии механизми ҳамкорӣ бо зердастон дастури муфид пешниҳод шудааст. Собит шудааст, ки роҳбар дар сурати бархӯрдор будан аз донишҳои психологӣ метавонад вазифаҳояшро дуруст иҷро намуда, кори роҳбариро дар коллектив беҳтар ба роҳ монад.*

*Вобаста ба ин, муаллифон ба хулосае омадаанд, ки роҳбарон ба ин ҷанбаи фаъолияти касбӣ, ки муттаҳидии коллективро нигоҳ ва эътибори шахсияти ҳар як аъзои онро таъмин месозад, таваҷҷуҳи хоса диҳанд.*

***Калидвожаҳо:*** *роҳбар, иҷрокунанда, ҷанбаҳои психологӣ, қарорҳои беҳтарин, идоракунӣ, назорат, ҷараён, ҳолат, масъулиятнокӣ, самаранокӣ, комёбӣ.*

## *PSYCHOLOGICAL FEATURES AND PROBLEMS OF MANAGEMENT DECISION OF THE OFFICIALS*

***Kasymova Saidniso Ismailovna*** *- Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Management Department of the Tajik state university of finance and economics. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Nakhimova, 64/14. Phone: 880880954. E-mail: homid85@mail.ru*

***Nosirov Sadullo Shukruloevich*** *- Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Humanities, Head of the Department of Publishing and Printing of the*

*Tajik state university of finance and economics. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova str., 64/14. Phone: +992 93-531-17-71. E-mail: nosirov1965@mail.ru*

*The article analyses the psychological and pedagogical aspects of making managerial decisions. A certain tool for improving the mechanisms of interaction with subordinates is considered. It is proved that having a comprehensive training, the head can optimally perform their functions, manage the work of the team. Proceeding from this, the authors conclude that managers should pay special attention to this significant aspect of professional activity, which will allow them to preserve the integrity of the collective and the significance of each human personality.*

***Keywords:*** *leader, performer, psychological aspects, optimal solution, management, control, process, situation, responsibility, effectiveness, achievement.*

Любое управленческое решение не только организует людей, вводит в оборот материальных и моральных факторов производства, но и формирует психологию его исполнителей. По этой причине каждое управленческое решение должно быть не только оптимальным по достижению своей цели, но и воспитывающим по процедуре своего оформления.

Под процедурой принятия решений подразумеваются не только административно-правовые моменты этого процесса, но и вся «технология» проявления личностно-деловых качеств руководителя в процессе формирования решения. Процедура принятия управленческого решения отражает сильные и слабые стороны его личностно-деловых качеств, когда оказывает воздействие на людей. Издаёт ли приказ руководитель, делает ли указание, или высказывает свои советы – во всех этих формах управленческого решения проявляется его психологическая культура, нравственная зрелость, научно-профессиональная компетентность, этика и коммуникабельность. Чтобы квалифицированно принимать решения, человек должен обладать определенными личностно-деловыми качествами, владеть этим искусством в совершенстве.

В данной статье мы рассмотрим наиболее характерные категории решений, которые приходится принимать руководителю. Предлагаем рассмотреть три типа: экстренные решения, которые ограничивают руководителя во времени и требуют максимальной концентрации в сжатые временные сроки; циклические процессы, или так называемые рутинные решения, которые в силу своей специфики обладают рядом особенностей и сложностей; и дискуссионные решения, которые характерны высокими интеллектуальными сложностями, и требуют больше подготовки для внедрения.

Необходимо отметить, что *принятие решения* – это почти всегда выбор между альтернативами. В этой связи руководитель, размышляя над выбором, испытывает сложные переживания, проистекающие из особенностей ситуации принятия решения.

На восприятие решений руководителя отрицательное влияние порой оказывает эмоциональный фактор – сильное волнение, возмущение или радостное возбуждение [1, 25].

Поэтому руководитель всегда должен исходить из того, что решения, принимаемые им, делятся на 3 категории:

Первая категория – это экстренные решения, которые требуют ясных, быстрых и точных действий в кризисной ситуации.

Вторая категория – охватывает рутинные, ежедневные решения.

Третья категория – решения относятся к разряду дискуссионных сопряженных с существенными изменениями и, именно, они требуют больше всего времени для подготовки и внедрения.

Все подобные решения включают 5 этапов [3, 89]:

- Сбор фактов

- Обсуждение
- Принятие решения
- Сообщение решения
- Контроль исполнения

Принимая то или иное решение, руководитель всегда имеет ввиду двоякий эффект: организационный и нравственно-психологический, и оценкой правильности принятого им решения являются не только управленческие показатели, но и поведение работников при достижении ими поставленных целей, мера их активности, инициативы коллективизма.

Специалисты в области управления подчёркивают, что уязвимым местом часто оказывается не само решение, а форма, в которой оно преподнесено исполнителям. В результате неэффективной формулировки актуальное решение может встретить возражения, недобросовестное выполнение сотрудниками своих функций, или игнорирование.

Буквально любое решение затрагивает людские интересы, и всякая мелочь, если она не была достаточно продумана, обсуждена, доведена, проконтролирована, может иметь весьма крупные и зачастую непредсказуемые последствия. Ответственность руководителя возрастает, когда ему приходится принимать рискованные и спорные решения. Она тем более увеличивается, если решение принято единолично и в экстренном порядке. И чем выше ответственность, тем более оправданным и просчитанным должен быть риск. А это возможно лишь тогда, когда решение вырабатывается с учетом мнения всех тех, кому придется его реализовать.

Решение, принятое единолично, с одной стороны, повышает ответственность руководителя, но с другой - ставит его в положение персонально виновного за возможные ошибки [7, 89]. К примеру, в том случае, когда ответственный за составление учебных планов в высшем учебном заведении построил работу таким образом, что не обеспечил должного взаимодействия с преподавательским составом в ходе подготовки плана работы на семестр или учебный год, и в процессе работы возникает ряд критических ситуаций, то вся ответственность за разлад в работе целого коллектива целиком ложится на него.

Также это противоречие обостряется, когда ошибки обнаруживаются на стадии исполнения и завершения. Даже если руководитель уверен, что к решению проблемной ситуации он подошел ответственно и объективно, но на практике возникает цепочка проблемных ситуаций, это может означать только одно: что решение не было достаточно обдуманным, что и продемонстрировали в финале возникшие кризисные ситуации.

Нередко руководитель не видит, где и когда были допущены просчёты, и поэтому винит во всём либо обстоятельства, либо подчиненных. Однако чаще всего оказывается, что руководитель виноват сам: он не учитывает, что работники реагируют не только на то, насколько правильно его решение, но и на то, в какой мере он считается с их мнением, ценит их способность к совместному сотрудничеству. Поэтому цена ошибки оборачивается не только экономическими потерями, но и психологическими травмами, нравственно-педагогическими просчетами (безразличие к работе) и дезорганизующими факторами (увольнение, простои и др.).

Поэтому следует применять имеющийся в современности инструментарий, в том числе и из смежных дисциплин. Современный мир, постоянно и быстро изменяющийся предъявляет особые требования к психологии, которая должна не только измерять и оценивать, но и прогнозировать, проектировать, формировать. Психологи в настоящее время вынуждены заниматься планированием изменений

личности, профилактикой личностного регресса. Необходимо, чтобы руководители организации проявили дальновидность и признали объективно высокую значимость психологического фактора в работе организации.

Обладая психологической подготовкой, талантливый руководитель сможет эффективно осуществлять свои функции, руководить работой предприятия. Психологическая подготовка поможет менеджеру в общении с подчинёнными, он сможет лучше понять их потребности и мотивацию к деятельности. Он сможет избежать конфликтных ситуаций как внутри коллектива, между исполнителями, так и между исполнителями и подчинёнными. Умелое применение психологических знаний в сочетании с другими благоприятными условиями развития производства приведут к повышению эффективности работы. Психологическая подготовка необходима руководителю в целях совершенствования самого себя, своих личностных качеств и подчинённых. В конце концов, он может использовать свою психологическую подготовку в контакте с руководителями более высокого уровня, склоняя их к своей точке зрения.

Напротив, отсутствие достаточных знаний в области психологии или опыта их применения в практической деятельности может стать прямым препятствием в осуществлении руководителем своих функций, привести к падению эффективности производства.

Управление насквозь пронизано психологическим содержанием, т.к. главным действующим лицом его является человек со своими способностями, интеллектом, мотивацией, личностными и другими особенностями. Как сложное системное образование, управление связано со многими психологическими переменными. Психология управления, как часть науки управления, имеет непосредственное отношение к изучению разработки повышения качества жизнедеятельности организации. Она даёт характеристику его управленческой деятельности и анализирует качества, необходимые для её успешного осуществления.

Главным объектом исследования управленческой психологии являются взаимоотношения руководителей и подчинённых. Стоит подчеркнуть, что интересующий нас вопрос, касающийся качеств руководителя, не изучается в других отраслях психологии, а составляют предмет только психологии управления.

Немаловажно всегда помнить, что адекватность и эффективность работника обуславливается не только его профессиональной компетентностью, но и той психологической экосистемой, в которой он трудится, и которая прямым образом влияет на его состояние. Из этого следует, что изучение комплексного ряда факторов, оказывающих разностороннее влияние на психическое и эмоциональное состояние человека, оказывает значимое воздействие на эффективность его работы.

Психология управления особое внимание уделяет информации, которая обретается в системе «руководитель – исполнители», помогает оптимизировать её оборот, повысить качество и доступность, а также улучшает восприятие этой информации. Таким образом, психология управления изучает взаимоотношения между руководителем и исполнителем, взаимоотношения между членами руководимого коллектива.

Есть ряд психологических принципов, применяя которые руководитель может оптимизировать принятие решений:

- не подавлять, а направлять инициативу коллектива;
- развивать общественное мнение работников, развивать коллективное самоуправление;
- опираться на силы коллектива;
- стараться не доводить отношения с коллективом до уровня формальных;

- формировать общее мнение коллектива о деятельности руководителя;

- создавать добрые отношения между работниками;

- создавать временные коллективы, определять в них «неспособных» и повышать их способности.

Чтобы выполнить эти требования, необходимо:

- выполнение единых требований, общий контроль за выполнением обязательств;

- ежедневный, циклический контроль за выполнением требований коллектива.

В процессе принятия решения перед руководителем встают трудности как объективного, так и субъективного характера.

Трудности объективного порядка. Эти трудности связаны с материально-техническим обеспечением решенья, наличием кадровых возможностей, ограниченностью временных сроков.

К объективным трудностям относится все то, что связано с обеспечением информационных данных, которые необходимы для выработки решения, уровнем их машиносчетной обработки, оперативной разработкой вариантов решения при помощи компьютера.

Трудности субъективного характера. На первый план в качестве таковых выступает несовершенство некоторых личностных качеств руководителя, которые оказывают непосредственное воздействие на процесс принятия решения. Например, их меньше испытывают руководители, которые обладают хорошей памятью, развитым воображением, мышлением, достаточным опытом, умеют объединять усилия других при выработке решения.

Ввиду этого, мы предлагаем некоторые советы руководителю принимать во внимание следующее в ходе принятия решения им:

1. Затруднения бывают при воплощении не только «плохих», но и «хороших» решений;
2. Не принимайте решение, которое вы не сможете воплотить;
3. Прежде чем принимать решение, убедитесь, что именно вы должны его принимать;
4. В тех позициях, которые важны для вашего решения, избытка информации быть не может;
5. Советуйте и обсуждайте, но не с целью сгладить разногласия, а с целью выявить и разрешить их;
6. Пусть ваше решение лишь одно из самых возможных: приняв его, держитесь;
7. Иногда воздержитесь от решения, решение – акт мужества.

Теперь мы предлагаем в данной работе сосредоточить внимание на следующих аспектах: важнейшим моментом в управленческом процессе является принятие управленческого решения. Каждый руководитель должен видеть проблемы, которые выдвигаются условиями руководимой им системы. Каждому руководителю надо выбрать и сформировать в себе чувство нового, умение анализировать, из бесчисленного количества информации и фактов выделять важнейшие вопросы. Другим качеством, характеризующим хорошего руководителя при изучении того или иного решения, является чувство ответственности, с которым он должен относиться к данному решению.

Для выяснения и выбора самого правильного подхода к решению проблемы большое значение имеет умение руководителя советоваться. Умение руководителя советоваться в значительной степени определяет эффективность его деятельности. Не менее важно и умение руководителя анализировать мнения людей.

Оперативность принятия решения и его качество зависят от степени продуктивности умственной деятельности, умения использовать и применять

имеющиеся знания и накопленный опыт. Поэтому и гибкость ума, и оперативность памяти – важные и необходимые черты каждого руководителя. Не меньшее значение при подготовке принятия решения и его принятии имеют и волевые качества – инициативность, самостоятельность, решительность и смелость.

Таковы психологические требования, предъявляемые к руководителю. Совершенствуя себя и свои профессиональные навыки, руководитель должен в первую очередь, развивать те качества, которые соответствуют предъявляемым требованиям.

Основное, что характеризует труд руководителя – это то, что он, прежде всего, работает с людьми. В процессе решения задач управления ему приходиться направлять действия и давать указания своим сотрудникам. Оказывая на них воздействие, он помогает их формированию как работников и всесторонне развитых личностей. Управленческая деятельность – это непрерывный процесс воздействия руководителя в направлении совершенствования исполнителя.

Работа с людьми требует от руководителя, чтобы он следовал педагогическим принципам индивидуального подхода. Индивидуальный подход, учитывающий возрастные, половые и психологические особенности личности, является необходимым условием успешной деятельности руководителя. Знания и поведение руководителя в определённой степени воздействует на психологию сотрудников. Руководитель воспитывает исполнителей в процессе всей работы. Вопрос о совершенствовании человека связан, прежде всего, с развитием его способностей. Всё это теснейшим образом связано с определёнными изменениями, как в познавательной, так и в эмоциональной и волевой сферах психической деятельности человека.

Каждое слово руководителя, поручение, его внешний вид или задание, самое незначительное замечание непосредственно отражаются на настроении исполнителей. Как именно воздействуют на данного человека слово, игра, улыбка можно определить только внимательно наблюдая за реакцией рабочих на каждый поступок. Именно в активизации подчинённых, в регулировании их настроения заключается основная трудность, а можно сказать деликатность управленческой деятельности.

При выполнении любого задания, при объяснении материала подчинённым необходимо соблюдать логическую связь между отдельными разделами работы. Если какое-то звено в работе или объяснении выпадает, сознание подчинённых упирается в преграду и внимание ослабевает. Примерно то же возникает при монологическом изложении материала. Объясняя, следует стремиться к диалогу. Изредка целесообразно допускать ошибки и поручать исполнителям и слушателям обнаруживать исправлять их. Таким образом, люди вынуждены активно работать и поддерживать внимание на оптимальном уровне.

Успех воздействия руководителя зависит также и от его работы по ознакомлению и всестороннему изучению психологических особенностей работника, качества памяти и мышления, воли, внимания, темперамента, возраста, уровня готовки. Важно знать и то, как он относится к своей производственной деятельности, как он живёт, какая у него семья, заработная плата, отношения с окружающими людьми по работе и по месту жительства, насколько он активен в общественной жизни. Понятно, что эти сведения могут быть получены в процессе совместной работы и постоянного общения. И задача руководителя - систематически изучать работающих, накапливать о них сведения и представления, так как это поможет ему лучше влиять на них, более квалифицированно и результативно вести процесс управления, а также объективно оценивать результаты трудовой деятельности. Управляющий точно знает

возможности каждого и делает так, чтобы каждое задание было выполнено наилучшим образом: вовремя проконсультирует, направит, подскажет, даст необходимую рекомендацию. И в итоге подведёт объективную оценку сделанному и т.д.

Таковы основные психологические особенности принятия управленческих решений, и некоторые основные условия и правила их применения в практике управления. Правильное понимание и применение их каждым руководителем, безусловно, повышает эффективность и действенность труда, ставит его на научную основу.

Проанализировав вышеизложенное, мы пришли к следующим выводам:

- руководитель обязан быть знакомым с основами управленческой социальной психологии, способным анализировать значимые проблемы и процессы в коллективе;
- уметь в устной и письменной речи правильно, доходчиво и логично донести решение до исполнителей;
- владеть методами сбора, хранения и обработки информации;
- быть способным находить нестандартные решения задач;
- быть готовым к комплексному, многоплановому взаимодействию с подчинёнными;
- методически и психологически быть готовым к совершенствованию не только подчинённых, но и самого себя;
- уметь выражать и обосновывать свою позицию по вопросам, касающимся ценностного отношения к полученной информации.

В заключение хотелось бы отметить, что психологические аспекты принятия управленческих решений в ближайшее время, в условиях динамично развивающегося общества, будут сохранять свою актуальность. Поэтому руководителям следует особое внимание уделять этому значимому аспекту профессиональной деятельности, что позволит им сохранить целостность коллектива и значимость каждой человеческой личности.

**Литература**


1. Афоничкин А.И. Управленческие решения в экономических системах. Учебник. /А.И. Афоничкин – СПб.: Питер, 2009. – 480с.
2. Буйдаков Х. Психология в практике управления /Х. Буйдаков. – Душанбе: Маориф, 2000. – 175с.
3. Горелик О.М. Производственный менеджмент: принятие и реализация управленческих решений. Учебное пособие /О.М. Горелик. – М.: КНОРУС, 2015. – 270с.
4. Лифшиц А.С. Управленческие решения. Учебное пособие /А.С. Лифшиц. -М.: КНОРУС. 2013. – 244с.
5. Менеджмент: учебное пособие под редакцией Бозорова Ш. - Душанбе, 2015. – 456с.
6. Михеев В.И. Социально-психологические аспекты управления: стиль работы руководителя / В.И. Михеев. – Москва: Молодая гвардия, 1975. - 386с.
7. Фатхутдинов Р.А. Управленческие решения / Р.А. Фатхутдинов. -М.: ИНФРА М. 2002.- 314с.


УДК. 519.86

# ДАР БОРАИ ТАРБИЯИ ИҚТИСОДИИ ДОНИШҶӮЁН ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ ИНТЕГРАЛИ МУАЙЯН


***Раҳимов Рашид Маҷидович,*** *н.и.ф-м., профессори кафедраи математикаи олӣ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.Нахимов 64/14.Тел.: 918997722*

***Солиев Мирзон Норович,*** *унвонҷӯи кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к.Нахимов 64/14.Тел.: 989034842*


*Аз сабаби аз низоми муқаррарии таълим ба низоми кредитии таълим гузаштани муассисаҳои олӣ, мафҳумҳо ва моделҳои математикӣ дар иқтисод хеле васеъ истифода бурда мешаванд. Дар мақолаи мазкур масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта, ки барои*

*ҳалли онҳо интегралҳои муайян истифода бурда мешаванд, мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, ки он дар ташаккули тафаккури математикии донишҷӯён мусоидат менамояд.*

*Ташаккули тафаккури математикии донишҷӯён дар раванди ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта ҳангоми омӯзиши интеграли муайян нишон дода мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *тарбияи иқтисодии донишҷӯён, ҷараёнҳо, ҳодисаҳои иқтисодӣ, моделҳои математикӣ, алоқамандии байни фанни математика бо фанҳои иқтисодӣ, интеграли муайян, кам кардани ҳаҷми хароҷот, захираи музди меҳнат, арзиши аслӣ, ҳосилнокии меҳнат, ҳаҷми маҳсулот, ҳаҷми даромад, арзиши қувваи барқ.*

## *ОБ ЭКОНОМИЧЕСКОМ ВОСПИТАНИИ СТУДЕНТОВ ПРИ ОБУЧЕНИИ ОПРЕДЕЛЕННОГО ИНТЕГРАЛА*

***Рахимов Рашид Маджидович*** *- профессор кафедры высшей математики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.Тел.: 918.99.77.22*

***Солиев Мирзон Норович*** *- старший преподаватель кафедры высшей математики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14.,Тел.: 989.03.48.42*

*В связи с переходом от обычной системы обучения к кредитной системе в вузах, в экономике широко применяются математические модели и понятия. В данной статье изучается экономическое воспитание студентов в процессе решения математических задач с экономическим содержанием, которые приводятся к применению определенных интегралов. В статье **и**ллюстрируется развитие математического мышления студентов при решении задач с экономическим содержанием на примере изучения определенных интегралов.*

***Ключевые слова:*** ***м**атематическое мышление, определенный интеграл, формализация, математическая модель, экономическая интерпретация, себестоимость, производительность труда, заработная плата, объём производства, объём прибыли, стоимость электроэнергии.*

## *ABOUT THE ECONOMIC TRAINKING OF STUDENTS DURING LEARNING THE DEFINILE INTEGRAL*

***Rachimov Raschid Magidovich*** *- PhD doctor, economics theory Department of Financial and Economic Institute of Tajikistan. Address: street Nakhimova 64/14, Dushanbe, 734067, RepublicTajikistan.Phone: 918997722*

***Soliev Mirson Norovicn*** *- assistant of economics theory Department of Financial and Economic Institute of Tajikistan.Address: street Nakhimova 64/14, Dushanbe, 734067, Republic Tajikistan.Phone: 989034842*

*In connection with the transition from the traditional sustem to the credit sustem in the higher educational institutes (HEI), mathematical methods and concepts are widely uesd in the economy. In this article the author considers that economic education of students in the process of fecision of mathematical tasks with economic substance bring them to application of definile integrals. Illustrates develorment of mathematical thinking of stydents during decision of tasks vith economic substances in example of studyind definile integrals*

***Key words:*** *mathematical thenking, definile integrals, formalization, mathematical model, economic interpretations, price, labor productivity and wages, volume of producel, volume of profits, price of electroenerget.*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (20.03.2017), махсусан, қайд намуданд, ки «Ҳукумати мамлакат ба рушди илм, диққати махсус дода, ҷалби наврасону ҷавононро ба ин соҳаи муҳим аз ҷумлаи масъалаҳои аввалиндараҷа мешуморад.

Аз ин рӯ, сохторҳои илмию таълимии кишварро зарур аст, ки омӯзиши илмҳои муосир, бахусус, илмҳои табииву риёзиро ҷиддӣ ба роҳ монда, баргузории маҳфилу чорабиниҳои илмиро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва муассисаҳои илмӣ бештар созанд ва ҷавононро ба чунин чорабиниҳо ҳарчӣ бештар ҷалб намоянд. Олимонро зарур аст, ки ба рушди минбаъдаи илмҳои дақиқ ва табиатшиносиву техникӣ ва ба талаботи ҷомеа равона сохтани неруи илмӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, фаъолияти худро дар самти ихтироъкориву навоварӣ, ҳамчунин ҷалби ҷавонони болаёқат ба корҳои илмӣ ва ихтироъкорӣ боз ҳам ҷоннок намоянд».

Бо мақсади мустаҳкам намудани алоқаи илм бо истеҳсолот ва дар истеҳсолоти ватанӣ татбиқ намудани дастовардҳои илм ва технологияҳои инноватсионӣ дар Паём дастур дода шуда буд.

Баҳри баланд бардоштани сатҳи сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ омӯзгорро лозим аст, ки дар дарси муосир аз методҳои анъанавӣ даст кашида, роҳу усулҳои фаъоли таълимро дарёфт намояд, яъне усулҳои фаъоли таълимро сармашқи кори ҳаррӯзаи худ қарор диҳад.

Фаъолгардонии таълим бо роҳи метод, усулу воситаҳои гуногун ба амал бароварда мешавад ва ҳадафи асосӣ он аст, ки хонанда худро танҳо ҳамчун шунаванда эҳсос накунад, балки чун иштирокчии фаъоли дарс тасаввур кунад. Дар зери мафҳуми усулҳои фаъоли таълим фаъолияти омӯзгор ва хонанда фаҳмида мешавад, ки тавассути онҳо хонанда дониш, малакаю маҳорат, ташаккулу тафаккуру ҷаҳонбинӣ, инкишофи лаёқатнокиро амиқу дақиқ дастрас менамояд.

Ҷаҳонишавӣ ва ворид гаштан ба системаи ягонаи таҳсилот моро водор месозад, ки сари ин масъала андеша ронем.

Ҷаҳони муосир ба мутахассисони соҳибтаҷрибаи дорои неруи қавӣ дар ҳалли проблемаҳои мураккаби ҳаёт ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатии дохилӣ ва хориҷӣ ниёз дорад.

Ба ақидаи олимон, дар таълими анъанавӣ диққати асосӣ ба инкишофи хотир равона мешавад на ба инкишофи тафаккур. Чунин таълим ба ташаккули қобилияти эҷодӣ, мустақилият, фаъолии донишҷӯён таъсири нокифоя мерасонад.

Дар ин мақола мо намунае аз чунин дарсро дар мисоли омӯзиши ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта ҳангоми омӯзиши интеграл ва тадбиқи он пешниҳод менамоем.

Шоистаи таъкид аст, ки имрӯз бисёр роҳу усулҳои таълимии нав ба соҳаи таълиму тарбия ворид шуда, амалӣ мегарданд, низоми муносибати босалоҳият ба таълим аз ин қатор истисно нест.

Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим нишон медиҳад, ки шавқи хонандагон ба омӯзиш бештар гардида, онҳо ҳамеша аз пайи омӯзиш шуда, мустақилона кор карданро меомӯзанд.

Албатта, ҳар як падидаи нав бо баъзе мушкилот дар марҳилаи аввал ҳамбаста аст. Барои аз худ кардану корбаст намудани низоми таълими босалоҳият, пеш аз ҳама, зарурати такмили ихтисос, фаъолияти бовусъати мутахассисон, нашри мақола ва дастуру роҳнамоҳо, таъмини таҷҳизоти техникӣ ба миён меояд. Имрӯз бе омӯзгори донандаи мумтози соҳаи худ рушди бонизом ва босифати таълиму тарбияро тасаввур кардан нашояд, зеро дар маркази ислоҳоти соҳаи маориф маҳз омӯзгор қарор дорад.

Татбиқи интеграли муайянро дар ҳалли масъалаҳои математикии мазмуни иқтисодидошта дида мебароем.

1. Ҳосилнокии меҳнат дар давоми рӯз тағйир меёбад. Фарз мекунем, ки $x$-давомнокии вақти рӯзи корӣ бошад, он гоҳ ҳосилнокии меҳнат $y$ –функсияи вақт мебошад, яъне $y = f(x)$

Фарз мекунем, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти коргарон, ки дар давоми аз $a$ то $b$ соат истеҳсол шудааст, ҳисоб карда шавад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти коргаронро, ки дар давоми вақти $(b - a)$ соат истеҳсол карда мешавад, ҳамчун суммаи ҳаҷми маҳсулоте, ки дар фосилаи беҳад хурди беохир, ки фосилаи $(b - a)$ –ро тақсим намудаанд, дидан мумкин аст. Ҳисоб намудан мумкин аст, ки дар ҳар як ин фосилаҳои беҳад хурди беохири $\Delta x$ функсияи $f(x)$ тағйир намеёбад ва аз ин ҷо ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшударо, ҳамчун ҳосилаи ҳосилнокии меҳнати $f(x)$дар вақти $\Delta x$ шуморидан мумкин аст. Аз ин ҷо, маҳсулоте, ки дар давоми вақти $b$ истеҳсол карда шудааст, ба

$$\sum_{\substack{a \\ \Delta x \to 0}}^{b} f(x) \cdot \Delta x = \int_a^b f(x) dx \qquad (1)$$

баробар мебошад.

2. Миқдори маҳсулоти ба анбор воридшуда дар воҳиди вақтро ҳамчун функсия аз вақти $x$, яъне аз ибтидои воридоти мол ба анбор ҳисобидан мумкин аст, яъне $y = f(x)$.

Чун нишондоди (1) таҳлил карда, ҳосил мекунем:

$$y = \int_a^b f(x) dx \qquad (2)$$

3. Агар функсияи $f(x)$ – борбардории стансияи барқӣ (кВт/с) буда, $x$ – давомнокии вақти кори аз ибтидои шабонарӯзи бошад, он гоҳ хароҷоти қувваи барқ дар муддати вақти $a$ то $b$ бо ёрии формулаи зерин ҳисоб намудан мумкин аст:

$$y = \int_a^b f(x) dx \qquad (3)$$

Ин формуларо ҳамчун нишондоди (1) ҳосил кардан мумкин аст.

4. Фарз мекунем, ки заводи техникаҳои хоҷагии қишлоқро истеҳсолкунанда, як намуди тракторро бо миқдори муайяни доимии N дар як сол истеҳсол менамояд ва $x$ –миқдори соле, ки ин намуд трактор истеҳсол карда мешавад. Дар лаҳзаи t-миқдори тракторҳои ҳамин гуна тамға бо ёрии формулаи зерин ёфта мешавад:

$$y = \int_0^t N\, dx = [Nx]\Big|_0^t = Nt \qquad (4)$$

Агар ҳаҷми маҳсулот афзояд, фарз мекунем, ки аз рӯи прогрессияи арифметикӣ

$$f(x) = u_0 + u_1 x,$$

он гоҳ, микдори тракторҳои истеҳсолшуда ба

$$y = \int_0^t (u_0 + u_1 x)\, dx = \left[ u_0 x + \frac{u_1 x^2}{2} \right]\Bigg|_0^t = u_0 t + \frac{u_1 t^2}{2} \qquad (4')$$

Эзоҳ. Аз ҳалли ин ду масъала чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар ҳолати якум миқдори тракторҳо нисбат ба вақт мутаносибан меафзоянд ва дар ҳолати дуюм бошад, аз рӯи парабола.

5. Фарз мекунем, ки даромади солона $D = f(t)$ функсияи вақт бошад.меъёри хоси фоиз, ки бефосила пардохт карда мешавад ба $i$ баробар аст. Ҳаҷми даромад дар $t -$ сол ҳисоб карда шавад.

Маълум аст, ки барои ҳисоб намудани ин бузургӣ, бояд порчаи вақти $t$ –ро ба $n$ порчаи баробари $\Delta t$ тақсим мекунем. Дар порчаи беҳад хурди вақти $\Delta t$ даромадро тағйирнаёбанда ҳисоб менамоем ва бинобар он ба $f(t)\Delta t$ баробар мешавад. Ҳангоми бефосила пардохт намудани фоиз даромад ба

$$\frac{f(t)\Delta t}{e^{it}} = f(t)\Delta(t)e^{-it} \quad \text{баробар мешавад.}$$

Дар фосилаи вақти $[0; t]$ даромад ба

$$\lim_{\Delta t\to 0}\sum_{0}^{t} f(t)\, e^{-it}\Delta t = \int_{0}^{t} f(t)\, e^{-it} dt \qquad (5)$$

Фарз мекунем, ки даромади солона доимӣ бошад: $f(t) = N$, он гоҳ бузургии он ба

$$D = \int_0^t Ne^{-it}dt = N\int_0^t e^{-it}dt = N\left[-\frac{1}{i}e^{-it}\right]\Bigg|_0^t = N\left(-\frac{1}{i}e^{-it} + \frac{1}{i}e^{0}\right) = \frac{N}{i}(1 - e^{-it}).$$

Аз нишондодҳои боло чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки интеграли муайянро дар бисёр масъалаҳои иқтисодии мазмуни иқтисодисодидошта татбиқ намудан мумкин аст.

**Мисоли 1**. Ҳосилнокии меҳнати рӯзонаи коргарони заводи мошинбарорӣ тақрибан бо формулаи $y = 0{,}004t^2 + 0{,}09t + 20{,}094$, ифода карда мешавад, ки дар ин ҷо $t -$ истеҳсоли маҳсулот дар як соат мебошад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти солона ёфта шавад, агар шумораи рӯзҳои корӣ 240 ва давомнокии рӯзи корӣ ба 7 соат баробар бошад. Истеҳсоли маҳсулотро дар як рӯз бо саҳеҳии то воҳид ҳисоб намоед.

Ҳал. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти коргарон дар як рӯз (баст)-ро бо ёрии интеграли муайян меёбем:

$$v = \int_0^7 (0{,}00\,4t^2 + 0{,}09t + 20{,}094)dt = \left[\frac{0{,}004t^3}{3} + \frac{0{,}09t^2}{2} + 20{,}094t\right]\Bigg|_0^7 =$$

$$= \frac{0{,}004\cdot 7^3}{3}\text{дона} + \frac{0{,}09\cdot 7^2}{2}\text{дона} + 20{,}09\text{дона} =$$

$$= \frac{0{,}004\cdot 343}{3}\text{дона} + \frac{0{,}09\cdot 49}{2}\text{дона} + 140{,}63\text{дона} = 143\text{дона}.$$

Ҳаҷми маҳсулот дар як сол 34320 донаро ташкил мекунад.

**Мисоли 2.** Лавҳаи шаклаш секунҷаи асосаш ба 6 см, баландиаш ба 4 см баробарбуда, ба об дар шакли вертикалӣ ғӯтонида шудааст.Фишори обро ба ин лавҳа ёбед, агар қуллаи он ба сатҳи об баробар бошад.

**Ҳал.** Аз рӯи шарти масъала $a = 0$ мебошад, зеро ки қуллаи он ба сатҳи об баробар мебошад, $b = 0{,}04$ м ва асоси секунҷа ба 0,06 см буда, ғунҷоиши об ба $\rho = 9810\text{кг}/\text{м}^3$ баробар мебошад.

Аз монандии секуҷаҳои DBF ва ABC истифода бурда (расми 1)




$\frac{DF}{AC} = \frac{DK}{BE}$ ва $\frac{y}{0,06} = \frac{x}{0,04}$ -р... ин ҷо: $y = \frac{0,06}{0,04}x = \frac{3}{2}x.$

Тавре маълум аст, қувваи фишори моеъ ба лавҳа P аз рӯи формулаи

$$P = \rho q \int_a^b xy\,dx$$

ҳисоб карда мешавад. Дар ин ҷо $\rho$-зичии моеъ, $q$-шитоби озодафтӣ, $a$ ва $b$ -ҳудудҳои интегронӣ, $x, y$-тарафҳои лавҳа мебошанд.

Қиматҳои ёфташударо ба формула гузошта, P-ро меёбем:

$P = 9810 \int_0^{0,04} \frac{3}{2}x^2 dx = 4905 \cdot x^3 |_0^{0,04} = 0,31392.$

**Мисоли 3.** Самолёти реактивӣ дар муддати 20 сония суръаташро аз 240 то 720 км/соат зиёд намуд. Дар мавриди суръати зиёдшавии ҳаракат якхела будан, суръати зиёдшавӣ ва масофаро, ки самолёт парвоз намудааст, ёбед.

**Ҳал.** Аз шарти масъала маълум мегардад, ки:

$$v_0 = \frac{240 \cdot 1000}{60 \cdot 60} = \frac{200}{3}\left(\frac{м}{с}\right); \qquad v_1 = \frac{720 \cdot 1000}{60 \cdot 60} = 200(м/с)$$

Суръати ҳаракати мунтазами вобастагии $a$ аз вақт $t$ бо ёрии формулаи зерин ифода карда мешавад: $v = at + v_0$.

Аз ин ҷо: $a = \frac{v - v_0}{t} \approx 6,7\left(\frac{м}{с}\right)$.

Барои ёфтани масофаи тайкардаи самолёт аз баробарии зерин истифода мебарем: $\frac{ds}{dt} = v$.

Аз ин ҷо:

$$\frac{ds}{dt} = v_0 + at, \quad ds = (v_0 + at) \cdot dt;$$

$s = \int_{t_1}^{t_2} (v_0 + at)\,dt = \left(v_0 + \frac{at^2}{2}\right)\Big|_{t_1}^{t_2} \approx 2,7 \cdot 10^3 = 2,7$ (км) $-$ро ҳосил менамоем.

**Мисоли 4.** Воридоти мол дар анбор бо ёрии функсияи $v_1 = 75 - 0,5x + 0,008x^2$ муайян карда мешавад. Содироти он ба ташкилотҳои савдо бо ёрии функсияи $v_2 = 60 - 0,6x + 0,004x^2$ муайян карда мешавад, ки $x$ -миқдори рӯзҳои кории анбор мебошад. Захираи мол дар 60 рӯзи корӣ муайян карда шавад.

Ҳал. Суръати афзоиши захираи мол дар анбор дар лаҳзаи вақти $x$:

$$v_{зах} = v_1 - v_2 = 15 + 0,1x + 0,004x^2.$$

Он гоҳ захираи молро дар 60 рӯз меёбем:

$$Q_{\text{зах}} = \int_0^{60} (15 + 0{,}1x + 0{,}004x^2)dx = \left[15x + \frac{0{,}1x^2}{2} + \frac{0{,}004x^3}{3}\right]\Bigg|_0^{60}$$
$$= 1368(\text{вонҳ. мол}).$$

**Мисоли 5.** Заводи радиобарорӣ дар як сол 31000 радио мебарорад ва дар ҳар як соли минбаъда 500 донагӣ зиёд истеҳсол мекунад. Пардохти суммаи амортизатсия дар 10 сол муайян карда шавад, агар меъёри амортизатсия 1% аз арзиши маҳсулоти истеҳсолкардашуда бошад. Арзиши аслии як дона радио ба 50 сомонӣ баробар мебошад.

Ҳал. Аз шарти масъала чунин мебарояд, ки истеҳсоли радио бо ёрии функсияи $y = 31000 + 500x$, ки дар ин ҷо $x$ –вақт бо сол мебошад.

Он гоҳ ҳаҷми истеҳсоли ин маҳсулот $v$ дар 10 сол:

$$v = \int_0^{10}(31000 + 500x)dx$$

Пардохти амортизатсия баробар аст ба:

$$\int_0^{10} \frac{1\% \cdot 50}{100\%}(31000 + 500x)dx = 0{,}5\left[31000x + 500 \cdot \frac{x^2}{2}\right]\Bigg|_0^{10} = 167500(c.)$$

**Мисоли 6.** Талаботи фермаи чорводорӣ ба қувваи барқ аз соати 7-и саҳар бо функсияи $y = 300 - 7{,}7x + 0{,}6x^2$ифода меёбад, ки $x$ –миқдори соатҳо мебошад. Арзиши қувваи баркро дар як шабонарӯз, ки фермаи чорводорӣ хароҷот мекунад ҳисоб намоед, агар арзиши 1кВт/соат ба 16дирам баробар бошад.

Ҳал. Хароҷоти шабонарӯзии қувваи барқ дар фермаи чорводорӣ ба

$$W = \int_0^{24} ydx = \int_0^{24} (300 - 7{,}7x + 0{,}6x^2)dx = (300x - 7{,}7 \cdot \frac{x^2}{2} + 0{,}6 \cdot \frac{x^3}{3})\Bigg|_0^{24}$$
$$= 7747{,}2\text{кВт/соат}$$

Арзиши қувваи барқ ба: $16\text{дирам} \cdot 7747{,}2\text{кВт/соат} = 1239{,}6\text{сомонї}$ баробар мешавад.

**Мисоли 7**. Хароҷоти тағйирёбандаи истеҳсолӣ $y$, бо ёрии формулаи $y = 2x$ муайян карда мешавад, ки $x$ –миқдори маҳсулотро ифода мекунад. Хароҷоти миёнаи истеҳсолиро ёбед, агар ҳаҷми истеҳсолот 6-10 воҳидро ташкил намояд.

Ҳал. Қимати миёнаи функсияро бо ёрии формулаи зерин муайян намудан мумкин аст:

$$y_{\text{миёна}} = \frac{\int_a^b f(x)dx}{b-a} = \frac{\int_6^{10} 2xdx}{10-6} = \frac{2}{4} \cdot \frac{x^2}{2}\Bigg|_6^{10} = \frac{1}{2}(50 - 18) = 16\text{воҳид}.$$

Хараҷоти миёнаи истеҳсоли ба 16 воҳид баробар мешавад.

**Адабиёт**

1. Апанасов Н.Т. Сборник математических задач с практическим содержанием / Н.Т. Апанасов, Н.Н. Апанасов. - М.: «Просвещение», 1997. – 240с.

2. Раҳимов Р.М. Мисолҳои гуногуни шарҳи мазмуни иқтисодии мафҳуми ҳосила ва татбиқи он дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ / Р. М. Раҳимов, М. Н. Солиев // Паёми ДМТ, 2014.- №2. - С.131-136.

3. Раҳимов Р. М. Ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодидошта дар ташаккули тафаккури математикии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши муодилаҳои якномаълумаи хаттӣ / Р. М. Раҳимов, М. Н. Солиев // Паёми ДМТ, 2017.- №3/7. – С.- 286-291.

4. Терешин Н.А. Прикладная направленность школьного курса математики / Н.А.Терешин. - М.: Просвещение, 1990.- 168с.

5. Шапиро И.М. Использование задач с практическим содержанием в преподавании математики / И.М. Шапиро. - М.: Просвещение, 1990. - 96с.

УДК 330.8

# ПРОБЛЕМАҲОИ АХЛОҚИИ ИЛМ

***Мангитов Машраб*** *– номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14.*

*Дар мақола баланд шудани нақши ахлоқ дар илм дида баромада шудааст, ки характери актуалӣ доштани онро нишон медиҳад. Таҳлили проблемаи мазкур нишон медиҳад,ки олим (муҳаққиқ) натанҳо бояд этикаи илмиро риоя кунад, балки инчунин масъулияти иҷтимоии худро низ дарк намояд. Ин ду ҷиҳат имконият медиҳад, ки муҳаққиқ аз доираи хусуматҳои шахсӣ ва гурӯҳӣ дур монда, натиҷаҳои илмии ӯ ба манфиати ҷомеа равона карда шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *этикаи илмӣ, фалсификатсия, илми назариявӣ ва амалӣ, биомедитсина, биогенетика, технологияи клон, экспертизаи ахлоқӣ.*

## *ЭТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ НАУКИ*

***Мангитов Машраб*** *– кандидат философских наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.*

*В статье рассматривается повышение роли этики в науке, которая характеризует её актуальность. Анализ данной проблемы показывает, что ученый не только обязан соблюдать этику науки, но так же должен почувствовать свою социальную ответственность. Эти два аспекта позволяют ученому избавиться от личных и корпоративных амбиций и реализовать результаты его научных трудов на благо общество.*

***Ключевые слова:*** *этика науки, фальсификация, фундаментальная и прикладная наука, биомедицина, биогенетика, технология клона, этическая экспертиза.*

## *ETHICAL PROBLEMS OF SCIENCE*

***Mangitov Mashrab*** *- Candidate of Philosophy Sciences, Docent of the Department of Humanitarian Disciplines of the Institute of Finance and Economyof Tajikistan. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova str., 64/14.*

*The article considers the increase in the role of ethics in science, which characterizes its relevance. An analysis of this problem shows that the scientist is not only obliged to observe the ethics of science, but also to feel his social responsibility. These two aspects allow the scientist to get rid of personal and corporate ambitions and realize the results of his scientific works for the benefit of society.*

***Keywords:*** *ethics of science, falsification, fundamental and applied science, biomedicine, biogenetics, clone technology, ethical examination, etc.*

Агар ба таърихи пайдоиш ва ташаккули илм назар кунем, он гоҳ мебинем, ки ахлоқ на дар ҳамаи давраҳои инкишофи илм мавқеи муайян ва ҳалкунанда дорад. Зеро он сабабҳои таърихӣ-иҷтимоӣ дошта, вобаста ба мавқеи илм дар ҷамъият муайян карда мешавад. Масалан, илми Дунёи Қадим, ки дар ибтидои ташаккулёбӣ буд, бештар характери гипотетикӣ-назариявӣ дошта, аз амалияи ҳаёти ҷамъиятӣ дур буд. Аз ҳамин сабаб, характери иҷтимоӣ пайдо накард ва қариб ки аз доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ берун монд ва ё ба таври дигар, «илм барои худаш» вуҷуд дошт. Илм дар асрҳои миёна бошад, аз ҳаёти ҷамъиятӣ боз ҳам дуртар рафт, зеро дар зери таълимоти динӣ монда, хизматгори дин шуд. Чунин шакл гирифтани илм боиси он гашт, ки «ҳақиқати илоҳӣ» ба дараҷаи аввал баромада, ҳақиқати илмиро қариб аз байн бурд. Ин ҳолат имкон намедод, ки илм дар ҷамъият ягон нақшеро бозад. Дур будан аз системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва мавқеи муайян надоштан дар он илмро аз доираи

амалия берун баровард. Барои ҳамин, дар бораи масъалаҳои ахлоқии илми ин ду давра гап задан маънӣ надорад.

Заминаҳои инқилоби якуми илмии асри XVII-ро давраи Эҳё тайёр кард, ки ин як ҷаҳиши сифатӣ дар таърихи илм буд. Зеро илм ба системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ дохил шуда, ба як элементи қувваҳои истеҳсолкунанда табдил ёфт. Ин имконият дод, ки илм характери ҷамъиятӣ пайдо кунад ва дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ бевосита иштирок намояд. Протсесси иҷтимоишавии (социализация) илм онро то ба дараҷаи ниҳодшавӣ (институализация) оварда расонд. Чунин хусусият пайдо кардани илм проблемаҳои ахлоқиро пеш овард. Бахусус, проблемаи мазкур аз нимаи дуюми асри XIX сар карда, то ҳол характери актуалии худро гум накардааст ва, баръакс, рӯз то рӯз актуалитар шуда истодааст.

Асосҳои ахлоқии илм, ин на танҳо масъалаи масъулияти иҷтимоии олим аст, балки, инчунин, масъалаи мавҷудияти этоси иттиҳодияҳои илмӣ ва худи ҷамъият низ мебошад. Муносибатҳои пуртазоди асри XX инсонро ба он водор кард, ки оид ба нақш ва моҳияти этоси (ахлоқи) илмӣ чуқур ва ҳаматарафа фикр кунад. Муносибати ахлоқӣ бояд дар ҳамаи фаъолияти илмиву ҳаётии инсон амал кунад. Этоси илмӣ ба асосҳои ахлоқии фаъолияти илмӣ дахл карда, он маҷмӯи принсипҳои арзишие мебошад, ки аз тарафи ҷамъияти илмӣ қабул карда шуда, дар худ ҷиҳатҳои иҷтимоӣ ва гуманистии илмро дар бар мегирад. Ҳол он ки, то солҳои наздик, олимон дар ақидаи он буданд, ки ахлоқи илмӣ ин аз риоя кардани меъёрҳои фаъолияти илмӣ, ба монанди дуруст гузаронидани таҷриба, ростқавлию поквиҷдонии илмӣ, муносибати манфӣ доштан ба асардуздӣ, дараҷаи баланди кордонӣ (профессионализм), ҷустуҷӯи беғаразона, хусуматчигӣ, пуштибонӣ кардан аз ҳақиқати илмӣ ва ғайра мебошанд. Риоя кардани ин меъёрҳо ба олим имконият медиҳад, ки ба ҳақиқати илмӣ омада расад. Мисли он ки Арасту мегӯяд: «Афлотун дӯсти ман аст, вале ҳақиқат қиматтар аст». Хатто, сарсупурдагони илм, монанди Ҷ. Бруно дар зери таҳдиди марг аз эътиқоди худ даст накашид, то ки ҳақиқатро то ба охир ҳимоя кунад. Меъёрҳои ахлоқи илмӣ, асосан, дар шакли кодексҳои ахлоқӣ (яъне, қоидаҳои рафтору кирдор) ифода ёфтаанд. Дар ин ҷода консепсияи этоси илмии сотсиологи амрикоӣ Р.Мертонро номбар кардан мумкин аст. Ӯ ба маҷмӯи қоидаҳои характери эҳсосидошта (эмотсионалӣ), урфу одат, эътиқод ва арзишҳо, ки барои олим заруранд, диққати калон медиҳад. Олими рус В.И.Вернадский мегӯяд, ки олимон аз оқибатҳои кори илмии худ ва пешрафти илмӣ набояд чашм пӯшанд, балки худро барои натиҷаи кашфиёташон масъул донанд. Як қатор олимон ба монанди Р.Оппенгеймер мувофиқи ахлоқи худ аз иштирок дар сохтани бомбаи водородӣ даст кашиданд. Олими таҷзиякунандаи уран Отто Ган баъди таркиши бомбаи атомӣ дар Хиросима аз кашфиёти худ сахт пушаймон шуда, қасди худкушӣ кард. Ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки то чӣ дараҷа нақши ахлоқ дар илм хеле калон аст.

Дар замони ҳозира масъалаи ахлоқ дар илм боз ҳам муҳимтар шудааст. Зеро технологияи муосир инсонро дар ҳолате гузоштааст, ки худ сарчашмаи таъсиррасонӣ ва омӯзиш қарор гирифтааст. Ин ҳолатро аз ҳама пештар олимони физикаи атомӣ дарк карданд, ки то чӣ андоза инсоният дар хатар аст. Ҳоло бошад, масъалаи дигаре, ки чунин характер дорад, ин масъалаи биологияи молекулавӣ, генетика, тиб, психология ва ғайра мебошад. Этоси илмӣ на танҳо барои ҳимояи инсон аз таъсири ҷиҳатҳои манфии натиҷаҳои илмӣ равона карда шудааст, балки, инчунин, илмро аз илмҳои дурӯғ ва фалсификатсияи илмӣ муҳофизат мекунад. Барои ҳамин ба ҷамъияти илмӣ ҳуқуқ дода шудааст, ки бо чунин зуҳурот мубориза беамон барад, яъне бо роҳи ҷорӣ кардани санктсияҳо, кандани алоқаҳои илмӣ, қатъ кардани тадқиқоти якҷояи илмӣ ва ғайра.

Ҳатто, дар баъзе ҳолатҳо кор ба ҷое омада мерасад, ки олим натиҷаҳои илмии худро аз ҳама боло гузошта, фикри муқобилро гӯш кардан намехоҳад ва ба ин восита нормаҳои ахлоқӣ ва этикаи илмиро вайрон мекунад. Умуман, этикаи илмӣ бисёрҷабҳа буда, он аз озодии ҷустуҷӯҳои илмӣ сар карда, то масъулияти иҷтимоии олимро дар бар мегирад. Бахусус, масъалаи озодии тадқиқот бисёр масъалаи баҳснок мебошад. Зеро баъзе олимон дар тадқиқот озодии мутлақ ва беҳудудро мебинанд, вале қисми дигар бошад, онро танзимпазир медонанд. Агар олим дар ҷустуҷӯи илми озод набошад, он гоҳ ӯ то ба охир ба ҳақиқати илмӣ омада намерасад. Ҳол он ки, озодии мутлақ метавонад натиҷаҳои илмиро то ба дараҷаи зидди инсон оварда расонад. Чунин ҳолат олимро (муҳаққиқро) дар байни интихоби ҷустуҷӯи озоди илмӣ ва нормаҳои ахлоқӣ мегузорад. Масъалаи дигаре, ки бо проблемаи ахлоқ дар илм зич алоқаманд аст, ин масъалаи масъулияти иҷтимоии олим аст. Агар мақсади олим ин дарёфти ҳақиқати илмӣ бошад, пас натиҷаҳои амалисозии илм ба кӣ ва чӣ вобаста аст?

Баъзе муҳаққиқон (олимон) дар ақидаи он ҳастанд, ки бо назардошти фарқияти байни илми бунёдӣ (фундаментальная наука) ва амалӣ (прикладная наука) масъалаи масъулияти иҷтимоиро дақиқтар кардан лозим аст. Этикаи илмӣ аз олими соҳаи тадқиқоти бунёдӣ талаб мекунад, ки аз истифодаи номатлуби комёбиҳои илмӣ ҳамкасбон ва оммаи васеъро огоҳ кунад, ки ин масъулияти иҷтимоии ӯ мебошад. Натиҷаи илми бунёдӣ пешгӯишаванда ва доираи амалисозии он хеле васеъ аст. Аз ин рӯ, ягон шахс ҳуқуқи маънавӣ надорад, ки олимро ба риояи масъулияти иҷтимоӣ маҷбур созад. Аммо он қисми донишҳое, ки бевосита инсон объекти омӯзиши онҳо қарор гирифтааст, (яъне, чӣ дар доираи илми бунёдӣ ва чӣ амалӣ) бояд аз нигоҳи ахлоқӣ дида баромада шавад. Зеро ба вуҷуд овардан ва амалӣ сохтани чунин шакли донишҳо, бе истифодаи ба низомдарории онҳо ғайриахлоқӣ мебошад. Илми амалӣ бошад, ин тадбиқи донишҳои бунёдӣ аст. Муайн кардани ҳудуди байни тадқиқоти бунёдӣ ва амалӣ, коркарди илмӣ ва фаъолияти муҳандисӣ мушкил аст, аммо он вуҷуд дорад. Барои он ки яке ба омӯзиши қонунҳои объективии протсессҳо машғул аст ва дигаре ба офаридани техника ва технология. Муҳаққиқони соҳаи илми амалӣ на танҳо нормаҳои ахлоқи илмиро бояд риоя кунанд, балки, инчунин, масъулияти иҷтимоиро бар дӯши худ гиранд. Зеро ягон хел кодекси ахлоқӣ ва ё қасамёдкунӣ пеши роҳи натиҷаҳои номатлуби илмро гирифта наметавонад. Ба қавли Г.Башляр, «бор кардани ҷинояти қотил ба гардани олоти ҷиноят» бемантиқ аст. Аз ин рӯ, «далеловарӣ» барои исботи бемасъулиятӣ ин нишонаи бевиҷдонӣ мебошад. Масъулияти иҷтимоии олим ин ягон чизи аз берун ба фаъолияти илмии ӯ (ба таври сунъӣ) дохил кардашуда намебошад. Балки он як қисми таркибии фаъолияти илмӣ буда, боиси гуманизатсияи натиҷаҳои илмӣ мегардад. Ҳамин ҷиҳатҳоро ба асос гирифта, илми муосирро ташаккул додан мумкин аст, зеро дар ибтидои асри XX1 илм дар назди инсоният масъалаҳои навро дар доираи ахлоқи илмӣ гузошт, ки онро дар доираи биоэтика, ки бештар хусусияти (инсонченкунӣ – человекоразмерный) инсонпазирӣ дорад, дидан мумкин аст. Бинобар ин биоэтика ба яке аз масъалаҳои муҳими илм табдил ёфтааст.

Проблемаҳои ахлоқӣ дар соҳаи биоэтика ҳамчун масъалаи бисёр ҳам зарурӣ шакл гирифт, ки ҳалли бетаъхири худро талаб мекунад, зеро ифлосшавии муҳити зист ба саломатии инсон зарар расонида, фонди генетикии онро бад карда истодааст. Проблемаҳои биоэтика дар сарҳади илми биология ва тиб пайдо шудааст. Онҳо бо таҷрибаи тиббӣ ва программаҳои давлатӣ зич алоқаманд ҳастанд. Як қатор проблемаҳо дар асоси муносибат ба бемор (пациент) ҳамчун объекти тадқиқот ва ё таҷрибаи тиббӣ пайдо шудаанд. Ба

соҳаи проблеманок муносибати байни «духтур ва бемор» дохил мешавад. Дар ҳолати болоравии шаклии вазифаҳои духтур, бемор ҳамчун барандаи ягон шакли касалӣ баромад карда, тамоми сифатҳои индивидуалӣ ва иҷтимоии худро аз даст медиҳад. Дар ин ҳолат ҷои модели патерналистиро (соҳиб будан), модели автономии қиматҳои бемор мегирад ва духтур метавонад ба ҷои бемор мустақилона қарор қабул кунад ва ҳатто ӯро аз вазъи саломатиаш ва табобатҳои дар пешистода хабардор накунад. Дар солҳои 70-уми асри XX биоэтикаи таҷрибавӣ дар ҳайвонот ба проблемаи алоҳида табдил ёфт. Холи ҳозир бошад, протсесси коркарди меъёрҳои асосӣ оид ба гузаронидани таҷрибаҳо дар инсон ва ҳайвон рафта истодааст. Проблемаҳои ахлоқие, ки аз болоравии техникӣ кардани тиб ва пайдоиши технологияи сифатан нави тиббӣ ва доруворихое, ки имконияти таъсирро ба инсон зиёд мекунанд, мақоми хос доранд. Биологияи тиббии муосир (биомедицина) имкониятҳои технологии назорат ва дахолатро ба пайдоиш, равиш ва ба охиррасии ҳаёти инсон васеъ мекунад. Методҳои гуногуни сунъии репродуктивии инсон, ивази органҳои аз кор баромада, тағйири генҳо, таъсири фаъол расонидан ба протсессҳои пиршавӣ ва ғайра ба он оварда мерасонад, ки оқибатҳои прогресси илмӣ- техникиро пешгӯӣ кардан душвор аст. Дар баробари ин хатари ҷиддие пеш меояд, ки метавонад асосҳои ибтидоии биогенетикии инсонро вайрон кунад ва ба ҷиҳатҳои табиии ӯ, ки дар протсесси дуру дарози эволютсионӣ шакл гирифтааст, хатари ҷиддӣ дошта бошад. Алоқаи байни илм ва бизнес проблемаҳои хосро пеш меорад, зеро он сарчашмаи коммерсиякунонии тамоми муносибатҳо мебошад, яъне дар доираи табиб ва бемор, трансплантатсияи (шинонидани) узвҳо, доруворихо ва технологияи нав. Масъалаи экспертизаи ахлоқӣ дар тиб бояд актуалӣ шавад. Масъалаи инженерияи генҳо дар як муддати кӯтоҳ ба дараҷаи аввали тадқиқоти илмӣ-таҷрибавӣ баромад, ки то ба охир натиҷаҳои он маълум нест. Масъалаи дигари замони ҳозира ин масъалаи технологияи клон аст, ки револютсия дар соҳаи генетика мебошад. Бо роҳи таҷрибаи клонӣ ба вуҷуд овардани организми зиндаи сунъӣ (гӯсфанди Долли) асосҳои ахлоқро дар илм сифатан тағйир дод. Зеро ба ақидаи олими амрикоӣ П.Диксон, он чизе, ки дар ҳайвонот санҷида мешавад, имкони дар инсон низ санҷиданро дорад. Технологияи клон солҳои 60-уми асри XX сар шуд, аммо натиҷаҳои амалии он ба солҳои 90-уми ин аср рост омад. Дар ибтидо гумон мерафт, ки он дар доираи наботот ва ҳайвонот ҷараён мегирад, вале баъдтар маълум гашт, ки он инсонро низ дар бар мегирад. Дар натиҷа, мо метавонем нусхаи ашхоси гуногунро созем, ки онро аз нусхаи асл фарқ кардан хеле душвор аст, ки ин ворид шудан ба ҷаҳони воқеии гуногунранг аст. Чунин ҳолат на танҳо бисёр назариячиёни соҳаи мазкурро ба фикр кардан водор намуд, балки, инчунин, проблемаҳои нави ахлоқиро дар илм ба вуҷуд овард.

Ба танзим даровардани нормаҳои ахлоқӣ дар соҳаи илм ва пайдо шудани дараҷаи баланди маданияти ахлоқӣ дар шароити имрӯза, чизи зарурӣ буда, сарчашмаи муҳими инкишофи илм мебошад. Ба қавли А. Эйнштейн «Дар илм на танҳо маҳсули эҷодии олим, дастоварди зеҳнии ӯ, балки сифатҳои ахлоқиаш ... низ муҳиманд» [4, 124].

**Адабиёт**

1. Комилов Р.С. Фалсафаи илм. / Комилов Р.С., Назаров М.А. - Д., 2008.-480с.
2. Кохановский В.П. Философия и методология науки: учебник для высших учебных заведений / В.П. Кохановский.- Ростов н/Д.: «Феникс»,1999.- 576с.
3. Лакатос И. Фальсификация и методология научно-исследовательских программ. / И.Лакатос. -М.: Медиум, 1995. – 320с.
4. Назаров М.А. Таърих ва фалсафаи илм. / М.А. Назаров. - Д., 2013. – 542с.
5. Никифоров А.Л. Философия науки: история и методология: учебное пособие. - М.: Дом интеллектуальной книги, 1998. - 280с.

УДК 113/119

# МУНОСИБАТҲОИ ДИАЛЕКТИКӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

***Илчибекова Маҳина Отамбековна**, номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: 908-84-73-04*

*Дар мақола сохтмони ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун тамоюли муосири рушди тамоми кишварҳои мутамаддини ҷаҳон баррасӣ гардидааст, ки он, ҳамзамон, бояд ҳадафи дурнамои татбиқи давлатҳои ҳақиқатан демократӣ ва ҳуқуқбунёд бошад.*

*Дар татбиқи сохтмони чунин ҷомеа таносуб, иртибот ва таъсири мутақобилаи диалектикии шаҳрванд ва ҷомеа нақши муҳим мебозад, зеро ин ду тарафи мазкур танҳо дар робитаи мутақобилаи ба ҳамдигар таъсиррасон метавонанд ҳамдигарро бисозанд ва ягонагии устувори ҷомеаро таъмин намоянд.*

*Ҷомеаи шаҳрвандӣ, мавҷудият ва фаъолияти самараноки он танҳо дар ягонагии диалектӣ бо давлат имконпазир буда метавонад, зеро давлат тамоми аҳолии қаламрави худро муттаҳид мекунад. Вай на танҳо дастгоҳи идораи ҷомеа, балки ба меъёрҳои ҳуқуқии ба ҳамагон ҳатмӣ такя мекунад. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демокративу ҳуқуқбунёд мусоидаткунандаи ҳамдигар буда, заминаи зарурии рушди ҷомеаи муосирро таъмин менамоянд.*

*Яке аз омилҳои муҳими ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ба саноатишавӣ ва шаҳрнишин гардидани аҳолӣ низ иртибот дорад, ки ин масъала барои Тоҷикистон аз масъалаҳои мубрам ва ҳадафҳои дурнамо ба шумор меравад.*

*Расидан ба ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ташаккули шаҳрванди комил, шаҳрванде, ки дар худ фарҳанги ҳуқуқӣ ва дарки масъулиятро таҷассум кардааст, имконпазир мегардад. Яъне, раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ташаккули инсони шаҳрванд ҳамрадиф маънидод карда мешавад, ки он яке аз масъалаҳои муҳимтарини давлатсозии муосир ба шумор меравад.*

***Калидвожаҳо:** шаҳрванд, ҷомеаи шаҳрвандӣ, робитаи диалектикӣ, ҳадафи дурнамо, саноатишавӣ, шаҳрнишинӣ, масъулият, ҳамрадифӣ, таъсири мутақобила, иртибот, фарҳанги ҳуқуқӣ, мусоидаткунандаи ҳамдигарӣ.*

## *ДИАЛЕКТИЧЕСКИЕ ОТНОШЕНИЯ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ*

***Илчибекова Махина Отамбековна**, кандидат философских наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: 908-84-73-04.*

*Строительство гражданского общества рассматривается в статье как современная тенденция развития всех цивилизованных стран мира, которая, одновременно, должно являться стратегической целью подлинно демократических и правовых государств.*

*В строительстве такого общества диалектическая взаимосвязь и взаимное воздействие гражданина и гражданского общества играют важную роль, так как эти две стороны только во взаимосвязи и взаимном воздействии могут создавать себя и обеспечить прочное единство общества.*

*Гражданское общество, его существование в условиях современности, а также его плодотворное функционирование могут быть возможными лишь в условиях диалектической взаимосвязи с государством, так как государство объединяет все население своей территории, обладает не только институтами управления обществом, но и осуществляет обязательные для всех нормы права. Гражданское общество и подлинно демократическое и правовое государство, будучи содействующими друг другу, обеспечивают необходимые предпосылки развития современного общества.*

*Одним из других важных факторов формирования гражданского общества является также индустриализация и урбанизация населения. Данный фактор является для Таджикистана одной из актуальных проблем и стратегической целью.*

*В итоге исследования данной проблемы делается заключение о том, что достижение гражданского общества обусловлено с процессом формирования совершенного гражданина, гражданина, который мог бы воплотить в себе правовую культуру и культуру личной ответственности за свои проступки.*

*В заключении делается вывод о том, что формирование гражданского общества, а также человека-гражданина являются взаимосвязанным процессом, с которым тесно связано строительство современных государств.*

***Ключевые слова:*** *гражданин, гражданское общество, диалектическая взаимосвязь, стратегическая цель, индустриализация, урбанизация, ответственность, взаимосвязанный процесс, параллельность, взаимодействие, взаимосвязь, правовая культура.*

***DIALECTICAL RELATIONSHIP IN MODERN SOCIETY***

***Ilchibekova Mahina Otambekovna****, Candidate of Philosophy Sciences, Docent of the Department of Humanitarian Disciplines of the Institute of Finance and Economyof Tajikistan. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova str., 64/14. Phone: 908-84-73-04*

*Formation of civil society is considered in this article as a modern development trend of all civilized countries of the world, which, at the same time, must be the strategic goal of the truly democratic and lawful states.*

*In the formation of such society the dialectical interconnection and mutual impact of the citizen and civil society play an important role, since these two constituent can in interconnection and mutual influence only create themselves and ensure a lasting unity of society.*

*Civil society, its existence under contemporary conditions, as well as its fruitful functioning, can be possible only in conditions of dialectical interconnection with the state, since the state unites the entire population of its territory and has not only the institutions of public administration but also implements the rules of law that are binding for all. Civil society and a truly democratic and lawful state, being promotional to each other, provide the necessary prerequisites for the development of modern society.*

*One of the other important factors of the formation of civil society is the industrialization and urbanization of the population also. This factor as for Tajikistan is one of the urgent issue and strategic goal.*

*As a result of the study of this problem it is to be concluded that the achievement of civil society is conditioned by the process of the formation of intelligentcitizen, a citizen who could embody the lawful culture and culture of personal responsibility for his behavior.*

*Finally it is to be concluded that the formation of a civil society as well as a person-citizen is an interrelated process which is closely related to the formation of contemporary states.*

***Key words:*** *citizen, civil society, dialectical interrelation, strategic goal, industrialization, urbanization, responsibility, interrelated process, parallel, interaction, interrelation, lawful culture, interaction.*

Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи омили инсонӣ [4] таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шудааст, ки рушди минбаъдаи ҷомеаи Тоҷикистон дар ҳама соҳаҳо ба он алоқамандӣ дорад.

Агар ба арзишҳои ҷавҳарии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат кунем, мушоҳида менамоем, ки дар кишварамон сохтмони давлати демокративу ҳуқуқбунёд [2, 4] пайваста идома ёфта истодааст. Муҳтавои асосии он аз сохтмони ҷомеаи шаҳрвандӣ иборат аст, ки он тамоюли муосири рушд ва тавсеаи тамоми давлатҳои мутамаддини ҷаҳон ба шумор меравад.

Дар татбиқи сохтмони чунин ҷомеа иртибот ва таъсири мутақобилаи диалектикии шаҳрванд ва ҷомеа нақши муҳим мебозад, зеро ин ду тарафи мазкур танҳо дар робитаи мутақобилаи ба ҳамдигар таъсиррасон метавонанд ҳамдигарро бисозанд ва ягонагии ҷомеаро таъмин намоянд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки мафҳуми «ҷомеаи шаҳрвандӣ» дар асри XVI дар асари Арасту «Сиёсат» аввалин маротиба истифода гардида, ҳамчун истилоҳ минбаъд, дар адабиёти ҷомеашиносӣ, дар истифодаи доимӣ қарор гирифтааст [6, 193], зеро вай ифодакунандаи тамоюли асосии сохтмони давлат ва ҷомеаҳои муосири мутамаддин ба шумор меравад.

Бояд қайд кард, ки «навъи классикии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар охири асри XVIII ва ибтидои асри XIX арзи вуҷуд кард…ва дар садаи XX дар кишварҳои мутараққии олам навъи муосири ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул ёфт» [6, 193].

«Муҳокимаронӣ дар бораи ҷомеаи шаҳрвандӣ, ба маънии фаҳмиши муосир, танҳо аз лаҳзаи ба вуҷуд омадани шаҳрванд ҳамчун фарди мустақил ва шиносандаи худ дар ҳамин сифат, ки ҳуқуқ ва озодиҳои бегонанашаванда дошта, дар айни замон, дар назди ҷомеа барои ҳама гуна фаъолиятҳояш вогузор будани ҳам масъулиятҳои ахлоқӣ ва ҳам масъулиятҳои дигарро эҳсос мекунад, имконпазир мегардад» [1, 89].

Дар замони муосир ҷомеаи шаҳрвандиро бе алоқамандӣ ба тамоюли сохтмони давлатҳои ҳақиқатан демокративу ҳуқуқбунёд тасаввур кардан имконнопазир аст, зеро ҳадафи асосии ҳар як давлати даъво ба чунин шакли давлатдоридошта аз ҳимояи манофеи ҳам табиӣ ва ҳам иҷтимоии шаҳрвандон иборат аст ва дар ҳамин замина волоияти қонун ва баробарии ҳамагонро дар назди он таъмин карда метавонад. Муҳаққиқони соҳа доир ба ин нукта ба он назаранд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд ҳамдигарро дар назар дошта, шарти мавҷудияти ҳамдигарӣ низ мебошанд [1, 96].

Сарфи назар аз он ки, аслан ва моҳиятан, ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонад берун аз муносиботи сиёсӣ бошад, вале чунин тасаввур кардани он хусусияти таҷридӣ дошта, мавҷудияти он берун аз муносибатҳои сиёсӣ ва давлат воқеият дошта наметавонад. Бинобар ин ҷомеаи шаҳрвандиро асоси табиии демократияи сиёсӣ маънидод мекунанд [5, 102].

Ҷомеаи шаҳрвандиро муҳаққиқон ҳамчун низоми худташаккулёбанда ва худинкишофёбанда маънидод менамоянд, вале, чунон ки таҷрибаи кишварҳои мутараққии ҷаҳон нишон медиҳад, чунин ҷомеа дар сурате метавонад муваффақона ва самаранок амал ва рушд кунад, ки барои он шароитҳои мусоиди муайян фароҳам оварда шуда бошанд. Чунин шароитро танҳо давлатҳои ҳақиқатан демократӣ ва ҳақиқатан ҳуқуқбунёд фароҳам оварда метавонанд, зеро мақсади меҳварии онҳо аз сохтмони давлатҳои мавриди баррасӣ иборат мебошад.

Яке аз шартҳои мабдаии ҳукми мавҷудият доштани ҷомеаи шаҳрвандӣ озод будани инсон дар фаъолият ба шумор меравад. Чунин озодии инсон дар сурате татбиқ шуданаш имконпазир мегардад, ки вай дорои моликияти худ ва ё, ҳадди ақал, дар чунин моликият иштироки бевосита дошта бошад ва тавонад бо хоҳиши худ аз он истифода барад.

Шарти дигари муҳими муваффақона мавҷудият ва фаъолият кардани ҷомеаи шаҳрвандӣ ба он иртибот дорад, ки вай таркиби иҷтимоии тавсеаёфтаи гуногунро дар бар гирифта бошад ва тавонад манофеи ҳарчи бештари намояндагони гурӯҳҳо ва табақоти иҷтимоии мухталифро инъикос намояд.

Ҷомеа дар сурате ба ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил ёфта метавонад, ки вай иқтисоди бозории ба таъмини иҷтимоии ҷомеа равонагардида дошта, дар он озодии фаъолияти иқтисодии инсон, соҳибкории озод, ихтиёрӣ будани интихоби навъҳои меҳнат ва касб, шаклҳои мухталифи моликият таъмин гардида бошад.

Дигар он ки, ҷомеаи шаҳрвандӣ амнияти иҷтимоии шаҳрвандон, ҳаёти муносиби онҳо ва инкишофи мавриди тақозои инсонро таъмин карда тавонад.

Хусусияти дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ ба он иртибот дорад, ки вай озодӣ ва демократияи ҳақиқии эътирофкунандаи авлавияти ҳуқуқи инсонро ташаккул дода бошад.

Муҳимтарин аломати ҷомеаи шаҳрвандӣ аз он иборат аст, ки вай бояд ба мабодии худидоракунӣ ва худтанзимкунии умури ҷомеа такя намояд, таъминкунандаи ибтикороти шаҳрвандон ва коллективҳои онҳо бошад.

Чунон ки амалияи ҷомеасозии муосир нишон медиҳад, сохтмони ҷомеаи мутлақо шаҳрвандӣ имконнопазир аст, зеро барои идораи ҳама гуна анвои ҷомеа иштироки давлат зарурат дорад. Яъне, ҷомеаи шаҳрвандӣ, мавҷудият ва фаъолияти самараноки он танҳо дар ягонагии диалектӣ бо давлат имконпазир буда метавонад, зеро давлат тамоми аҳолии қаламрави худро муттаҳид мекунад. Вай на танҳо дастгоҳи идораи ҷомеа, балки ба меъёрҳои ҳуқуқии ба ҳамагон ҳатмӣ такя менамояд.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демокративу ҳуқуқбунёд мусоидаткунандаи ҳамдигар буда, заминаи зарурии рушди ҷомеаи муосирро таъмин менамоянд.

Дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳақиқатан демокративу ҳуқуқбунёд, ки бавуҷудоварандаи шароитҳои мусоид барои ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад, нақши ҳар як шаҳрванд низ бисёр муҳим аст.

Чунон ки маълум аст, давлатҳои ҳақиқатан демокративу ҳуқуқбунёд ба шаҳрвандон тамоми имконотро ба вуҷуд меоваранд, ки онҳо шаҳрвандони ҳақиқӣ ташаккул ёбанд, зеро сохтмони ҷомеаи шаҳрвандӣ, демокративу ҳуқуқбунёдро бе шаҳрвандони ҳақиқии ифодакунандаи тақозоҳои чунин ҷомеа тасаввур кардан мумкин нест.

Масалан, конститутсияи давлати демокративу ҳуқуқбунёд ба шаҳрвандонаш ҳуқуқ ба ҳаёт ва дахолатнопазирӣ, ба манзил ва дахолатнопазирии он, ба интихоби озоди маҳалли зист, ба эътиқодоти динӣ, ба иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ, ба ташкил кардани ҳизбҳо, иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ба бисёрандешӣ, ба озодии сухан, ба моликият ва мерос, ба интихоби касбу кор, ба истироҳат, ҳифзи саломатӣ, ба таъмини иҷтимоӣ, ба таҳсил ва ғайраро медиҳад ва татбиқи онҳоро кафолат медиҳад. Шаҳрвандон бошанд, баробари истифода аз тамоми ҳуқуқҳои конститутсионӣ масъулият доранд, ки меъёрҳои ҳуқуқии танзимшударо вайрон накунанд, худшинос бошанд, меъёри истифодаи озодиҳои худро дарк карда бошанд, дар чорабиниҳои сиёсии кишвар бошуурона ва фаъолона иштирок намоянд, дар таҳияи барномаҳои рушди ҷомеа ва кишварашон тибқи тақозои замони муосир саҳмгузор бошанд, аз таърих ва равандҳои муосири фарҳанг, иқтисодиёт ва сиёсати милливу ҷаҳонӣ бархӯрдор бошанд.

Ҳадафи созмон додани ҳизбҳо, иттиҳодияҳо ва ниҳодҳои дигари шаҳрвандӣ бояд хусусияти созандагӣ дошта бошанд, то он ки мусоидаткунандаи рушди эҷобии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи кишварашон бошанд.

Дар муносибатҳои зикргардида робитаи диалектикии тарафҳо мушоҳида карда мешавад, ки он тақозои ҳатмии ҳама гуна даъво барои сохтмони ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад.

Яке аз омилҳои муҳими ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ба саноатишавӣ ва шаҳрнишин гардидани аҳолӣ низ иртибот дорад. Чунон ки аз таърих маълум аст, дар сатҳи рушди феодалӣ ҷомеа аз тарафи подшоҳони мутлақ идора карда мешавад, дар ҳаёти иқтисодӣ тарзи феодалии истеҳсолот салтанат менамояд, шаҳрҳо ба вуҷуд меоянд, вале онҳо, дар ин давра, дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ чандон нақши калон намебозанд, зеро аксарияти аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунад ва маҳдуди фаъолияти кишоварзӣ мебошад. Вақте, тадриҷан, шаҳрҳои майда-майдаи давраи феодалӣ ба шаҳрҳои калони саноатӣ табдил меёбанд, аксарияти аҳолӣ ба шаҳрҳои мазкур интиқол мекунанд, ба

коллективҳои коргарон мепайванданд, шаҳрнишин мешаванд, нисбат ба аҳолии деҳот аз ҳуқуқ ва озодиҳо бештар бархӯрдор мешудагӣ мегарданд, созмонҳову иттиҳодияҳои худро, пеш аз ҳама, иттифоқҳои касабаи худро ба вуҷуд меоваранд, ки онҳо, минбаъд, яке аз падидаҳои муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ мегарданд.

Раванди мазкур, тадриҷан, ба чунин ҳолат мерасонад, ки акнун дар истеҳсолоти кишоварзӣ нисбати бисёр ками одамон фаъолият мекардагӣ мешаванд ва онҳо низ бо тамоми воситаҳои техникии меҳнат мусаллаҳ гардида, на танҳо аҳолии кишвари худро бо маводи ғизо таъмин мекунанд, балки қисми муайяни онро ба кишварҳои хориҷӣ содир мекардагӣ мешаванд. Масалан, дар ибтидои асри XXI дар истеҳсолоти кишоварзии ИМА ҳамагӣ 5%, Олмон 10%, Ҷопон 15%-и аҳолӣ кор мекард, ки то ба ҳол низ ин нишондиҳандаҳо кам тағйир ёфтаанд [3, 116].

Бо ин гуфтаҳо ва рақамҳои иқтибоскардаамон ба он ишора карданием, ки ҷомеа аз ҷомеаи феодалии асосан ба истеҳсолоти кишоварзӣ маҳдудбуда, тадриҷан ба ҷомеаи саноатӣ табдил меёбад ва заминаи муҳимтарини ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандии муосирро ба вуҷуд меоварад.

Дар Аврупои Ғарбӣ ба вуҷуд омадани чунин ҷомеаро ду раванди муҳими таърихӣ таъмин намуд, ки ба он саноатигардонии истеҳсолот ва ба шаҳрҳо интиқол кардани аксарияти аҳолии деҳот, ворид шудани онҳо ба тарзи зиндагии шаҳр ва истифода аз арзишҳои шаҳрнишинӣ ба шумор меравад.

Чунон ки маълум аст, саноатӣ шудани кишварҳои аврупоӣ ба асри XVIII алоқамандӣ дорад, ки он дар натиҷаи ду инқилоби бузург дар таърихи Аврупо татбиқ гардидааст. Яке инқилоби иқтисодӣ, ки дар зери он Инқилоби Бузурги саноатигардонӣ (пеш аз ҳама, дар Англия) дар назар аст ва дигаре сиёсӣ, ки Инқилоби Бузурги Фаронсаи солҳои 1789-1794 ба шумор меравад.

Инқилобҳои мазкур симои Аврупоро тамоман тағйир доданд, ки аввалӣ ба инсон озодии иқтисодӣ ва табақабандии нави ҷомеаро таъмин карда бошад, дувумӣ ба одамон озодии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ато намуд. Зиёда аз ин, инқилоби мазкур барои ба вуҷуд омадани шакли тамоман нави идораи ҷомеа – демократия, ки баробарии тамоми одамонро дар назди қонун ифода менамояд, фароҳам овард [3, 116].

Падидаҳои мазкур заминаҳои муҳимтарини ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Аврупо гардиданд ва тавонистанд рушди тавонои кишварҳои аврупоиро таъмин намоянд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки Тоҷикистон, айни замон, кишвари кишоварзиву саноатӣ муаррифӣ мешавад. Дар Паёми ироагардидаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифа гузошта шудааст, ки то ба солҳои 30-юми асри ҷорӣ иқтисодиёти кишвар бояд ба иқтисодиёти саноативу кишоварзӣ табдил дода шавад. Маънии ин ҳадафи бузург аз он иборат аст, ки дар Тоҷикистон бештар шаҳру шаҳракҳои саноатӣ ба вуҷуд оварда мешаванд, аксарияти аҳолии деҳот ба шаҳрҳои мазкур интиқол мекунанд ва шаҳрнишин мешаванд. Дар сурати бо муваффақият анҷом пазируфтани чунин ҳадаф заминаи қудратманди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ба вуҷуд оварда мешавад, ки он дар ҳаёти сиёсии кишвар таҳаввулоти бузургро низ ба вуҷуд меоварад.

**Адабиёт**


1. Гаджиев, К.С. Политология (основной курс): учебник. / К.С.Гаджиев. – М.: Высшее образование, 2007. – 460 с.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти «Ганҷ», 2016. – 136 с.
3. Кравченко, А. И. Социология: учебник. / А.И.Кравченко. – М.: ТК Велби, Изд-во «Проспект», 2007. – 536 с.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016. // Рӯзномаи «Ҷумҳурият», 22 декабри соли 2016, №252 (23074)

5. Политология: учебник. / Под ред. В.И. Буренко, В.В. Журавлева. – М.: Издательство «Экзамен», 2005. – 320 с.
6. Тавадов, Г.Т. Политология: учебник/ Г.Т. Тавадов. – 2-е изд. стер. – М.: Издательство «Омега-Л», 2011. – 371 с.

УДК 338.27

# НАҚШИ АЛОҚАИ БАЙНИЯКДИГАРИИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ ДАР ТАШАККУЛЁБИИ МАҲОРАТ ВА ШАВҚИ ДОНИШҶӮЁН

***Маҳмадмуродов Абдусалим*** *- н.и.х., дотсенти кафедраи фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14. тел.: 918 24 34 53*
***Кабиров Абубакр Тиллоевич*** *- муаллими калони кафедраи математикаи олии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734069, Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Kabirov@fit.tj Телефон: 777 07 19 05.*

*Дар мақола муодилаҳои математикии дар химия истифодашаванда муҳокима мешаванд, ки бо атому молекулаҳои мушаххас алоқамананд ва бояд маънои химиявӣ дошта бошанд. Гоҳо ин маҳдудиятҳо боиси танг шудани миқдори ҳалли имконпазири муодилаҳои математикӣ мегарданд.*
*Муаллифон якчанд мисоли истифодаи математикаро дар химия муоина намудаанд. Онҳо оид ба масъалаҳои ҳалшавандаи химиявӣ тасаввуроти муайян, вале нопурра медиҳанд.*
***Калидвожаҳо:*** *муодилаҳои математикӣ, хосияти мушаххаси атомҳо, маҳдудиятҳо, истифодаи математика, химия.*

## *РОЛЬ ВЗАИМОСВЯЗИ ЕСТЕСТВЕННЫХ НАУК НА СТАНОВЛЕНИИ УМЕНИЙ И ИНТЕРЕСОВ СТУДЕНТОВ*

***Махмадмуродов Абдусалим*** *– к.х.н., доцент кафедры естественных наук Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. тел.: 918 24 34 53*
***Кабиров Абубакр Тиллоевич*** *- старший преподаватель кафедры высшей математики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734069, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64. Kabirov@fit.tj Телефон: 777 07 19 05.*

*В статье рассматриваются математические уравнения, используемые в химии, с конкретными свойствами атомов и молекул, которые подчиняются естественным ограничениям и иногда приводят к сужению числа возможных решений математических уравнений.*
*Авторы рассмотрели несколько примеров использование математики в химии. Они дают определенное, хотя неполное, представление о задачах, решаемых в химии с помощью математики.*
***Ключевые слова:*** *математические уравнения, конкретные свойства атомов, ограничения, использование математики, химия.*

## *THE ROLE OF THE RELATIONSHIP OF NATURAL SCIENCES TO THE DEVELOPMENT OF SKILLS AND INTERESTS OF STUDENTS*

***Mahmadmurodov Abdusalim*** *- PhD in Chemistry, Associate Professor, teacher of Natural sciences department of the of the Tajik state university of finance and economics. Address: street Nakhimova 64/14, Dushanbe, 734067, Republic Tajikistan. Phone: 918 24 34 53*
***Kabirov Abubakr Tilloevich*** *- senior lecturer of the Department Mathematics of the Tajik state university of finance and economics. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova str., 64/14. E-mail: Kabirov@fit.tj Phone: 777 07 19 05.*

*The article analyses that the mathematical equations used in chemistry deal with specific properties of atoms and molecules that obey natural constraints and sometimes lead to a narrowing of the number of possible solutions of mathematical equations.*
*We have considered several examples of the use of mathematics in chemistry. They give a definite, though incomplete, idea of the problems solved in chemistry with the help of mathematics.*
***Key words:*** *mathematical equations, specific properties of atoms, constraints, use of mathematics, chemistry*

Маҳорат усулҳои дастрасии донишҷӯёнро барои дарк намудани мақсадҳои мушаххас тасниф менамояд. Ҳалли масъалаҳои байнифаннӣ маҳорати махсусро талаб менамояд: байни якдигар алоқаманд намудан ва ҷамъбасткунии донишҳои фаннӣ; объектро дар ягонагии хосиятҳо ва муносибатҳои гуногунаш тасаввур намудан; аз мавқеи кулл ҷузъро баҳо додан, ки паҳлуҳои гуногуни ташаккулёбии ҷаҳонбинии илмии донишҷӯёнро таъмин менамоянд.

Мафҳуми маҳорати байнифаннӣ усулҳои гуногуни фаъолиятро, ки алоқаҳои байнифаннӣ (маҳорати ҷамъбасткунии фаъолияти дарккунӣ, амалиётҳои мантиқӣ, ки барои тамоми фанҳои таълимӣ умумианд, маҳорати фаъолияти эҷодӣ)-ро таъмин менамоянд, нишон медиҳад.

Омӯзиши проблемавӣ ва ҳам алоқаҳои байнифаннӣ, мундариҷа ва раванди фаъолияти донишҷӯёнро мураккаб менамояд. Бинобар ин дар раванди таълим ҷорӣ намудани алоқаи марҳилавии ҷузъҳои проблемавӣ ва ҳам байнифаннӣ заруранд. Таълими рушди маҳорати дарк намудан ва комёбиҳои таълимӣ муҳим аст, ки мустақилият ва рағбати донишҷӯёнро ба дарки алоқаи байни донишҳо аз фанҳои гуногун пурзӯр менамояд. Методикаи ташкили раванди таълим чунин марҳилаҳоро дар бар мегирад:

- алоқаи байнифаннии яктарафа дар дарсҳо аз рӯи фанҳои ба ҳам наздик дар асоси таълими проблемавӣ;
- мураккабкунии масъалаҳои байнифаннии дарк ва пурзӯр намудани мустақилияти донишҷӯён дар дарёфти ҳалли онҳо;
- ҳамроҳ кардани алоқаи дутарафа ва баъд аз он бисёртарафаи байни фанҳо бо роҳи ҳамоҳангсозии фаъолияти омӯзгорон;
- таҳияи низоми васеъ дар кори устодоне, ки алоқаи байнифанниро чи дар мундариҷаю метод ва чи дар шакли ташкили омӯзиш амалӣ менамоянд.

Барои донишҷӯён такя ба алоқаҳои байнифаннӣ шарти зарурии рушди минбаъда дар раванди омӯзиш мебошад. Бинобар ин дар ташкили фаъолияти эҷодии донишҷӯён дар асоси алоқаҳои байнифаннӣ кори таълим аввалиндараҷа мебошад, ки ба азхудкунии донишҳои фаннӣ ва аз худ намудани усулҳои ҷамъбасткунӣ нигаронида шудааст.

Дар омӯзиш мунтазам ворид намудани алоқаҳои байнифаннӣ ба истифодаи амалии донишҳо ва маҳорат таъсири мусбат мерасонанд. Ин ба рушди фикри толибилмон ва ташаккулёбии рағбати дарккунӣ мусоидат менамояд. Фаъолият дар асоси алоқаҳои байнифаннӣ вобастагии устуворро ба вуҷуд меорад: васеъгии шавқ ба омӯзиш-талабот ба дарки алоқаҳои байнифаннӣ-муносибати эҷодӣ-маҳорати фикрронии бонизом-мустақилияти дарккунии толибилм.

Ба раванди таълим ворид намудани алоқаҳои байнифаннӣ, ҳамчун омили шавқи дарк намудан, дигар омилҳоро сифатан беҳтар менамояд. Ин аз он сабаб ба амал меояд, ки раванди таълим системае мебошад, ки ҷузъҳои таркибиаш ба якдигар алоқаманд буда, тағйирёбии яке аз онҳо ин алоқаро вайрон мекунад ва зарурати муносибати бонизом барои ташкили тамоми раванд ба амал меояд. Ба мундариҷаи дарс ворид намудани алоқаи байнифаннӣ навигарии онро пурзӯр намуда, азнавкунии маводи аллакай маълумро водор менамояд, донишҳои нав ва пешинаро дар система муттаҳид менамояд. Алоқаи фанҳои наздик имконият медиҳад, ки донишҷӯ ба моҳияти фанҳо чуқуртар сарфаҳм равад. Масалан, дар равандҳои биологӣ алоқаҳои сababӣ-натиҷавӣ, физикӣ-химиявиро кушояд. Ин имконият медиҳад, ки таърихи илм, усулҳо ва муваффақиятҳои илмҳое, ки якҷояшавии донишҳо ва муносибати системавиро ба дарккунӣ пурзӯр менамоянд, пурратар нишон дода шавад. Алоқаҳои байнифаннӣ мундариҷаи дарсҳоро мустаҳкам намуда, раванди азхудкунии донишҳоро, ки мунтазам истифода мешаванд, фаъол менамояд. Зарурати амалӣ ва фоиданокии донишҳо аз рӯи тамоми фанҳо аён мегардад.

Алоқаи байнифаннӣ тамоми омилҳои рағбатро ба омӯзиш ба кор медарорад: проблемавӣ баён намудан; ҷузъҳои тадқиқотӣ ва эҷодӣ; гуногунии шаклҳои кори мустақилонаю аз худ намудани маҳоратҳои нав [2, 110].

Дар раванди ташаккулёбии рағбати донишҷӯён ба омӯзиш алоқаҳои байнифаннӣ вазифаҳои гуногунро иҷро менамояд. Пеш аз ҳама, онҳо ҳамчун омили рағбати донишҷӯён ба дарсҳо мегарданд.

Фаъолияти таълимӣ бо такя ба алоқаҳои байнифаннӣ рағбатро ба дарсҳо бедор менамояд ва шарти пайдоиш дар асоси алоқаҳои байнифаннии биология бо таърих, география, ҷамъиятшиносӣ мешаванд.

Ҳамин тавр, омӯзиш дар асоси алоқаҳои байнифаннии ҳаматарафа, ҷаҳонбинии устувори васеъро тарбия менамояд, ки барои рушди ҳамаҷонибаи шахсияти донишҷӯёни курсҳои поёнӣ арзишманд аст.

Хусусияти ҷаҳонбинии рағбати дарккунӣ кӯшиши донишҷӯ ба фаҳмидан ва асоснок намудани алоқаҳое мебошад, ки муносибати «шахсият ва ҷомеа», «табиат ва ҷомеа», «инсон ва меҳнат»-ро маънидод менамоянд. Раванди тарбияи ҷаҳонбинӣ марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад:

1. Бедоркунии шавқу ҳаваси ба алоқаи байнифаннӣ такянамоӣ дар азхудкунии ақидаҳои ҷаҳонбинии умумифаннӣ:

2. Рушд ва тавсеаи рағбат ба омӯхтани ақидаҳои ҷаҳонбинӣ, тарбияи мустақилияти донишандӯзӣ дар вақти ҳалли масъалаҳои байнифаннӣ:

3. Устуворкунӣ ва васеъкунии рағбат ба масъалаҳои ҷаҳонбинӣ дар раванди рушди фаъолнокӣ ва фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён.

Рушди мустақилияти омӯхтани донишҷӯёни курсҳои болоӣ ба фаъолият дар асоси алоқаҳои банифаннӣ дар алоқаи зич ба тарбияи ҷаҳонбинӣ ба амал меояд.

Фанни химия барои ноил шудан ба мақсадҳояш аз дастовардҳои дигар илмҳо, алалхусус физика ва математика истифода мебарад. Тавассути ададҳо хосияти бисёр моддаҳо ва бузургиҳои химиявӣ ифода мешаванд. Барои тасвири моддаҳо ва реаксияҳо назарияҳои физикӣ истифода мешаванд, ки дар онҳо нақши математика чунон бузург аст, ки гоҳо физикӣ ё математикӣ будани онро фаҳмидан мушкил аст.

Математика дар химия барои ҳалли бисёр масъалаҳо васеъ истифода мешавад. Ягон қисмати математикаро номбар кардан мушкил аст, ки дар химия истифода нашавад. Таҳлили функсионалӣ ва назарияи гурӯҳҳо дар химияи квантӣ, назарияи эҳтимолият, усулҳои топологӣ, муодилаҳои дифференсиалӣ дар термодинамикаи химиявӣ, муодилаҳои дифференсиалӣ дар кинетикаи химиявӣ истифода мешаванд. Дар бисёр мақолаҳои илмӣ муодилаҳои математикӣ фаровонанд.

Муодила ва усулҳои математикии дар химия истифодашаванда на бо бузургиҳои назариявӣ, балки бо хосиятҳои мушаххаси атомҳо ва молекулаҳое алоқаманд аст, ки ба маҳдудиятҳои табиӣ итоат менамоянд. Гоҳо ин маҳдудиятҳо хеле қатъӣ мебошанд ва боиси танг шудани миқдори ҳалли имконпазири муодилаҳои математикӣ мегарданд. Яъне, муодилаҳои математикие, ки дар химия, инчунин дар ҳалли масъалаҳои химиявӣ истифода мешаванд, бояд маънои химиявӣ дошта бошанд [1, 749].

Масалан, муодилаи 12x+y=16-ро муоина менамоем. Дар математика ин муодила хати ростро дар ҳамворӣ тасвир менамояд. Ин муодила ҳалли бисёр дорад, аз он ҷумла ададҳои бутун. Лекин дар химия ифодаи 12x+y массаи молекулавии карбогидриди $C_xH_y$ (12 массаи атомии карбон, 1 массаи атомии гидроген)-ро ифода мекунад. Массаи молекулавии 16-ро карбогидриди ягона-метан $CH_4$ дорад, бинобар ин фақат як ҳалли муодилаи мазкур (x=1, y=4) маънои химиявӣ дорад.

Яке аз мафҳумҳои асосии химия валентнокӣ, яъне адади алоқаҳои химиявӣ мебошад, ки атоми мазкур бо дигар атомҳо пайваст шудааст.

Валентнокӣ қариб доимо адади бутуни мусбат мебошад. Масалан, карбон дар пайвастагиҳои органикӣ қариб ҳама вақт чорвалента мебошад. Ин ба формулаҳои химиявӣ баъзе маҳдудиятҳо дохил менамояд. Масалан, адади атомҳои гидроген дар тамоми карбогидридҳо ҷуфт мебошад.

Миқдори умумии валентнокии карбон дар молекулаи $C_nH_x$ баробари 4n мебошад, зеро ҳар кадом атоми карбон чорвалента мебошад. Атомҳои карбон байни ҳамдигар ва бо атомҳои гидроген пайваст шудаанд. Адади хурдтарини атомҳои С-С ба (n-1) баробар аст. Ин барои он зарур аст, ки устухонбандии карбон канда нашавад. Дар ҳар кадом чунин алоқа ду атоми карбон иштирок менамояд, бинобар ин адади валентнокие, ки барои банди С-С сарф мешавад, баробари 2 (n-1) аст. Боқимонда 4n-2(n-1)=4n-2n+2=2n+2 валентнокӣ барои алоқаи С-Н сарф мешаванд. Гидроген яквалента мебошад, бинобар ин адади атомҳои гидроген ба адади бандҳои С-Н баробар мешавад: x= 2n +2.

Бисёр бузургиҳои физикие, ки барои тасвири моддаҳо ва реаксияҳои химиявӣ истифода мешаванд, танҳо қимати мусбат гирифта метавонанд (масса, ҳаҷм, консентратсия, суръати реаксия ва ғайра).

Бештар лозим мешавад, ки таркиби омехтаи мувозинатӣ муайян карда шавад. Дар ин ҳолат муодилаҳои бисёраъзогӣ нисбати ҳиссаи мубаддалшавии моддаҳои аввал ба маҳсулот ба вуҷуд меоянд. Мувофиқи теоремаи алгебра бисёраъзогии дараҷаи n-ум n реша дорад. Лекин дар тамоми муодилаҳое, ки дар химия ба вуҷуд меоянд, фақат як реша маънои химиявӣ дорад.

Чунин мисолро дида мебароем. Омехтаи нитроген ва гидрогенро дар таносуби 1:3 то барқарор шудани мувозинат гарм менамоем. Агар доимии мувозинат дар ҳолати мувозинатӣ дар ҳарорати ниҳоии омехта ва фишори 100 атм ба $5{\cdot}10^{-6}$ баробар бошад, ҳиссаи моддаҳои авваларо, ки ба аммиак мубаддал шудааст, ҳисоб менамоем.

Муодилаи реакияро менависем:

$$N_2+3H_2 \rightleftarrows 2NH_3$$

Ҷадвал тартиб дода, дар он миқдори моддаҳоро то реаксия, миқдори моддаҳои ба реаксия дохилшуда ва пас аз реаксияро нишон медиҳем. Ҳиссаи нитрогени ба реаксия дохилшударо бо x ишора менамоем.

| Миқдори моддаҳо, мол | $N_2$ | $H_2$ | $NH_3$ | ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|
| Таркиби аввала | 1 | 3 | 0 | |
| Ба реаксия дохилшуда | x | 3x | 2x | |
| Таркиби мувозинатӣ | 1-x | 3-3x | 2x | 4-2x |

Номаълуми x аз муодилае муайян карда мешавад, ки доимии мувозинат тавассути фишори газҳои дар омехта буда ифода карда шудааст.

$$K = \frac{P_{NH_3}^2}{P_N * P_{H_2}^3} = \frac{\left(\frac{2_x}{4-2_x} * P\right)^2}{\frac{1-x}{4-2_x} * P\left(\frac{3-3_x}{4-2_x}P\right)^3} = 5 * 10^{-6} = \frac{5}{10^6}$$

*Баробарии додашударо табдил дода ба намуди зерин меорем:*

$$\frac{\frac{4x^2}{(4-2_x)}*10^4}{\frac{1-x}{(4-2_x)^2}*10^2*\frac{27(1-x)^3}{(4-2_x)^3}*10^6}=\frac{5}{10^6}\rightarrow\frac{400_{x^2}}{(4-2_x)^2}\rightarrow\frac{(4-2_x)^2}{27(1-x)^4}=5;$$

$$\frac{80x^2[2(2-x)]^4}{27(1-x)^4}=1\rightarrow\frac{320x^2(2-x)^2}{27(1-x)^2}=1\rightarrow\frac{x^2(1+1-x)^2}{(1-x)^4}\frac{27}{320};$$

$$\frac{[1-(1-x)^2]*[1+(1-x)^2]}{(1-x)^4}=\frac{27}{320};$$

*Аз гузориши 1-x=t истифода мебарем:*

$$\frac{(1-t)^2*(1+t)^2}{t^4}=\frac{27}{320}\rightarrow\frac{[(1-t)(1+t)]^2}{t^4}=\frac{27}{320}\rightarrow\frac{(1-t^2)^2}{t^4}=\frac{27}{320}$$

$$320(1-2t^2+t^4)27t^4=0\rightarrow 320-640t^2+320t^4 27t^4=0$$
$$\rightarrow 293t^4-640t^2+320=0$$

*Барои ҳалли муодилаи биквадратӣ аз гузориши $t^2=p$ истифода намуда, онро ба муодилаи квадартӣ табдил медихем [3, 125];*

$$293p^2-640p+320=0$$

*Дискриминанти муодилаи квадратро меёбем:*

$$D=(-690)^2-4*293*320=409600-375040=34560$$

$$P_{1,2}=\frac{640\pm\sqrt{34560}}{586}=\frac{640\pm 185{,}9}{586}$$

*Аз ин ҷо:*

$$P_1=\frac{640+185{,}9}{586}=\frac{454{,}1}{586}=0{,}7749;P_2=\frac{640-185{,}9}{586}=\frac{825{,}9}{586}=1{,}409$$

*Қиматҳои бузургии t-ро аз баробарии* $t=\sqrt{p}$ *меёбем:*

$t_1=\sqrt{0{,}7749}\approx 0{,}8803$; $t_2=\sqrt{1{,}409}\approx 1{,}18701$;

Акнун аз гузориши x=1- t истифода намуда, қимати x-ро муайян мекунем: $x_1$=-0,187 $x_2$=0,12 $x_3$=1,88 $x_4$=2,19

Аз инҳо танҳо $x_2$ шарти консентратсияи мусбатро қаноат менамояд. Чунин натиҷа барои ҳисобкунии мувозинати химиявӣ хос аст. Муодила нисбати дараҷаи табдилёбии моддаҳои аввала ба маҳсулот чӣ қадаре мураккаб набошад ва чанд решае надошта бошад, танҳо як реша моҳияти химиявӣ дошта метавонад, яъне ба конснтратсияи мувозинатии мусбати тамоми моддаҳо меорад.

Дар мисоли овардашуда ҳиссаи моддҳои ба реаксия дохилшда 12 % - ро ташкил дод.

Дар химия ададҳои ғайриқиёсӣ (ирратсионалӣ) истифода намешаванд. Ададҳои ғайриқиёсӣ микдори аломатҳои дар навиштани даҳӣ доранд. Химия илми таҷрибавӣ буда, вай натиҷаҳои ченкуниро истифода менамояд, ки бо ададҳои бутун ё касрӣ ифода шуда, бо саҳеҳии охирнок ҳосил карда шудаанд. Ҳамчун қоида на зиёда аз чор рақами маънидор доранд. Масалан, дараҷаи инъикоси модда метавонад ба 1,414 на ба 2 $^{1/12}$ баробар бошад. Бинобар ин ададҳои доимии $\pi$ ва e, ки дар ҳисобкуниҳои химиявӣ тез-тез истифода мешаванд, то 3,14 ва 2,72 мувофиқан яклухт карда мешаванд.

Дар химия мафҳуми «беохирӣ» нест. Адади атомҳо дар қисмати мушоҳидашавандаи кайҳон хеле бузург аст, лекин охирнок, бинобар ин дар

табиат бузургиҳои бениҳоят беохир нест. Дар химия кадом ададҳои калонтарин истифода мешаванд? Адади атомҳо дар кайҳон ҳамчун $10^{80}$, дар рӯи замин-$10^{50}$ баҳогузорӣ мешаванд. Дар организми инсон миқдори атомҳо тақрибан $10^{27}$ мебошанд. Дар термодинамика адади усулҳои ҷойивазкунии молекулаҳои якхела дар қисми моддаи моеъ ба вуҷуд меояд, ки ба Ni баробар мешавад. Дар ин ҷо $N=10^{23}$

Ба монанди ҳамин, дар химия бузургиҳои бениҳоят хурд ҳам нестанд. Ҳар кадом бузургиҳои физикӣ - вақт, энергия, масса, масофа қимати охирноки хурдтарин доранд. Масалан, дар химия қимати хурдтарини вақт $10^{-14}$ сония мебошад, ки реаксияи аз хама тезтар гузарандаро дар байни тамоми реаксияхои имконпазир тасниф менамояд:

$H+H=H_2$

Ҳудуди поёнии масофа баробари $10^{-10}$ м, яъне андозаи атомҳо мебошад. Аз нуқтаи назари химия қимати аз ин хурдтарин маъно надорад.

Агар бузургиҳои бениҳоят хурд набошанд, он гоҳ ҷиддӣ гӯем, мафҳуми «ҳосила дар нуқта», ки ба нисбати афзоиши бениҳоят хурди функсия баробар мебошад,моҳияташро гум менамояд. Бо вуҷуди ин, дар химия ҳосила нақши калон дорад. Масалан, ҳосила аз рӯи ҳарорат, фишор ва ҳаҷм асоси дастгоҳҳои математикиро дар термодинамикаи химиявӣ ва ҳосила аз рӯи вақт дар кинетикаи химиявӣ ташкил медиҳад. Ин бо он алоқаманд аст, ки он саҳеҳии ченкуние, ки дар химия қабул шудааст, фарқи ҳосила аз нисбати афзоиши охирнок таҷрибавӣ мушоҳиданашаванда мебошад, яъне амалан ба сифр баробар мебошад.

$$f^{!}(t)-\frac{\Delta f}{\Delta t}\approx 0$$

Симметрия яке аз мафҳумҳои асосии илми муосир мебошад. Дар илмҳои табиатшиносӣ симметрия бетағйир мондан дар вақти ҳар гуна табдилдиҳӣ мебошад. Вобаста аз он ки кадом табдилдиҳиҳо объектро бетағйир (инвариант) нигоҳ медоранд, симметрияи он гуногун мешавад [3, 725]. Симметрия асоси қонунҳои табиатро, ба монанди қонуни бақои энергия ташкил медиҳад. Барои химия симметрияи фазоӣ (геометрӣ) нақши муҳим дорад. Амалан тамоми молекулаҳо ё симметрия, ё қисматҳои симметрияро зоҳир менамоянд.

Муоина менамоем, ки чӣ тавр бо ёрии симметрия сохти моддаро муайян кардан мумкин аст, агар формулаи молекулавии он маълум бошад.

Бензол яке аз моддаҳои химиявӣ буда, онро соли 1825 М. Фарадей аз моеъи равшанидиҳанда ҷудо намудааст. Ҳамон солҳо формулаи молекулавии бензол $C_6H_6$ муқаррар карда шуд, лекин сохти он вақтҳои дуру дароз номаълум буд. Ҳатто пас аз он ки чорвалента будани карбон ва ҳосил намудани бандҳои дучанда ва сечанда муқаррар гардид, нофаҳмо буд, ки чӣ тавр ва дар кадом пайдарпайӣ атомҳои карбон байни ҳамдигар пайваст шудаанд?

Муайян намудани миқдори имконпазири изомерҳои таркибаш $C_6H_6$ масъалаи математикӣ мебошад. Ҳалли он нишон дод, ки миқдори онҳо 217-то мебошанд. Бештари онҳо аз сабаби маҳдудияти фазои барои химия он қадар мароқангез нестанд. Лекин барои муайян намудани сохти бензол чунин масъаларо баррасӣ намудан аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Ба пораҳои CH чанд сохт ҷавобгӯ аст? Ин пора валентнокии 111 дорад. Бо шаш тарз, 6-то чунин пораҳоро байни якдигар пайваст намудан мумкин.

1. Асоси бензоли кекулевӣ, ки шашкунҷа аз атомҳои карбон аст, ки атомҳои карбон байни якдигар паи ҳам бо бандҳои якчанда ва дучанда пайваст шудаанд.
2. Бензоли дюарӣ, ки сохти бисиклӣ ва ду алоқаи дучандаи C=C дорад.

3. Бензоли Ладенбург (призман), ки қолаби карбони шакли призмаи секунҷаро дорад ва тамоми бандҳо дар молекула якчандаанд.

4. Бензвален, ки якчанд силсилаи карбонӣ-якто панҷузва ва дуто сеузва дорад.

5. Бисиклопропилен, ки аз ду пораи сиклии байни якдигар алоқамандшуда таркиб ёфтааст.

6. Бензоли гипотетикӣ (тахминӣ)-и Клаус.

Аз ин шаш сохт панҷтоашон дар шакли индивидуалӣ ҳосил карда шудаанд.

Чунончи, омехтаи бензоли дюарӣ, бензвален ва призман зери таъсири нурҳои ултрабунафш ҳосил мешаванд.

Акнун мебинем, ки кадом далелҳо имконият медиҳад бензолро бо формулаи Кекуле тасвир намоем. Адади назариявии имконпазири ҳосилаҳои бензолро мебинем, ки дар онҳо як ё якчанд атомҳои гидроген бо дигар атомҳо ё гурӯҳи атомҳо (бо R ишора менамоем) иваз шудаанд. Таҷрибавӣ муайян шудааст, ки барои ҳар кадом R танҳо як ҳосилаи якивазшуда $C_6H_5R$ ва 3 ҳосилаи дуивазшуда $C_6H_5R_2$ мавҷуд мебошанд.

Мавҷудияти танҳо якто ҳосилаи якивазшуда нишон медиҳад, ки тамоми атомҳои карбон дар $C_6H_6$ сохтори баробар доранд. Ин шартро танҳо сохти бензолҳое, ки Кекуле ва Ладенбург пешниҳод кардаанд, қаноат мекунонанд. Бо сабаби симметрия се сохти ҳосилаи якивазшуда як моддаро тасвир менамояд. Акнун адади назариявии дуивазшудаи $C_6H_5R_2$ –ро муайян менамоем. Илова намудани R-дуюм ба молекулаи $C_6H_5R$ ба 3-то дуивазшуда: орто-, пара-ва мета-изомерҳо меорад.

Яке аз дуивазшудаи призман асиметрияи оинагӣ мебошад. Вале дар бензоли Кекуле ва ҳосилаҳои он изомерҳои оптикӣ вуҷуд надоранд, чунки молекулаи бензол ҳамвор буда, ҳосилаҳои он сатҳи симметрия доранд, ки аз байни атомҳои карбон мегузаранд.

Ҳамин тавр, сохти ягонае, ки далелҳои таҷрибавиро оид ба ҳосилаҳои як ва дуивазшуда қаноат менамоянд, бензоли Кекуле мебошад.

Мисолҳои мо муоинанамуда оид ба масъалаҳои химиявие, ки бо ёрии математика ҳал мешаванд, тасаввуроти муайян, гарчанде нопурра медиҳанд.

Ҳамкории химия ва математикаро баррасӣ намуда, ошкор намудан мумкин, ки математика дар рушди консепсияҳои назариявӣ ва дастгоҳҳои тадқиқотӣ дар химия мавқеи муҳим дорад.

Барои аз ин гуфтаҳо хулосаи умумӣ баровардан бояд муқаррар намоем, ки математика яке аз паҳлуҳои раванди умумии таърихӣ буда, боиси муттаҳидшавӣ ва васеъшавии олами муосир мегардад.

Математика дар миқёси калон ва босамар ба химия мудохила менамояд. Математика моҳияти қонуниятҳои миқдории химияро бо амалиётҳои мукаммали омӯзишӣ таъмин менамояд.

**Адабиёт**


1. Даниэлс Ф. Физическая химия: учебник / Ф. Даниэлс, Р. Альберти - М.: Мир, 1970. - 783 с.
2. Кабиров А.Т. Формирование научного мировоззрения и творческого математического мышления учащихся. / А.Т. Кабиров. – Душанбе: Олами китоб, 120 с.
3. Маҳкамов М. Методҳои ҳалли муодилаҳои ратсионалӣ / М. Маҳкамов. - Душанбе: Маориф, 2015. - 184с.
4. Маҳмадмуродов А. Робитаи физика бо химия. / А. Маҳмадмуродов, Б.А. Қодиров, М. Маҳмадмуродов // Маводи конфронси ҷумҳуриявӣ «Проблемаҳои муосири илмҳои табиӣ-математикӣ ва тайёрии касбӣ-методии муаллимон». – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2009. С. 118-120.
5. Свиридов В.В. Концепции современного естествознания: учебное пособие / В.В. Свиридов. - Москва, 2005. - 240 с.
6. Харгиттаи И. Симметрия глазами химика./ И Харгиттаи, М. Харгиттаи, - М.: Мир, 1989. - 96 с.

УДК.37.013.75+004.432

# НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ОБУЧЕНИЯ ОБЪЕКТНО-ОРИЕНТИРОВАННОМУ ПРОГРАММИРОВАНИЮ В ВУЗАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Мараджабов Собирджон Исоматович*** *– кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры прикладной информатики в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14, E-mail: sobir-tj@mail.ru, Тел.:(+992) 93-444-44-21.*

*В статье проведен общий анализ вопросов обучения объектно-ориентированному программированию в вузах. Показаны основные проблемы в этом направлении, которые снижают эффективность обучения программированию, в том числе объектно-ориентированного программирования и тормозят развитие алгоритмического мышления студентов вузов. К этим недостаткам можно отнести слабую технологическую поддержку учебных дисциплин. Приведены основные пути решения существующих проблем, чтобы повысить эффективность обучения объектно-ориентированному программированию и развитие алгоритмического мышления студентов.*

***Ключевые слова:*** *обучение, технологии обучения, программирование, язык программирования, объектно-ориентированное программирование, методы обучения программированию, вопросы обучения программированию, алгоритмическое мышление.*

## *БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ОМӮЗИШИ БАРНОМАСОЗИИ ОБЪЕКТНИГАРОНИДАШУДА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

***Марაҷабов Собирҷон Исоматович*** *– номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ул. Нахимов 64/14, E-mail: sobir-tj@mail.ru, Тел.:(+992) 93-444-44-21.*

*Дар ин мақола таҳлили умумии проблемаҳои омӯзиши барномасозии объектнигаронидашуда дар мактабҳои олӣ оварда шудааст. Проблемаҳои асосии дар ин самт мавҷудбуда зикр шудааст, ки онҳо барои самаранокии омӯзиши барномасозӣ, аз ҷумла барномасозии объектнигаронидашударо паст мегардонанд ва барои рушди фикрронии алгоритмии донишҷӯён халал мерасонанд. Ба сифати мисоли ин камбудиҳо, суст будани таъминоти технологию методии фанҳои таълимиро овардан мумкин аст. Инчунин, барои баланд бардоштани самаранокии омӯзиши барномасозии объектнигаронидашуда ва рушди фикрронии алгоритмии донишҷӯён роҳҳои ҳалли проблемаҳои мавҷуда оварда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *омӯзиш, технологияҳои омӯзиш, барномасозӣ, забони барномасозӣ, барномасозии объектнигаронидашуда, усулҳои омӯзиши барномасозӣ, проблемаҳои омӯзиши барномасозӣ, фикрронии алгоритмӣ.*

## *SOME QUESTIONS OF TEACHING OBJECT-ORIENTED PROGRAMMING IN HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN*

***Marajabov Sobirjon Isomatovich*** *- candidate of pedagogical sciences, senior lecturer, department of applied informatics in economics, the Tajik State University of Finance and Economics. 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimova str. 64/14, E-mail: sobir-tj@mail.ru. Phone:(+992) 93-444-44-21*

*It is paper the general analysis of the approaches to the teaching of object-oriented programming at the university level has been conducted. The main problems in this direction are shown, which reduce the effectiveness of teaching programming, including object-oriented programming and inhibit the development of algorithmic thinking of university students. These disadvantages include weak technological support for academic disciplines. The main ways to solve existing problems to improve the effectiveness of teaching object-oriented programming and the development of students' algorithmic thinking are presented.*

***Keywords:*** *teaching, teaching technologies, programming, programming language, object-oriented programming, methods of training, problems in teaching programming, problems in teaching programming, algorithmic thinking.*

«Образование - это свет, который показывает человечество в правильном направлении. Цель образования заключается не только в том, чтобы сделать студента грамотным, но и добавить разумное мышление, знания и самодостаточность. Когда есть желание измениться, есть надежда на прогресс в любой области человеческой деятельности» [6].

На современном этапе особое влияние на развитие общества оказывают информационно-коммуникационные и компьютерные технологии, без которых уже нельзя представить любую отрасль человеческой деятельности, и которые распространяют информационные потоки, образуя глобальное информационное пространство. Неотъемлемой и важной частью этих процессов является компьютеризация образования. Время от времени этот процесс приведет к повышению эффективного обучения и качеству образования по различным дисциплинам, в том числе алгоритмизации и программирования.

Сегодня методология объектно-ориентированного программирования становится одной из центральных в подготовке будущих специалистов в области информационно-коммуникационных технологий, не только в вузах Республики Таджикистан, но и в вузах других стран.

Имеется много работ [1, 2, 5], в которых проводились педагогические исследования по методике обучения объектно-ориентированным языкам программирования высокого уровня в курсах общего среднего образования. Однако, имеется существенный пробел в вопросах методики обучения объектно-ориентированным языкам программирования в вузах, чувствуется недостаток методической поддержки учебных курсов [4].

Во многих вузах Таджикистана имеются специальности в области информационно-коммуникационных и компьютерных технологий, содержание обучения которых включает в себя учебные дисциплины по алгоритмизации и программированию, в частности объектно-ориентированному программированию.

В большинстве вузов республики студенты изучают алгоритмизацию и объектно-ориентированные языки программирования в рамках учебной дисциплины «Информатика» (с 2016 года дисциплина «Информатика» переименована в «Информационные технологии»). В рабочей программе учебной дисциплины «Информационные технологии» приведены такие темы, как «Основы алгоритмизации» и «Программирование на языках высокого уровня». Однако отметим, что во многих вузах во время проведения занятий информационного цикла, важнейшие темы дисциплины «Информационные технологии» - основы алгоритмизации и программирования - просто напросто пропускаются.

Изучение программирования в вузах Таджикистана на всех специальностях информационно-коммуникационного и компьютерного направления, начинается с изучения истории развития программирования, основ алгоритмов и алгоритмизации при решении практических задач.

При изучении перечисленных дисциплин преподаватель на свое усмотрение выбирает изучаемый язык программирования (C++, C#, Visual Basic, Java, Delphi и др.). Однако, в некоторых курсах по изучению программирования, язык программирования определяется и утверждается заранее, потому что такого рода учебные курсы являются обязательными и приведены в программе специальности.

Большинство преподавателей, преподающих объектно-ориентированные языки программирования, используют для преподавания собственные авторские учебные программы, содержание которых иногда достаточно сильно отличаются друг от друга. Такие различия в содержании учебных программ по обучению программированию имеют место в учебных планах вузов из-за разного количества кредитов.

Практика обучения программированию, особенно объектно-ориентированному программированию, в вузах нашей республики из года в год развивается, и существующие недостатки в этом направлении со временем устраняются. Можно считать, что объектно-ориентированное программирование и проектирование должны стать неотъемлемой частью вузовских учебных программ на всех специальностях информационно-коммуникационных и компьютерных технологий. Кроме того, в содержание обучения обязательной дисциплины «Информационные технологии» для всех специальностей в вузах должно быть включено изучение объектно-ориентированного программирования и проектирования в качестве отдельной темы - «Алгоритмизация и программирование».

Несмотря на успехи при обучении программированию, в частности объектно-ориентированному программированию, в вузах Республики Таджикистан до сих пор существуют определенные проблемы в этом направлении, которые снижают эффективность обучения программированию и тормозят развитие алгоритмического мышления студентов.

К их числу можно причислить следующие проблемы:

–недостаточное количество выделяемых часом (кредитов) по дисциплинам программирования;

–нехватка высококвалифицированных преподавателей (специалистов) в вузах по данным дисциплинам;

–неправильное использование методов обучения объектно-ориентированному программированию.

–использование несоответствующих систем проверки и контроля знаний студентов в вузах и т.д.

Можно раскрыть вышеприведённые проблемы:

1. В некоторых вузах изучению программирования отведено малое количество часов. Это заметно по содержанию учебных планов и программ. Из-за малого количества часов сокращен перечень тем, а некоторые важные темы вообще отсутствуют. Например, в учебных программах некоторых курсов по программированию на языке C++ не существует темы «Функции», которая является важным компонентом языка программирования C++ и данный компонент эффективно используется при решении различного класса задач.

2. Изучению языка программирования в некоторых вузах выделено только два или три кредита. Программирование является сложной интеллектуальной деятельностью, оно позволяет развивать и совершенствовать логическое и алгоритмическое мышление студентов, учит планировать действия и предвидеть их последствия, четко и ясно выражать свои мысли и т.д. Поэтому, этого объема не хватает для полного и эффективного изучения курсов по алгоритмизации и языков программирования. Для тщательного изучения каждой отдельной темы и каждого

компонента языка программирования необходимо решить по несколько различных задач.

3. В вузах не хватают опытные и высококвалифицированные преподаватели в области объектно-ориентированного программирования, чтобы студенты получили эффективное и качественное образование по данному направлению. Опыт самого преподавателя, его талант и профессионализм, также считается один из важных факторов, влияющий на качество и эффективности обучения.

4. Задачи для поверки и контроля уровня знаний и усвоения учебного материала студентов после обучения объектно-ориентированным курсам программирования тоже является обязательным. Для таких проверок обычно используют соответствующие системы проверки, различные тесты и экзаменационные вопросы.

«Система контроля - важный компонент любой технологии обучения, в том числе кредитного обучения. При этом, можно прибегнуть к одному из современных методов обучения – дистанционному. Система контроля требует значительного обновления и развития таких способов и средств оценивания учебных достижений студентов, которые бы обеспечивали объективной и сопоставимой информацией всех участников учебного процесса» [3, 51].

Для проверки знаний студентов по объектно-ориентированному программированию преподаватель на практике должен использовать как традиционные методы проверки знаний, например, ручная проверка программ, заданных студентам задач, так и проведение различных видов тестов. Кроме того, в ходе занятий (лекционных, практических и лабораторных) нужно анализировать, как компилируются их программы, правильно ли работают или нет, какие результаты получены студентами и т.д. Следует отметить, что путем тестирования практически невозможно проверить эти шаги программирования.

При обучении технологиям программирования языка С++ нами было обнаружено, что существует необходимость совершенствования некоторых элементов обучения. К примеру, проведение экзаменов по системам тестирования. Следует отметить, что данная проблема имеет место быть во многих вузах нашей республики.

Анализ теории и практики обучения языкам программирования показывает, что методы и подходы обучения различным языкам программирования всегда требуют совершенствования. Это связано с тем, что каждый год появляются новые языки программирования, и существующие методы обучения не могут охватить в полной мере подходы к изучению новых элементов языка и среды программирования. В связи с этим, обучение объектно-ориентированному программированию также требует новых содержания и технологий обучения, и если еще при этом развивать алгоритмическое мышление студентов, то, в конечном счете, это приведет к эффективному результату обучения.

На сегодняшний день в области программирования наиболее эффективным направлением является объектно-ориентированное программирование. Оно широко используется в различных сферах для создания программных продуктов и решений и поэтому изучается почти во всех вузах. Объектно-ориентированное программирование поддерживает прежние концепции программирования и методы решения задач и проблем, которые лишь недавно были включены в содержание учебных программ: программирование в командах, обслуживание больших систем и повторного использования программного обеспечения. Объектно-ориентированное программирование является оптимальным инструментом для обучения программированию, однако обучение ему остается сложной и трудоемкой работой.

«Объектно-ориентированное программирование является основной парадигмой, которая формирует образ мышления будущего программиста, и в первую очередь, - как отобразить проблему в виде алгоритмической модели. Алгоритм является тем базисом, который определяет структуру не только больших и сложных, но и простых программ» [3, 52].

Обучение студентов объектно-ориентированному программированию и при этом развитие их алгоритмического мышления является непростой задачей. Но можно эту трудную задачу облегчить в процессе обучения, путем построения алгоритмов при решении большого количество задач с использованием основных конструкций алгоритма. Потому что, когда студенты вовремя изучения программирования и решения задач разного уровня сложности используют все способы описания алгоритмов, то это развивает у них алгоритмическое мышление. В будущем данный стиль мышления поможет студентам не только в решении задач по программированию, но и схематичному решению задач из различных областей человеческой деятельности.

**Литература**


1. Лапчик М.П. Методика преподавания информатики: учеб. пособие для студ. пед. вузов / М.П. Лапчик, И.Г. Семакин, Е.К. Хеннер / Под общей ред. М. П. Лапчика. - М.: Издательский центр «Академия», 2001. - 624с.
2. Лапчик М.П. Теория и методика обучения информатике: учебник / М.П. Лапчик, И.Г. Семакин, Е.К. Хеннер, М.И. Рагулина и др./ под ред. М.П. Лапчика. – М.: Издательский центр «Академия», 2008. – 592 с.
3. Мараджабов С.И. Развитие алгоритмического мышления студентов вузов в процессе обучения объектно-ориентированному программированию: дисс. … канд. пед. наук. / С.И.Мараджабов. – Душанбе, 2018. - 146 с.
4. Мараджабов С.И. Вопросы методики обучения объектно-ориентированному программированию (ООП) в вузах / С.И. Мараджабов // Вестник таджикского национального университета. Серия естественных наук. - Душанбе: Сино, 2013. - № 1/1 (102). - С. 19-23.
5. Саблукова Н.Г. Методические подходы к обучению программированию в визуальных средах в условиях дополнительного образования: дисс. … канд. пед. наук. / Н.Г. Саблукова. - М., 2012. - 174 с.
6. Innovative Methods of Teaching, Dr. Damodharan V. S. ACCA, AICWA and Mr. Rengarajan.V AICWA (Перевод с английского). [Электронный ресурс]. http://math.arizona.edu/~atp-mena/conference/proceedings/Damodharan_Innovative_Methods.pdf (дата обращения: 21.09.2017).


---


УДК – 336


# УҲДАДОРИИ СОҲИБКОРИ ИНФИРОДӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ


***Ҳаитов Саидалӣ Поргиевич***, *н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: (+992) 901-03-01-64, E-mail: saidali.66@list.ru*

***Мирзоев Ҳокимҷон***, *магистранти курси 2-юми ихтисоси ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: (+992) 907-32-13-21*



*Дар мақола таҳқиқи уҳдадории соҳибкори инфиродӣ, мушкилот дар самти фаъолияти соҳибкори инфиродӣ, рушди соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ баррасӣ гардидааст. Муаллифон кӯшиш намудаанд мушкилотеро, ки дар самти фаъолияти соҳибкори инфиродӣ то ҳол вуҷуд дорад, баррасӣ намуда, роҳҳои раҳоӣ аз ин мушкилотро қадри имкон пешниҳод кардаанд.*



***Калидвожаҳо:*** *соҳибкор, уҳдадории соҳибкорӣ, танзими давлатии соҳибкорӣ, фаъолияти интеллектуалӣ, манбаъҳои иқтисодӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳо, уҳдадории фаъол ва ғайрифаъол.*


## *ОБЯЗАТЕЛЬСТВО ИНДИВИДУАЛЬНОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЯ В ОБЩЕСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЯХ*


***Хаитов Саидали Поргиевич*** - *к.ю.н., доцент кафедры финансово–экономического права Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: (+992) 901-03-01-64, E-saidali.66@list.ru*

***Мирзоев Хокимджон*** - *магистрант 2-го курса по специальности экономическое право Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: (+992) 907-32-13-21*

*В статье рассмотрены обязательства индивидуального предпринимателя, проблемы, возникающие в области развития индивидуального предпринимательства в Республике Таджикистан и пути решения проблем в общественных отношениях. Авторы постарались проанализировать те трудности, которые имеются в этой сфере обязательств индивидуального предпринимателя в общественных отношениях и по мере возможностей указали некоторые пути их решения.*

***Ключевые слова:*** *бизнесмен, деловое обязательство, государственное регулирование предпринимательства, интеллектуальная деятельность, экономические различия, права и обязанности, активные и неадекватные ответственности.*

## *THE OBLIGATION OF AN INDIVIDUAL ENTREPRENEUR IN THE FIELD OF PUBLIC RELATIONS*

***Haitov Saidali Porgievich,*** *candidate low, dotsent of Economic low deportment and finance, Tajik Stote Yniversity of Finance and Economics. Address: Republic of Tajikistan, city Dushanbe, Nakhimova Str. 64/14. Phone: (+992) 901030164, E- saidali.66@list.ru*

***Mirzoev Hokimjon****, the second year magistrant of the Tajik state university of finance and economics. Address: Republic of Tajikistan, city Dushanbe, Nakhimova Str. 64/14. Phone: (+992) 907-32-13-21*

*In the article is given analyses and considered the obligations of the individual entrepreneur, the problem of development of individual entrepreneurship in the Republic of Tajikistan and also the ways to solve their problems in the field of public relations. For the development of the national economy, we need to eliminate the problems that are happening in the business. In the article, we have tried to find out whether the problem is experienced in the business of an individual entrepreneur.*

***Keywords:*** *businessman, business commitment, state regulation of entrepreneurship, intellectual activity, economic differences, rights and obligations, active and inadequate responsibility.*

Рушди устувори соҳибкорӣ кафолати инкишофи боэътимоди иқтисодиёт ва паст гардидани шиддати таъсири бӯҳрон буда, барои афзун шудани буҷети давлатӣ хуб мусоидат мекунад. Чӣ тавре аз маъхазҳои илмӣ бармеояд, соҳибкорӣ ҳамчун қувваи пешбаранда, неруи созанда ва муҳаррики иқтисодиёт эътироф шудааст. Соҳибкорӣ дар шароити бозор ба дараҷаи қонеъгардонии талаботи он, дар истеҳсолот ҷорӣ намудани навигариҳои илмӣ-техникӣ, ташкилию технологӣ ва рушди устувори иқтисодӣ вобастагӣ дорад.

Таҷрибаи имрӯза нишон медиҳад, ки фаъолияти соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда то андозае дар рушди иқтисодиёт ва зиёд гардонидани буҷети мамлакат саҳм гузошта истодааст.

Дар давраи пешбурди тадқиқот вобаста ба мавзӯи матраҳшаванда муайян гардид, ки соҳибкорӣ дар худ беҳтарин хусусиятҳо ва бартариятҳои иқтисодиро дар муносибатҳои бозорӣ таҷассум намуда, яке аз омилҳои муҳимтарини зиёд шудани суръати рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат мебошад.

Агар мо имрӯз ба рушди инкишофи давлатҳо назар намоем, дар он давлатҳо ташкили корхонаҳои хурду миёна ва дар ин раванд дастгирии соҳибкорони инфиродӣ зиёд ба назар мерасад. Албатта, ташкил ва фаъолияти соҳибкории инфиродӣ барои афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва даромади миллӣ хеле зарур мебошад.

Пеш аз он ки ба ӯҳдадории соҳибкор назар афканем, сараввал ба мафҳуми соҳибкор аҳамият додан зарур аст, ки дар адабиёти илмӣ–ҳуқуқии кишвар олимони ватанӣ чӣ тавр мафҳуми онро баррасӣ намуда, хусусияти онро чӣ гуна тавсиф намудаанд.

Бояд қайд намуд, ки дар осори илмии миллӣ уҳдадории соҳибкор чунин дарҷ шудааст: «Соҳибкорӣ, сардори кор, хӯҷаин, он ки кореро ба роҳ мемонад, уҳдадори иҷрои чизеро ё кореро ба зимма гирифтан омадааст» [1, 296]. Аз мафҳуми додашуда бармеояд, ки соҳибкор ин шахсе мебошад, ки ба фаъолияти мустақили худ амал карда, бо тартиби муқарраркардаи қонун аз қайд мегузарад ва ҳуқуқу уҳдадориҳои дар назди худ гузоштаро иҷро мекунад ва аз фаъолияташ фоида ба даст меорад. Гуфтан ҷоиз аст, ки соҳибкор вазифадор аст аз фаъолияти бароҳмондааш тамоми уҳдадории дар назди худ доштаро бояд иҷро кунад. Соҳибкорӣ, феълан, ин фаъолияти интеллектуалии як фард ё гурӯҳи одамони хеле ҷасур, чолок ва ташаббускор аст, ки ҳамаи маблағу захираҳои иқтисодии дар ихтиёрбударо танҳо бо мақсади дар амал ба роҳ мондани кори тиҷорат оқилона истифода мебаранд.

Соҳибкории инфиродӣ хусусияте дорад, ки ояндаи иқтисодии фарди алоҳида, корхона, соҳа ва ҳатто иқтисодиёти мамлакатро метавонад тағйир диҳад.

Мувофиқи муқаррароти моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкориро барои ҳар як шахс дар ҳудуди Тоҷикистон кафолат медиҳад. Аз муқаррароти моддаи мазкур бармеояд, ки ҳар як шахс дар доираи қобилияту малакаи шахсӣ ва молиявӣ метавонад ба ягон намуди фаъолияти соҳибкорӣ, ки қонунгузории давлат иҷозат додааст, машғул шавад.

Чӣ тавре ки дар моддаи 17 зербанди 17-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст: «Соҳибкори инфиродӣ – шахси воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ тибқи патент ё шаҳодатнома амалӣ менамояд, мебошад» [2, 23]. Яъне, аз ин бармеояд, ки соҳибкори инфиродӣ шахси воқеиро дар назар доранд, ки қобилияти пурраи амалкунӣ дорад ва аз қайди давлатӣ гузаштааст.

Афзалияти соҳибкори инфиродӣ дар он аст, ки вай дорои ҳамаи дастаи ҳуқуқ буда, мустақил масъалаҳои истеҳсолию хоҷагидориро ҳал мекунад.

Соҳибкорони инфиродӣ аз рӯйи уҳдадориҳое, ки дар худ доранд, ба тамоми дороии худ бояд масъул ва ҷавобгар бошанд. Дар асоси ҳуқуқҳо соҳибкор, дар навбати худ, дорои уҳдадориҳои муайян низ бояд бошад:

- соҳибкор уҳдадор аст нисбати истеъмолкунандагони мол, кор ва хизмат (талабот нисбати сифати хуб ва беҳтари маҳсулоти истеъмолкардашуда);
- умуман, нисбати ҷомеа (масалан, давлат уҳдадории соҳибкориро оид ба ҳифзи муҳити зист, оид ба коргар ва воридоти маҳсулот муқаррар намояд);
- нисбати кормандони кироя (соҳибкор уҳдадор аст, ки шароити беҳтари меҳнатро муҳайё намуда, музди корро пардохт кунад ва дар ҳолати озод кардани кормандон барояшон кумакпулӣ диҳад).

Дар муносибатҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ тарафҳои он ба ҳамдигар бо ҳуқуқу уҳдадориҳо алоқаманд мебошанд. Бояд гуфт, ки дар муносибатҳои уҳдадори кредиторон ва қарздорон иштирок мекунанд.

Нисбат ба уҳдадориҳои фаъолияти соҳибкорӣ муҳаққиқи тоҷик Ш.Қ.Ҳасанов чунин ибрози ақида намудааст: «Уҳдадориҳои фаъолияти соҳибкорӣ яке аз унсури муҳими муносибатҳои соҳибкорӣ пазируфта шудаанд» [3, 56]. Дар зери уҳдадориҳои субъектҳои соҳибкорӣ фаъолияти ҳатмӣ ва зарурӣ фаҳмида мешавад. Субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз иҷрои уҳдадориҳои ба зимма гузошташудаашон ҳуқуқи даст кашиданро надоранд, зеро кафолати таъмини ҳуқуқҳои субъективи соҳибкорӣ ба дараҷа ва иҷрои уҳдадорӣ вобастагии калон дорад.

Уҳдадориҳои субъекти фаъолияти соҳибкорро дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ду қисм ҷудо намудан мумкин аст:

Уҳдадории фаъол ва ғайрифаъол.

1. Уҳдадории фаъол таркибаш мураккаб аст, субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳамон вақт фоида ба даст меоранд, ки агар мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ ба талаботи бозор мувофиқ бошад ва бо риояи қонуниятҳои он пешбурди хоҷагидорӣ намояд, ё андозро сари вақт пардохта, уҳдадории шартномавиро сари вақт ба ҷо орад.

2. Уҳдадории ғайрифаъол таркибаш одӣ аст, зеро рафтори субъект худдорӣ намудан аз амалҳои зиддиқонун мебошад.

Ин усулҳои номбаршуда иҷрои уҳдадориҳоро ба манфиати тарафҳое, ки дар муносибатҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ бартарияти ҳуқуқӣ доранд, бештар мегардонад.

Уҳдадории субъекти фаъолияти соҳибкорӣ дар якчанд санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дарҷ шудаанд: қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.

Соҳибкориро ҳамчун рафтори иҷтимоӣ–иқтисодии фаъол ҳисобидан мумкин аст. Дар моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [4] баррасӣ шудааст, ки соҳибкор уҳдадор аст, ки:

- мутобиқи қонунгузории меҳнат бо шаҳрвандоне, ки онҳоро ба сифати коргари кироя ба кор мегирад, шартнома ва ҳамчунин бо талаботи коллективҳои меҳнатӣ шартномаи коллективӣ бандад;
- ба коргарони кироя на камтар аз андозаи ҳадди ақали муқаррарнамудаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маош диҳад;
- пардохти саривақтии андозҳо ва дигар уҳдадориҳои молиявии худро дар назди давлат ба иҷро расонад;
- дар бараи муфлисшавии худ ва имконнопазир будани адои уҳдадориҳо дар назди қарздиҳандагон арз намояд.

Дар ҷамъбасти мақола ба хулосаи зерин омадан имкон дорад, ки уҳдадории соҳибкории инфиродӣ бояд ба таври дахлдор, мутобиқи шартҳои уҳдадорӣ ва талаботи қонун, дигар асноди ҳуқуқӣ амалӣ карда шавад ва дар ҳолати набудани чунин шарт ва талабот мутобиқи анъанаҳои муомилоти корӣ ё талаботи муқаррарии пешниҳодгардида анҷом дода шавад.

Дар шароити имрӯза, аз нигоҳи мо, мушкилоте мавҷуданд, ки ба рушди фаъолияти соҳибкории инфиродӣ таъсир мерасонанд: гарони андоз, сатҳи пасти тараққиёт ва номукаммалии механизмҳои молиявӣ-қарзӣ ва суғуртаи таваккалии соҳибкорони инфиродӣ, сатҳи пасти касбият ва таҷрибаи ками соҳибкорон дар ташкили фаъолияти соҳибкории инфиродӣ. Аз ин хотир, барои дастгирии рушди баланди соҳибкории инфиродӣ, барои рушди иқтисоди миллӣ, ба ақидаи мо, якчанд ҳадафҳоро дар назар гирифтан лозим аст: боз ҳам зиёдтар намудани дастгир ва ҳимояи давлатиии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ оид ба имтиёзҳои андозӣ, гумрукӣ, қарздиҳӣ, суғурта. Таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои махсус барои рушди соҳибкории инфиродӣ. Зиёд намудани сатҳи ҳуқуқию иқтисодии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, агар ин ҳадафҳо ба назар гирифта шаванд, соҳибкори инфиродӣ уҳдадории худро иҷро карда, рушд меёбад.

Инчунин, қабули Кодекси соҳибкорӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 омӯзиши зарурат ва асоснокии таҳияи Кодекси соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар аст.

Дар анҷоми масъалаи мавриди назар илова кардан бамаврид аст, ки роҷеъ ба мавзӯи матраҳгардида, яъне соҳибкории инфиродӣ дар рӯзномаи "Минбари ҳуқуқшинос" таҳти унвони "Қабули кодекси соҳибкорӣ - тақозои замон" мақолаи устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон нашр гардидааст, ки дар воқеъ, омӯзиш ва амалнамоӣ аз рӯи он барои боз ҳам беҳтару муваффақтар ба роҳ мондан ва рушди ин соҳаи муҳим такони ҷиддӣ маҳсуб меёбад. Зеро аз рӯйи меъёрҳои муайяншуда кор гирифтан тақозои давру замони имрӯза мебошад ва ба ин васила метавонем дар тараққӣ ва вусъати ҳарчи бештари соҳаи иқтисодии кишвар саҳми босазо гузорем.

**Адабиёт**


1. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. / Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов. -Душанбе, 2010. –1095 с.
2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: "Шарқи озод", 2012. – 671с.
3. Ҳасанов Ш.Қ. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. / Ш.Қ. Ҳасанов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2012. -247с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» //Ахбороти Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014, № 7, қ. 2, мод.18.
5. Тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе: «Шарқи озод», 2012. -520 с.



УДК: 491.550+891.550-1


# ПАСВАНДҲОИ СИФАТСОЗ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ МАВЛОНО ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ


***Ҷиҳонова Гулҷаҳон Абдураҳмоновна*** *– унвонҷӯи кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, омӯзгори кафедраи амалия ва методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. E-mail: dzhikhonova@mail.ru. Телефон: (+992) 987-52-28-68*



*Дар ин мақола пасвандҳои сифатсоз дар ғазалиёти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва роҳҳои ифодаёбии онҳо мавриди таҳлили забонӣ қарор гирифтаанд ва муаллиф дар ин бобат доир ба пасвандҳои сифатсоз ва нақши онҳо дар калимасозӣ маълумоти беш овардааст.*



***Калидвожаҳо****: калимасозӣ, пасвандҳои сифатсоз, сифат, морфология, таҳлили морфологӣ, сохтор, пасванд, фаъол, камфаъол, таркиби луғавӣ.*


## *СУФФИКСЫ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В ГАЗЕЛЯХ ДЖАЛОЛИДДИНА БАЛХИ*


***Джихонова Гульджахон Абдурахмоновна*** *– соискатель кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета, преподаватель кафедры практики и методики обучения таджикского языка и литературы, Бохтарский государственный университет им. Н. Хусрава. E-mail: dzhikhonova@mail.ru. Телефон: (+992) 987-52-28-68*



*В статье автор анализирует вопрос об использовании суффиксов в прилагательных и пути их реализации в газелях Джалолиддина Балхи и приводит множество сведений о суффиксах прилагательных и их роли в словообразовании.*



***Ключевые слова****: словообразование, суффиксы прилагательных, имя прилагательное, морфология, морфологический анализ, структура, аффикс, активный, малоактивный, словарный состав.*


## *ADJECTIVE SUFFIXES IN GHAZALS OF JALOLIDDIN BALKHI*


***Jihonova Guljahon Abdurakhmonovna*** *- Tajik national University, graduate school of language history and typology, lecturer of Department of practice and methods of teaching Tajik language and literature of Bokhtar state University N. Khusrav. dzhikhonova@mail.ru. Tel.: (+992) 987-52-28-68*



*The author analyzes adjective suffixes and their ways of use in ghazals of Jaloliddin Balkhi. As well as in the given article are brought more information on adjective suffixes and their role in word formation.*



***Key words:*** *word-formation, adjective suffixes, adjective, morphology, morphological analyzes, structure, affix, active, inactive, word-stock.*


Калимасозӣ яке аз роҳҳои асосии такомули таркиби луғавии забони адабӣ ба шумор меравад. Ба туфайли калимасозӣ забон ашё, ҳодисаву воқеаҳо ва

мафҳумҳои навро ифода карда, мубодилаи афкори одамонро осон мегардонад, чунки дар натиҷаи калимасозӣ воҳидҳои нави лексикӣ-калимаҳо пайдо мешаванд. Забони адабии ҳозираи тоҷик меъёрҳо ва тарзҳои муайяни калимасозӣ дорад.

Тарзҳои калимасозии забони адабӣ то андозае устувор буда, дар садсолаҳо тағйир намеёбанд ва дар асоси ҳамин қолабҳо калимаҳои нав сохта мешаванд [1, 14].

Олимони забоншиноси тоҷик, аз қабили Д. Тоҷиев, Ш. Рустамов, Н. Шарофов, Ш. Ниёзӣ, М. Қосимова, М. Саломов, М. Муҳаммадиев, Ш. Бобомуродов ба масъалаи мазкур (калимасозӣ) аҳамияти ҷиддӣ дода, асару мақолаҳои зиёди илмӣ таълиф намудаанд.

Забоншинос М. Саломов дар як мақолааш доир ба баъзе хусусиятҳои услубии пасвандҳои калимасоз дар забони шеъри тоҷикӣ маълумот дода, вижагиҳои онҳоро дар сохтани калимаҳо дар забони шеър мавриди таҳлилу баррасии васеъ қарор додааст.

М. Муҳаммадиев дар бораи принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ ва роҳҳои он тадқиқоти зиёди илмӣ бурдааст.

Дар забони адабии тоҷик роҳҳои гуногуни калимасозӣ мавҷуд аст, ки аз онҳо тарзи морфологии калимасозӣ ва, хусусан, бо ёрии вандҳо сохтани калима нисбатан роиҷ аст. Тамоми ҳиссаҳои нутқ дар забони тоҷикӣ вандҳо ва қолабҳои хоси калимасозии худро доранд. Дар усули морфологии калимасозӣ пасвандҳои сифатсоз низ мавқеи асосиро ишғол карда, барои сохтани сифатҳо ба таври фаровон истифода мешаванд.

Пасвандҳои сифатсозро тибқи назарияи калимасозӣ ва доираи истеъмол ба се гурӯҳ - сермаҳсул, каммаҳсул ва бемаҳсул ҷудо намудаанд [2, 192; 10, 66].

Дар ин мақола мо мавқеъ ва дараҷаи истеъмоли навъҳои пасвандҳои сифатсозро дар ғазалиёти Ҷалолиддини Балхӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем ва ҳунари эҷодии шоирро дар сохтани калимаҳои сохтаи пасаванддор муайян хоҳем кард.

Дар ғазалиёти Мавлоно тамоми вандҳо (пешванду пасвандҳо)-и калимасозу шаклсоз ба таври густурда мавриди истифода қарор гирифтаанд [3, 24].

Воқеан, “Забони Мавлоно забони рамзу роз аст. Баён ва паёми вай ба забони порсии дарӣ, ки аз қудратмандии бузурги вожапардозӣ ва таркибсозӣ бархӯрдор аст, ба ваҷҳи расо сурат гирифтааст” [7, 35]. Далелҳо ва маводи гирдовардашуда нишон медиҳанд, ки Ҷалолуддини Балхӣ аз вижагиҳои хоси ҳар як ванди калимасози забони тоҷикӣ ба хубӣ огоҳӣ дошта, зимни истифода ва сохтани калимаҳо хусусиятҳои калимасозии онҳо ва ҷанбаҳои услубии онҳоро ба инобат гирифтааст.

**Пасванди -ӣ (-гӣ, -вӣ)**, ки дар сохтани сифатҳо хеле сермаҳсул аст, дар ғазалиёти шоир ба таври фаровон мавриди истифода қарор гирифтааст, масалан: *аръарӣ, торӣ, яздонӣ, Табрезӣ, кӯҳӣ, найсонӣ, зимистонӣ, аҳадӣ, зарӣ, заррагӣ, хонагӣ, тахтагӣ, машшотагӣ, девонагӣ, сагӣ, фархундагӣ, исавӣ, мӯсавӣ, ҷодувӣ, оҳувӣ* ва амсоли инҳо.

Қомати **аръарият** қомати мо дуто кард,
Нодирии зақану зулфи чу зуннор магир [5, 54].

Ай сахт гирифта ҷ**одувиро**,
Шерӣ бинмуда **оҳувиро** [4, 101].

**Пасванди -ин** сифати нисбисоз буда, Мавлоно бо истифода аз он калимаҳое сохтааст, ки бори аввал дар ашъори худи ӯ дида мешаванд. Ифодаи ин пасавандро дар ғазалиёти шоир ба чунин гурӯҳҳо тасниф намудан мумкин аст: а)

аз исмҳои маънӣ: *шармин, ишқин, нангин, зулмин, рангин, хашмин, ҷангин, дурӯгин ва ғайра.*

Чу аксию **дурӯғинӣ**, ҳама баръакс мебинӣ,

Чӣ кардӣ машварат бо зан, хилофи зан кун, ай нодон [5, 544].

б) аз исмҳои моддӣ: *гургин, гаргин, ниҳолин, хокин, дафин, далқин, сарвин, симин, сангин, оташин, заррин, оҳанин, пӯстин, камин, чӯбин, хасин, шакарин, хунин ва ғайра.*

Гӯсолаи **збарринро** он қавм парастида,

Гӯсолаи **гургинам**, гар ишқ бинапрастам [5, 290].

в) аз зарф: *пешин, аввалин, охирин, дерин:*

Дар ишқ куҷо бошад монанди ту **ишқине,**

Шоҳон зи ҳавои ту дар хирқаи **далқине** [6, 543].

**Пасванди –ина** каммаҳсул аст ва дар ғазалиёти Мавлоно низ камтар ба назар мерасад. Масалан: *симина, пашмина, лавзина, зардина, дерина:*

Он синаи **симина,** сайқалдеҳи ойина,

Он сина, ки андар худ сад боғи Ирам дорад [4, 414].

**Пасванди –она (-ёна, -гона, -вона)** сифати нисбисози сермаҳсул аст ва дар ғазалиёти Мавлавӣ ба таври васеъ истифода шудааст. Масалан: а) аз исм: *хасона, харона, сагона, шерона, ғуломона, хуршедона, ошиқона, ёрона, мардона, посбонона, каримона, хаёлона, оҳувона ва ғайра.*

Гуфто, ки хамӯш, к-ин хинги фалак,

**Лангона** равад дар маҳзари ман [5, 710].

Ду чашми **оҳувона-**ш шергир аст,

К-аз бар ман равон борони тир аст [6, 335].

*б) аз сифат: лангона, бахилона, шергирона, кӯрона, карона, ғофилона, хамӯшона, ҷуҳудона, оқилона, оромона, мастона, улёна ва ғайра.*

Ба моҳи рӯза **ҷуҳудона** май хӯр,

Биё ба базми Муҳаммад, мудом нӯш, мудом [5, 466].

*в) аз шумора: ягона, дугона, сегона.*

Ман дар аҷаб афтодам аз он қутби **ягона,**

К-аз назараш ҷумла вуҷудам ҳама ҷон кард! [6, 123].

**Пасванди –нок** аз исмҳо сифати аслӣ месозад ва дар ғазалиёти Мавлоно ба таври густурда истифода шудааст: *арафнок, шакарнок, адабнок, ишқнок, тарабнок, саҳмнок, марднок, айбнок, ғамнок, намнок ва ғайра.*

Маро ёри **шакарнокам,** агар биншонд дар хокам,

Чароғам дорад он муфлис, ки ёри муҳташам дорад [4, 268].

Суратат **саҳмноке**, ҳолатат **дардноке,**

Гардиши осиёҳо дорию печи арқам [5, 416].

**Пасванди -манд** пасванди сермаҳсул буда, бо он аз исмҳои маънӣ сифатҳое сохта шудааст, ки хислат, хосият ва ҳолати ашёро мефаҳмонанд. Мавлоно бо истифода аз он калимаҳое сохтааст, ки хоси забони худи ӯст: ҳ*ушманд, васвасаманд, захмманд, авфманд, ҳоҷатманд, қавмманд, баноманд, хашмманд, силсиламанд, орзуманд ва ғайра.*

Чӣ касам ман, чӣ касам ман, ки басе **васвасамандам,**

Гаҳ аз он сӯй кашандам, гаҳ аз ин сӯй кашандам [5, 385].

На чунон масту харобам, ки хӯрад оташу обам,

Ҳамагӣ ғарқи ҷунунам, ҳамагӣ **силсиламандам** [5, 385].

**Пасванди -ваш** пасванди бемаҳсул буда, дар ғазалҳои Мавлоно низ камтар ба назар мерасад: моҳваш (маҳваш), намадваш, хуршедваш, чалиповаш, султонваш, абрваш, гадоваш, савдоваш, ҷонваш ва ғайра.

Ман **абрваш,** ӯ **моҳваш,** ӯ рӯзу ман ҳамчу шабаш,

Ӯ ҷону ман чун қолабаш ҳайрон аз он хубию фар [5, 6].

**Пасванди –гун** каммаҳсул аст: *гулгун, майгун, дигаргун, обгун, нилгун, садгун, лаългун, бозгун.*

Сухан мақлуб мегӯям, ки карда-ст,

Ҷаҳони **бозгуна бозгунам** [5, 333].

**Пасванди –вар** низ каммаҳсул буда, дар ашъори Мавлоно кам дида мешавад: *суханвар, дидавар, номвар, забонвар.*

Гарчи маст афтода будам аз шароб,

Гашт як-як мӯй бар ман **дидавар** [6, 400].

**Пасванди –осо, -со** бемаҳсул буда, хеле кам ба назар мерасад: *нуқраосо, наҳангосо, абирсо, мушксо* ва ғайра.

Яке ҷон диҳад он дарё, ҳама оташ **наҳангосо**,

Агар дорӣ чунин ҷоне, равонаш кун, равонаш кун [5, 550].

**Пасванди –онӣ** низ пасванди бемаҳсул аст: *рӯҳонӣ, сипоҳонӣ, хусравонӣ.*

Ғанист чашми ман аз сурмаи **сипоҳонӣ,**

Зи хоки Табрез ӯро магар нисор кунед [6, 128].

**Пасванди –ак** шаклсоз буда, ба сифат маънои хурдию навозиш медиҳад ва дар ғазалиёти Мавлоно хеле зиёд истифода шудааст: *пирак, зирак, гирдак, малӯлак, ростак, пастак* ва ғайра.

**Пираке,** гандадаҳоне баста сад чангу ҷалаб,

Сар фурӯ карда зи боме, то дарафтад **зираке** [4, 239].

Азбаски забони ғазалиёти Мавлоно то андозае аз ҷиҳати услуб ҷанбаи мардумӣ дорад, дар шеъри ӯ баъзе вижагиҳои услуби гуфтугӯии пасвандҳоро низ мушоҳида карда метавонем. Масалан, дар байти зер шоир бо истифода аз пасванди *-ак* (фалсафияк) маънои таҳқиру истеҳзоро баён кардааст:

**Фалсафияк** кӯр шавад, нур аз ӯ дур шавад,

З-ӯ надамад сунбули дин, чун-к никори санамо [5, 254].

**Пасванди -вор** каммаҳсул буда, аз исм ва сифат сифатҳои нисбӣ месозад: *қиёматвор, қандвор, умедвор, бечоравор, девонавор, мардвор, мастворо, мусалмонвор, хуршедвор, шамсвор, қамарвор, маъшуқвор, харвор, исивор, қадаҳвор, созвор ва гайра.*

Тохт рухи офтоб, гашт ҷаҳон **маствор,**

Бар масали зарраҳо, рақскунон пеши ёр [5, 77].

**Пасвандҳои –сон, -сор, -фом** пешвандҳои бемаҳсул буда, дар ғазалиёти Мавлавӣ калимаҳои бо пасвандҳои мазкур сохташуда ангуштшуморанд**:** *абирсон, сабуксор, зираксор, хоксор, сабзфом.*

Сабр аз дили ман бурдаӣ, масту харобам кардаӣ,

Ку илми ман, ку ҳилми ман, ку ақли **зираксори** ман? [5, 505].

Чанд равӣ бехабар? Охир, бингар ба бом,

Бом чӣ бошад, бигӯ, бар малаки **сабзфом** [6, 155].

**Пасвандҳои –ук, -ик, -ам** пасвандҳои каммаҳсул буда, дар ғазалиёти Мавлоно низ камтар мавриди истифода қарор гирифтааст**:** *нозук, торик, наздик, борик, форам* ва ғайра.

Агар турк асту тоҷик аст, бад-ӯ ин банда **наздик** аст,

Чу ҷон бо тан, валекин тан набошад ҳеҷ мар ҷонро [5, 218].

Ҳамин тариқ, аз таҳлили мисолҳо маълум мегардад, ки Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ бо истифода аз пасвандҳои сифатсоз дар сохтани калимаҳо ва ифодаи маъноии калимаҳо саҳми назаррасе гузошта, аз як ҷониб, собит сохтааст, ки забони тоҷикӣ имконияти васее дорад, ки тавассути пасвандҳои гуногун аз дигар ҳиссаҳои нутқ сифатҳои гуногун сохта шавад ва аз ҷониби дигар, зимни истифодаи пасвандҳо ҳунари волои сухандонию суханшиносии худро нишон дода, бо ҳунари волои эҷодии худ дар такмили таркиби луғавии забони тоҷикӣ нақши назаррасе гузорад. Тавре ки аз таҳлил бармеояд, шоир

тавассути пасвандҳо як қатор калимаҳоеро сохтааст, ки онҳо дар забони адабии то замони шоир мавҷуд набуданд ва метавон як гурӯҳи калимаҳои сохтаро мансуби қалами ин шоири тавоно шуморид.

**Адабиёт**


1. Бобомуродов М. Ҷамоли мард дар фасоҳати гуфтори ӯст / М. Бобомуродов. - Душанбе: Эр-граф, 2012. – 240с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. - Душанбе, 1973.- 458 с.
3. Кабиров Х. Султони мулки сухан / Х. Кабиров. –Душанбе, 2011.-151с.
4. Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ. Девони кабир (таҳияи Алии Муҳаммадии Хуросонӣ). –Душанбе: “Дониш”, 2007, –Ҷ.1.–687с.
5. Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ. Девони кабир (таҳияи Алии Муҳаммадии Хуросонӣ). –Душанбе: “Дониш”, 2007, –Ҷ.2. –710 с.
6. Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ. Девони кабир (таҳияи Алии Муҳаммадии Хуросонӣ). –Душанбе: “Дониш”, 2008, –Ҷ.3. –772с.
7. Муҳаммад Ҳусайни Ямин. Шаҳриёре бар авранги сухан / Ҳ.Я. Муҳаммад. - Кобул, 138 хуршедӣ. -142с.
8. Муҳаммадиев М. Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ/ М.Муҳаммадиев //Масъалаҳои забони тоҷикӣ. - Душанбе, 1967.
9. Саломов М. Стилистические особенности некоторых лингвистических категорий в языке поэзии таджикско-персидской литературы (на материале анализа некоторых словообразовательных суффиксов)// М. Саломов Грамматические категории в контрастивном аспекте: Сборник научных статей по материалам международной конференции (11-14 мая 2016 г.) В 2 ч., Ч.1. – М.: МГПУ, 2016. – С.86-92, 465с.
10. Ҳалимов С., Шукурова К. Забони ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои нутқ) / С. Ҳалимов, К. Шукурова. – Душанбе, 1988. -100с.

**МУНДАРИҶА**


| ИҚТИСОД | |
|---|---|
| *Сафаров Б.Г.* ТАШАККУЛИ САРҲАДИ МЕТОДОЛОГИЯИ АРЗЁБИИ ТАҲҚИҚОТИ БЕХАТАРИИ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 7 |
| *Мирзоахмедов Ф., Воҳидов У.М.* МУВОЗИНАТИ БАЙНИСОҲАВИИ ЛЕОНТЕВ - АСОСИ БАНАҚШАГИРИИ СТРАТЕГИИ ИҚТИСОДИЁТ | 13 |
| *Бегматов А.А.* МАСЪАЛАҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ИЛМИ МОЛИЯ ВА ИНКИШОФИ МУНОСИБАТҲОИ МОЛИЯВӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР | 19 |
| *Нурализода А.Н., Воҳидов У.М.* БАЪЗЕ АЗ ҶАНБАҲОИ ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ГАРОНИИ АНДОЗ | 27 |
| *Бобоҷонов Д.Д., Давлатов Б.Р.* АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ КООПЕРАТИВҲОИ КИШОВАРЗӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 34 |
| *Маъдиев С.* ИМКОНИЯТҲОИ СУҒУРТАВИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИДОРАКУНИИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ | 39 |
| *Ҷурахонзода Б.Ҷ.* ДИВЕРСИФИКАТСИЯИ МИНТАҚАВӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ ИСТЕҲСОЛОТ | 43 |
| *Шералиев Э. Н.* ИҚТИСОДИ САБЗ - САМТИ МУҲИМИ РУШДИ СОҲАҲОИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛИИ КИШВАР | 50 |
| *Нуров Ш.С.* ТАНЗИМКУНИИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 54 |
| *Ашуров М.Н.* РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ МОЛИЯВИЮ ҚАРЗӢ ДАР НОҲИЯҲОИ НАЗДИСАРҲАДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 59 |
| *Усмонов П. Н.* МАСЪАЛАҲОИ МОЛИЯКУНОНИИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР МАМЛАКАТҲОИ ҒАРБ: ТАҶРИБАИ ҶАҲОНӢ | 63 |
| *Баишева Э.А.* БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МАРБУТ БА СОХТОРИ БУҶЕТӢ ВА МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ БУҶЕТӢ | 69 |
| *Ҳамидов А.Х.* ПЕШГӮИИ БУЗУРГИҲОИ РУШДИ БАХШИ ҒАЙРИРАСМИИ ИҚТИСОДИ ХИЗМАТРАСОНИИ ТОҶИКИСТОН | 75 |
| **ТАБИӢ** | |
| *Ҷураев Х.Ш., Наҷмиддинов А.М.* РАВАНДИ ГАРМИГУЗАРОНИИ ТАҚСИМОТИ ФИЗИКӢ ТАВАССУТИ МОДЕЛҲОИ МАТЕМАТИКӢ | 81 |
| *Улуғов О.П., Шарипов А.* ТАЪСИРИ МОДДАҲОИ НУМУЪБАХШ БА ҲОЛАТИ ҒАДУДҲОИ ГУЛУГИН ВА ТАРАҚҚИЁТИ БАҲОРИИ ОИЛАҲОИ ЗАНБӮРИ АСАЛ | 91 |
| *Саидов Б.Б.* МАСЪАЛАИ ҲАМРОҲШУДАИ ФУНКСИЯҲОИ ГАРМОНИКӢ БО НУЛҲО ВА ҚУТБҲОИ ХАРАКТЕРИ МОДУЛДОШТА | 95 |

| ҶАМЪИЯТӢ | |
|---|---|
| *Шоисматуллоев Ш., Қодиров З.Қ.* ШАРОИТҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ОМИЛҲОИ ИШТИРОКИ ШАҲРВАНДОН ДАР ҲАЛ НАМУДАНИ МАСЪАЛАҲОИ АҲАМИЯТИ МАҲАЛЛИДОШТА ДАР ШАРОИТИ АЗНАВСОЗИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН | 99 |
| *Мирзоев Ғ.* НОМУКАММАЛИИ СИЁСАТИ ИДОРИИ ҶОМЕА ЯКЕ АЗ АСОСИТАРИН ОМИЛИ БА ВУҶУД ОМАДАНИ ТЕРРОРИЗМИ СИЁСӢ | 106 |
| *Аслонова Н.Н.* ЗАРБУЛМАСАЛ ВА МАҚОЛҲО ДАР ОСОРИ НАСРИИ САДРИДДИН АЙНӢ | 114 |
| *Қосимова С., Носиров С.Ш.* ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГӢ ВА МУАММОҲОИ ҚАРОРҲОИ ИДОРАКУНИИ РОҲБАР | 118 |
| *Раҳимов Р.М., Солиев М.Н.* ДАР БОРАИ ТАРБИЯИ ИҚТИСОДИИ ДОНИШҶӮЁН ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ ИНТЕГРАЛИ МУАЙЯН | 124 |
| *Мангитов М.* ПРОБЛЕМАҲОИ АХЛОҚИИ ИЛМ | 131 |
| *Илчибекова М.О.* МУНОСИБАТҲОИ ДИАЛЕКТИКӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР | 135 |
| *Маҳмадмуродов А., Кабиров А.Т.* НАҚШИ АЛОҚАИ БАЙНИЯКДИГАРИИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ ДАР ТАШАККУЛЁБИИ МАҲОРАТ ВА ШАВҚИ ДОНИШҶӮЁН | 140 |
| *Мараҷабов С.И.* БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ОМӮЗИШИ БАРНОМАСОЗИИ ОБЪЕКТНИГАРОНИДАШУДА ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 147 |
| *Ҳаитов С.П., Мирзоев Ҳ.* УҲДАДОРИИ СОҲИБКОРИ ИНФИРОДӢ ДАР МУНОСИБАТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ | 151 |
| *Ҷиҳонова Г.А.* ПАСВАНДҲОИ СИФАТСОЗ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ МАВЛОНО ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ | 155 |
| | |
| | |

## СОДЕРЖАНИЕ


| ЭКОНОМИКА | |
|---|---|
| *Сафаров Б.Г.* РАСШИРЕНИЕ ГРАНИЦ МЕТОДОЛОГИИ ОЦЕНКА ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕГИОНОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 7 |
| *Мирзоахмедов Ф., Вохидов У.М.* МЕЖОТРАСЛЕВОЙ БАЛАНС ЛЕОНТЬЕВА - ОСНОВА СТРАТЕГИЧЕСКОГО ПЛАНИРОВАНИЯ ЭКОНОМИКИ | 13 |
| *Бегматов А.А.* МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ ФИНАНСОВОЙ НАУКИ И РАЗВИТИЕ ФИНАНСОВЫХ ОТНОШЕНИЙ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ | 19 |
| *Нурализода А.Н., Вохидов У.М.* НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКОГО АНАЛИЗА НАЛОГОВОГО БРЕМЕНИ | 27 |
| *Бабаджанов Д.Д., Давлатов Б.Р.* ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ КООПЕРАТИВОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН | 34 |
| *Маъдиев С.* СТРАХОВЫЕ ВОЗМОЖНОСТИ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОГО УПРАВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННЫМИ ФИНАНСАМИ | 39 |
| *Джурахонзода Б.Дж.* РЕГИОНАЛЬНАЯ ДИВЕРСИФИКАЦИЯ И ЕЁ ВЛИЯНИЕ НА РАЗВИТИЕ ПРОИЗВОДСТВА | 43 |
| *Шералиев Э. Н.* ЗЕЛЁНАЯ ЭКОНОМИКА - ВАЖНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ ОТРАСЛЕЙ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ | 50 |
| *Нуров Ш.С.* ГОСУДАРСТВЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ИНВЕСТИЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕГИОНАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 54 |
| *Ашуров М.Н.* РАЗВИТИЕ ФИНАНСОВО-КРЕДИТНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ ПРИГРАНИЧНЫХ РАЙОНОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 59 |
| *Усмонов П. Н.* ПРОБЛЕМЫ ФИНАНСИРОВАНИЯ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАНАХ: МИРОВОЙ ОПЫТ | 63 |
| Баишева Э.А. О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ БЮДЖЕТНОГО УСТРОЙСТВА И БЮДЖЕТНЫХ ПРАВООТНОШЕНИЙ | 69 |
| *Хамидов А.Х.* ПРОГНОЗ ПАРАМЕТРОВ РАЗВИТИЯ НЕФОРМАЛЬНОГО СЕКТОРА ЭКОНОМИКИ УСЛУГ ТАДЖИКИСТАНА | 75 |
| | |
| ЕСТЕСТВЕННЫЕ | |
| *Джураев Х.Ш., Наджмиддинов А.М.* ФИЗИЧЕСКОЕ РАСПРЕДЕЛЕНИЕ ТЕПЛА С ПОМОЩЬЮ МАТЕМАТИЧЕСКОЙ МОДЕЛИ ПРОЦЕССА ТЕПЛОПРОВОДНОСТИ | 81 |
| *Улугов О.П., Шарипов А.* ВЛИЯНИЕ СТИМУЛИРУЮЩИХ ПОДКОРМОК НА СОСТОЯНИЕ ГЛОТОЧНЫХ ЖЕЛЕЗ И ВЕСЕННЕГО РАЗВИТИЯ ПЧЕЛИНЫХ СЕМЕЙ | 91 |

| | |
|---|---|
| *Саидов Б.Б.* ЗАДАЧА СОПРЯЖЕНИЯ ГАРМОНИЧЕСКИХ ФУНКЦИЙ С НУЛЯМИ И ПОЛЮСАМИ МОДУЛЬНОГО ХАРАКТЕРА | 95 |
| | |
| **ОБЩЕСТВЕННЫЕ** | |
| *Шоисматуллоев Ш., Кодиров З.К.* СОЦИАЛЬНЫЕ УСЛОВИЯ И ФАКТОРЫ УЧАСТИЯ ГРАЖДАН В РЕШЕНИИ ПРОБЛЕМ МЕСТНОГО ЗНАЧЕНИЯ В УСЛОВИЯХ МОДЕРНИЗАЦИИ ОБЩЕСТВА ТАДЖИКИСТАН | 99 |
| *Мирзоев Г.* НЕСОВЕРШЕНСТВО ПОЛИТИКИ УПРАВЛЕНИЯ ОБЩЕСТВОМ КАК ОДНО ИЗ ОСНОВНЫХ ФАКТОРОВ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ПОЛИТИЧЕСКОГО ТЕРРОРИЗМА | 106 |
| *Аслонова Н.Н.* ПОСЛОВИЦЫ И ПОГОВОРКИ В ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ПРОЗЕ С.АЙНИ | 114 |
| *Касымова С., Носиров С.Ш.* ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ И ПРОБЛЕМЫ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО РЕШЕНИЯ РУКОВОДИТЕЛЯ | 118 |
| *Рахимов Р.М., Солиев М.Н.* ОБ ЭКОНОМИЧЕСКОМ ВОСПИТАНИИ СТУДЕНТОВ ПРИ ОБУЧЕНИИ ОПРЕДЕЛЕННОГО ИНТЕГРАЛА | 124 |
| *Мангитов М.* ЭТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ НАУКИ | 131 |
| *Илчибекова М.О.* ДИАЛЕКТИЧЕСКИЕ ОТНОШЕНИЯ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ | 135 |
| *Махмадмуродов А., Кабиров А.Т.* РОЛЬ ВЗАИМОСВЯЗИ ЕСТЕСТВЕННЫХ НАУК НА СТАНОВЛЕНИИ УМЕНИЙ И ИНТЕРЕСОВ СТУДЕНТОВ | 140 |
| *Мараджабов С.И.* НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ОБУЧЕНИЯ ОБЪЕКТНО-ОРИЕНТИРОВАННОМУ ПРОГРАММИРОВАНИЮ В ВУЗАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 147 |
| *Хаитов С.П., Мирзоев Х.* ОБЯЗАТЕЛЬСТВО ИНДИВИДУАЛЬНОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЯ В ОБЩЕСТВЕННЫХ ОТНОШЕНИЯХ | 151 |
| *Джихонова Г.А.* СУФФИКСЫ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В ГАЗЕЛЯХ ДЖАЛОЛИДДИНА БАЛХИ | 155 |

## THE CONTENTS


| ECONOMY | |
|---|---|
| *Safarov B. G.* EXPANDING THE BOUNDARIES OF THE METHODOLOGY OF ASSESSING THE ECONOMIC SECURITY OF THE REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 7 |
| *Mirzoahmedov F., Vohidov U. M.* THE INTER-INDUSTRIAL BALANCE LEONTIEV THE BASIS FOR STRATEGIC ECONOMIC PLANNING | 13 |
| *Begmatov A. A.* METHODOLOGICAL PROBLEMS OF FINANCIAL SCIENCE AND THE DEVELOPMENT OF FINANCIAL RELATIONS IN MODERN CONDITIONS | 19 |
| *Nuralizoda A. N., Vohidov U. M.* SOME ASPECTS OF THE THEORETICAL-METHODOLOGICAL ANALYSIS OF THE TAX BAR | 27 |
| *Babadzhanov D. D., Davlatov B. R.* THEORETICAL BASES OF THE DEVELOPMENT OF AGRICULTURAL COOPERATIVES IN THE REPUBLIC TAJIKISTAN | 34 |
| *Madiev S.* INSURANCE OPPORTUNITIES FOR IMPROVING EFFECTIVE PUBLIC FINANCE MANAGEMENT | 39 |
| *Juruhonzoda B. J.* REGIONAL DIVERSIFICATION AND ITS IMPACT ON THE DEVELOPMENT OF PRODUCTION | 43 |
| *Sheraliev E. N.* GREEN ECONOMY - IMPORTANT DIRECTIONS DEVELOPMENT OF NATIONAL ECONOMY INDUSTRIES | 50 |
| *Nurov Sh. S.* STATE REGULATION OF INVESTMENT ACTIVITIES IN THE REGIONS OF REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 54 |
| *Ashurov M. N.* DEVELOPMENT OF FINANCIAL AND CREDIT INFRASTRUCTURE OF THE BORDER AREAS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 59 |
| *Usmonov P. N.* PROBLEMS OF FINANCING INNOVATIVE ACTIVITIES IN FOREIGN COUNTRIES: WORLD EXPERIENCE | 63 |
| *Baisheva E. A.* ON SOME ISSUES OF BUDGETARY ARRANGEMENTS AND BUDGET LEGAL RELATIONS | 69 |
| *Khamidov A. Kh.* FORECAST OF PARAMETERS OF THE DEVELOPMENT OF THE INFORMAL SECTOR OF ECONOMICS OF SERVICES OF TAJIKISTAN | 75 |
| | |
| NATURAL | |
| *Juraev Kh. Sh., Najmiddinov A. M.* **PHYSICAL DISTRIBUTION OF HEAT USING THE MATHEMATICAL MODEL OF THE HEAT CONDUCTIVITY** | 81 |
| *Ulugov O. P., Sharipov A.* THE EFFECT OF STIMULATING SUPPLEMENTS ON THE STATE OF THE PHARYNGEL GLANDS AND THE SPRING DEVELOPMTNT OF BEE COLONIES | 91 |
| *Saidov B. B.* THE PROBLEM OF CONJUGATION OF HARMONIC FUNCTIONS WITH ZEROS AND POLES OF MODULAR CHARACTER | 95 |

| | |
|---|---|
| **SOCIAL** | |
| *Shoismatulloev Sh., Kodirov Z. K.* SOCIAL CONDITIONS AND FACTORS OF CITIZENS PARTICIPATION IN SOLVING PROBLEMS OF LOCAL IMPORTANCE IN THE CONDITIONS OF MODERNIZATION OF TAJIK SOCIETY | 99 |
| *Mirzoev G.* IMPERFECTION OF THE POLICY OF THEGOVERNMANCE OF SOCIETY AS ONE OF THE MAIN FACTORS BEHIND THE EMERGENCE OF POLITICAL TERRORISM | 106 |
| *Aslonova N. N.* PROVERBS AND SAYINGS IN S.AINY'S PROSE WORKS | 114 |
| *Kasymova S. I., Nosirov S. Sh.* PSYCHOLOGICAL FEATURES AND PROBLEMS OF MANAGEMENT DECISION OF THE OFFICIALS | 118 |
| *Rachimov R. M., Soliev M. N.* ABOUT THE ECONOMIC TRAINKING OF STUDENTS DURING LEARNING THE DEFINILE INTEGRAL | 124 |
| *Mangitov M.* ETHICAL PROBLEMS OF SCIENCE | 131 |
| *Ilchibekova M. O.* DIALECTICAL RELATIONSHIP IN MODERN SOCIETY | 135 |
| *Mahmadmurodov A., Kabirov A. T.* THE ROLE OF THE RELATIONSHIP OF NATURAL SCIENCES TO THE DEVELOPMENT OF SKILLS AND INTERESTS OF STUDENTS | 140 |
| *Marajabov S. I.* SOME QUESTIONS OF TEACHING OBJECT-ORIENTED PROGRAMMING IN HIGHER EDUCATIONAL INSTITUTIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN | 147 |
| *Haitov S. P., Mirzoev H.* THE OBLIGATION OF AN INDIVIDUAL ENTREPRENEUR IN THE FIELD OF PUBLIC RELATIONS | 151 |
| *Jihonova G. A.* ADJECTIVE SUFFIXES IN GHAZALS OF JALOLIDDIN BALKHI | 155 |
| | |

## Ба таваҷҷуҳи муаллифон

Дар маҷаллаи «Паёми молия ва иқтисод» мақолаҳое, ки натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ оид ба фанҳои табиӣ, гуманитарӣ ва иқтисодиро дар бар мегиранд, чоп мешаванд.

Мақолаҳо дар давоми сол қабул карда мешаванд. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаҳои илмиро интихоб ва ихтисор намояд.

Маводе, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд ва ё дар арафаи чопанд, қабул карда намешаванд.

Мақолаҳои пешниҳодшаванда бояд ҷавобгӯи чунин талабот бошанд:

1. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, нақша, рӯйхати адабиёт ва матни аннотатсия ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бояд аз 8 то 12 саҳифаи компютерӣ бошад.

2. Мақолаҳо дар шакли электронӣ ва дар шакли чопӣ (1 нусха) пешниҳод карда шаванд.

3. Мақолаҳо дар системаи Microsoft Word бо чунин тарз: мақолаҳои тоҷикӣ бо гарнитураи Times New Roman Tj, русӣ бо гарнитураи Times New Roman, андозаи ҳуруфи матни асосӣ – 14, рӯйхати адабиёт – 12, фосилаи байни сатрҳо – 1,5 см, сархат аз гӯшаи чапи варақ бо андозаи – 1,25 см, фосилаҳо аз боло – 3 см, аз поён – 2,5 см, аз чап – 3 см, аз рост –

2 см пешниҳод шуда, ҳамаи саҳифаҳо рақамгузорӣ карда шаванд.

4. Дар саҳифаи аввали мақола УДК, номи мақола, ному насаб ва маълумот дар бораи муаллиф (муаллифон) ва ташкилот ё муассиса, аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон нишон дода мешаванд.

5. Мақола бо аннотатсия ва калидвожаҳо бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (курсив, андозаи 12) оғоз гардида, бояд муҳтавои асосии мақоларо амиқ дар бар гирад ва дар шакли алоҳида ба нашр мувофиқ бошад (на камтар аз 5 сатр). Калидвожаҳо тасвири кӯтоҳи мундариҷаи маводи илмӣ буда, дар бораи мавзӯъ ва сохтори он маълумоти умумӣ медиҳанд ва аз 8 то 10 калима ва ё ифодаро дар бар гирифта, бо вергул ҷудо карда мешаванд.

6. Маълумот дар бораи муаллиф бояд инҳоро дар бар гирад: ному насаби пурраи муаллиф (муаллифон), дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷойи кор, суроға, телефон ва E-mail (шрифти курсив 12).

7. Иқтибосҳо дар дохили қавсҳои чоркунҷа, ба мисли [1, 24] нишон дода мешаванд. Рӯйхати адабиёт дар охири мақола бо нишон додани ҳаҷми умумии саҳифаҳои сарчашма аз рӯи алфавит бо зерсарлавҳаи «Адабиёт» оварда мешавад. Адабиёти истифодашуда қатъиян бо риояи ҳамаи меъёр ва қоидаҳои тартиби библиографӣ таҳия мегардад.

8. Ҷадвал, расм, диаграммаҳои дар мақола истифодашуда бояд қатъиян аз рӯи талаботи муқаррааргардида нишон дода шуда, рақам ва номгузорӣ карда шаванд.

9. Мақолаҳои илмии пешниҳодшаванда бояд хулосаи коршинос ва тақризи мутахассисонро барои имкони чопи мақола дошта бошанд.

10. Матни мақола бояд саҳеҳу мукаммал ва дар шакли ниҳоӣ пешниҳод гардад.

11. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаҳои илмиро ихтисор ва таҳрир намояд.

Мақолаҳое, ки ба талаботи мазкур ҷавобгӯ нестанд, қабул карда намешаванд.

## К сведению авторов

В научном журнале «Финансово-экономический Вестник» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по естественным, гуманитарным и экономическим наукам.

Статьи принимаются в течение года.

Представление в журнал работ, ранее опубликованных или принятых к печати в других изданиях, не допускается.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

1. Размер статьи должен состоять из 8-12 страниц компьютерного набора, включая текст, таблицы, рисунки, библиографию и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.
2. Материалы предоставляются на электронном носителе и в распечатанном виде (1 экземпляр).
3. Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj), размер шрифта основного текста – 14, списка литературы – 12, интервал 1,5, абзацный отступ – 1,25. Размер полей: сверху – 3 см, снизу – 2,5 см, слева – 3 см, справа – 2 см. Все страницы статьи должны быть пронумерованы.
4. Титульная страница должна содержать: УДК, название статьи (шрифт прописной 14), фамилию и инициалы автора (авторов), учреждение или организация (полностью) (шрифт строчный 14).
5. Статья начинается с аннотации и ключевых слов (шрифт строчный 12, курсив) на том языке, на котором написана статья и продолжить аннотациями на другом языке (таджикском или русском) и английском языках. Завершает статью список использованных источников. Аннотация должна ясно излагать основное содержание статьи и быть пригодной к публикации отдельно от статьи (не менее 5 строк). **Ключевые слова** должны обеспечить наиболее полное раскрытие содержания статьи, является кратким изложением содержания научного произведения, дающим обобщенное представление о его теме и структуре, оформляются через запятую (8- 10 слов).
6. Сведения об авторе должны содержать: фамилию и инициалы (полностью) автора (авторов), его ученую степень, звание, должность, место работы и контактную информацию (почтовый адрес, телефон, E-mail) (шрифт строчный 12, курсив).
7. Ссылки на цитируемую литературу даются в квадратных скобках, например, - [1, 24]. Список литературы приводится в конце статьи с общим объемом страниц источника в алфавитном порядке под заголовком «Литература» (шрифт строчный 12). Использованные источники производятся строго с соблюдением всех норм и правил оформления библиографии.
8. Использованные в статье таблицы, рисунки, диаграммы должны быть оформлены строго по установленным стандартам.
9. Научная статья, представленная в редакцию журнала, должна иметь направление учреждения, экспертное заключение и отзыв специалистов о возможности опубликования.
10. Текст статьи должен являться окончательным и быть тщательно выверен и исправлен.
11. Редколлегия оставляет за собой право отбирать материал, производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Статьи, не отвечающие настоящим требованиям, не принимаются.

Котиби масъул: Носиров С.Ш.

Муҳаррирон: Абдуллоева М.Н., Умарова Б.Ҳ., Ҳакимова Р.Н., Ҷобиров Н.

ДДМИТ, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, бинои 4

E-mail: vestnik@tgfeu.tj

Сайти ДДМИТ: www.tgfeu.tj

Ответственный редактор: Носиров С.Ш.

Редакторы: Абдуллоева М.Н., Умарова Б.Х., Хакимова Р.Н., Джобиров Н.

ТГФЭУ, г.Душанбе, ул. Нахимова 64/14, 4-й корпус

E-mail: vestnik@tgfeu.tj

Сайт ТГФЭУ: www. tgfeu.tj

**Responsible editor** : Nosirov S. Sh.

**Editors**: Abdulloeva M.N., Umarova B.Kh, Hakimova R, Jobirov N.
TSUFE, Dushanbe city, Nakhimov street 64/14, Building 4.

E-mail: vestnik@tgfeu.tj

Webpage: www.tgfeu.tj

**Layout and design F. Ubaidulloev**

Signed to print on 20/09/2018
Format 60x84 1/16. Offset paper.
The garniture is literary. Print RISOGRAPH.
The volume of 20,25 conv. b.p. Circulation 100 copies.
Printed in the printing house of FEIT

**Верстка и дизайн Ф. Убайдуллоев**

Подписано в печать 20.09.2018
Формат 60х84 1/8. Бумага офсетная.
Гарнитура литературная. Печать RISOGRAPH.
Объём 20,25 усл. печ.л. Тираж 100 экз.
Отпечатано в типографии ТГФЭУ